**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ:** 911.3 (575.3)
**ТКБ:** 65.04 (2 тоҷик)
**И** – 13

**ИБОДОВ ШУҲРАТ МАҲМАДИЕВИЧ**

# ХУСУСИЯТҲОИ ИҚТИСОДӢ – ГЕОГРАФИИ РУШД ВА ҶОБАҶОГУЗОИИ ҚУВВАҲОИ ИСТЕҲСОЛКУНАНДА ДАР НОҲИЯИ ИҚТИСОДИИ ҲИСОР

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
номзади илмҳои география, дотсент
**Қаландаров А.А.**

**ДУШАНБЕ – 2023**

**МУНДАРИҶА**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**....................3-4

**МУҚАДДИМА**……………………………...........……..........................……5-21

**БОБИ I. ТАВСИФИ ИҚТИСОДӢ–ГЕОГРАФИИ НОҲИЯИ ИҚТИСОДИИ ҲИСОР**……………………………...................……………………………….22-59

1.1. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда……………………………………………………...22-29

1.2. Мавқеи географӣ, шароит ва сарватҳои табиии ноҳия…………..…….29-50

1.3. Таърихи ташаккулёбии соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия.......…………...50-59

**БОБИ II. ХУСУСИЯТҲОИ ИҚТИСОДӢ–ГЕОГРАФӢ, РУШД ВА ҶОБАҶОГУЗОРИИ ҚУВВАҲОИ ИСТЕҲСОЛКУНАНДАИ НОҲИЯИ ИҚТИСОДИИ ҲИСОР**……………………………………………………60-104

2.1. Вазъи кунунии рушд ва ҷобаҷогузории соҳаҳои саноати ноҳия……...60-76

2.2. Хусусиятҳои иқтисодӣ – географӣ ва ҷобаҷогузории соҳаҳои кишоварзӣ…………………………………………………………………...76-94

2.3. Аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ ва проблемаҳои истифодаи самараноки онҳо дар шароити ноҳияи иқтисодии Ҳисор…………………….……………….94-104

**БОБИ III. ДУРНАМОИ РУШД, ҶОБАҶОГУЗОРИИ ҚУВВАҲОИ ИСТЕҲСОЛКУНАНДА ВА ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ ДАР НОҲИЯИ ИҚТИСОДИИ ҲИСОР**………………………..105-152

3.1. Истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ ва таъсири онҳо ба дурнамои рушди соҳаҳои саноати ноҳия……………….…………………………...105-119

3.2. Дурнамои рушди зерсоҳаҳои кишоварзӣ дар ноҳия........................119-127

3.3. Проблемаҳои иқтисодӣ – географӣ ва имкониятҳои рушди соҳаҳои наклиёт………………………………………………………………......127-141

3.4. Дурнамои рушди сайёҳӣ ва рекреатсия………………………………141-152

**ХУЛОСА**……….................................................................................................153-156

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**…………………157-160

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**…………...……………...................161-174

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**.................................................................................................................176-177

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**АМА** – Аморати Муттаҳидаи Араб;

**АМИТ** – Академияи милли илмҳои Тоҷикистон;

**АИ ҶТ** – Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**БДА** – Бозрасии давлатии автомобилӣ;

**ВКД ҶТ** – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**ВМКБ** – Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон;

**ИДМ** – Итиҳоди давлатҳои Мустақил;

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико;

**КВД** – Корхонаи воҳиди давлатӣ;

**КСЭ** – Комплекси сузишворию энергетикӣ;

**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ;

**МВт** – Мегават;

**НБО** – Неругоҳи барқии обӣ;

**НБА** – Неругоҳи барқии алавӣ;

**НТМ** – Ноҳияҳои тобеи марказ;

**СУС** – Созмони умумиҷаҳонии савдо;

**ҶСШК** – Ҷамъияти саҳомии шакли кушода;

**ҶСП** – Ҷамъияти саҳомии пушида;

**ҶДММ** – Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд;

**ҶСК** – Ҷамъияти саҳомии кушода;

**га** – гектар;

**кВт** – киловат;

**с/га** – сентнер / гектар;

**С.** – саҳифа;

**с.** – саҳифа;

**с.** – сол;

**н.** – ноҳия;

**ш.** – шаҳр;

**ғ.** – ғайра;

**ҳаз** – ҳазор;

**млн** – милион;

**млрд** – милиард;

**м –** метр;

**м³ –** метри куббӣ;

**км** – километр;

**км²** – километри квадратӣ;

**км³** – километри куббӣ;

**мм** – милиметр;

**гр –** грамм;

**кг** – килограмм;

**ҷ** – ҷамоат;

**ҷ/д** – ҷамоати деҳот;

**ҷ/ш** – ҷамоати шаҳрак;

**х/д** – хоҷагии деҳқонӣ;

**х/м** – хоҷагии моҳипарварӣ;

**х/д/м** – хоҷагии деҳқонии моҳипарварӣ.

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Тайи солҳои охир бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри пешрафти мамлакат як қатор қонун, қарор ва стратегияҳои миллӣ қабул, дар амал ҷорӣ гардиданд ва барои таъмини рушди устувори иқтисодиёти мамлакат чаҳор ҳадафи стратегӣ қабул гардид: 1. Таъмини истиқлолияти энергетикӣ; 2. Раҳоӣ аз бумбасти коммуникатсионӣ; 3. Таъмини амнияти озуқаворӣ; 4. Саноатикунонии босуръати кишвар.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки танҳо дар сурати ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бумбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босурати мамлакат, иқтисодиёт ба пуррагӣ рушд менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб 3 – ҳадафи стратегиро паси сар намудааст ва ҳадафӣ 4 – ум амалӣ шуда истодааст ва ин моро водор менамояд, ки минбъад ҳангоми бунёди иншоотҳои саноатӣ, хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаро дар мадди назар дошта бошем.

Омӯзиш ва ҷобаҷогузории оқилонаи қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияҳои иқтисодӣ аҳаммияти муҳим дорад. Ҳангоми омӯзиши қувваҳои истеҳсолкунанда, таҳқиқии сарватҳои табиӣ, аҳолӣ, дараҷаи рушди соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, на қлиёт, соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсия, инчунин муайян намудани проблемаҳои дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ҷойдошта зарурияти дар ин самт бурдани таҳқиқотро ба миён мегузорад.

Дар замони Шуравӣ, дар назди АИ ҶТ (ҳоло АМИТ) Шуъба оид ба омӯзиши қувваҳои истеҳсолкунанда ташкил шуда буд. Баъди ба даст овардани истиқлолият ва пароканда шудани Ҳокимияти Шуравӣ Шуъбаи мазкур бо сабабҳои номаълум аз фаъолият боз монд. Минбаъд баъзе олимон дар корҳои илмии худ ин ё он тарафи масъаларо ба таври умумӣ таҳқиқ намудаанду халос. Дар самти омӯзиши қувваҳои истеҳсолкунандаи ноҳияи иқтисодии Ҳисор бошад то ҳол ягон кори илмӣ – таҳқиқотӣ гузаронида нашудааст.

Мавҷудияти сарватҳои зиёди табиӣ, ба мисли захираҳои обу энергетика, маъданӣ ва ғайримаъданӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон сабаби интихоби обеъкти таҳқиқоти кори илмӣ гардид. Дар ҳудуди ноҳия азхудкунӣ ва истифодабарии сарватҳои табиӣ, рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи хоҷагии қишлоқ, нақлиёт ва раҳҳои ёфтани соҳаҳои комуникатсионӣ, сайёҳӣ ва рекреатсионӣ кам омӯхта шудааст, ки ин ҳолат мубрам будани мавзуи интихобгардидаро нишон медиҳад.

Аз ин рӯ, дар дисертатсия таҳлилу баррасии ин масъалаҳо ва пайдо намудани сабабҳое, ки ба ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи ноҳияи иқтисодии Ҳисор таъсири манфӣ мерасонанд арзёбӣ мегардад. Маҷмуи масоили мазкур мақсади омӯзиш ва ҳалли ин проблемаҳоро ба миён овард ва ин аввалин кӯшиши таҳлил ва омӯзиши хусусиятҳои иқтисодӣ – географӣ ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор мебошад.

Дар маҷмуъ, ин омилҳо аз мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ шаҳодат медиҳанд.

**Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш.** Дар омӯзиши проблемаҳои иқтисодӣ – географии қувваҳои истеҳсолкунандаи собиқ Итиҳоди Шуравӣ олимон ва муҳақиқон ба монанди Н.Т. Агафонов[1], Э.Б. Алаев[2], П.М Алампиев[3], Н.Н. Колосовский[4], А.Е. Пробст[5], Я.Г. Фейгин[6], А.Т. Хрущев[7] ва дигарон саҳми худро гузоштаанд.

---

[1] Ниг.: Агафонов Н.Т. Основные проблемы формирования производственно-территориальных комплексов СССР: автореф. дис. … д-ра геогр. наук. – Ленинград, 1970. – 39 с. (691).

[2] Ниг.: Алаев Э.Б. Проблемы экономического районирования в Германской Демократической Республике: дис. … канд. геогр. наук. – Москва, 1960. – 236 с; Алаев Э.Б. Региональное планирование в развивающихся странах: дис. … д-ра эконом. наук. – Москва, 1973. – 329 с.

[3] Ниг.: Алампиев П.М. Основные работы: «Экономическое районирование СССР» (кн. 1–2, 1959. – 63 с.); «Ликвидация экономического неравенства народов Советского Востока и социалистическое размещение промышленности» (1958. – 451 с.); «Географические проблемы развития крупных экономических районов СССР» (1964, соавтор. – 517 с.); Алампиев П.М. Экономическое районирование СССР / Науч.-исслед. экон. ин-т Госплана СССР. – Москва: Госпланиздат. В 2 т. Т. 1 1959. – 263 с.; Т. 2. – 1963. –248 с.; Алампиев П.М. Проблемы генерального экономического районирования СССР на современном этапе / П.М. Алампиев // Материалы к III Съезду Географического общества СССР. Доклады по проблеме: Экономическое районирование страны. – Ленинград: [б. и.], 1959. – 22 с.; Алампиев П.М. Экономические районы нашей страны. – Москва: Географгиз, 1961. – 96 с; Алампиев П.М. Ликвидация экономического неравенства народов Советского Востока и социалистическое размещение промышленности: (Ист. опыт Казах. ССР) / Акад. наук СССР. Ин-т экономики. – Москва: Изд-во Акад. наук СССР, 1958. – 451 с.

[4] Ниг.: Колосовский Н.Н. Основы экономического районирования. – М.: Госполитиздат, 1958. – 200 с.; Колосовский Н.Н. Теория экономического районирования. – М., 1969. – 167 с.

[5] Ниг.: Пробст А.Е. Проблемы размещения социалистической промышленности. – М.: Экономика, 1982. – 215 с.

[6] Ниг.: Фейгин Я.Г. Вопросы размещения производительных сил и развития экономических районов. – М., 1964. – 216 с.; Фейгин Я.Г. Ленин и социалистическое размещение производительных сил. – М., 1969. – 115 с.; Фейгин Я.Г. Размещение производительных сил СССР. – М.: Политиздат при ЦК ВКП (б), 1941. – 133 с.

Ин масъала дар корҳои олимони ватанӣ Д.Н. Ғуфронов[8], М Нурназаров[9], Ш.Т. Раҳмонов[10], Н.Х. Хоналиев[11], Р.Н. Ҳайдарова[12], Қ.Ш. Ҷураев[13] мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Лекин то ҳол доир ба хусусиятҳои рушди иқтисодӣ – географӣ ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор, корҳои илми назаррас ба анҷом расонида нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи равияи илмии кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки ба мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ҷаҳонишавӣ» бахшида шудааст, омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Илман асоснок намудани хулосаҳо оид ба мукамал намудани омӯзиши рушди қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ва коркарди тавсия ва пешниҳодҳо ҷиҳати истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор, бартараф намудани мушкилотҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар ноҳия нигаронида шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқот асоснок намудани ҷобаҷогузории оқилонаи қувваҳои истеҳсолкунандаи ноҳияи иқтисоди Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои мазкур вазифаҳои зерин матраҳ шудаанд:

---

7 Ниг.: Хрущев А.Т. Промышленные районы и узлы СССР. – М., 1972. – 280 с.; Хрущев А.Т. География промышленности СССР. – М., 1979 – 440 с.

8 Ниг.: Гуфронов Д.Н. Геоэкономические особенности размещения производитных сил в усовиях переходной эономики: на примере Согдийской области Республики Таджикистана: автореф. дис. ... канд. геогр. наук. – Душанб, 2017. – 153 с.

9 Ниг.: Нурназаров М. Развитие и размещение промышленности Северного Таджикистана / Под ред. канд. экон. наук У.Х. Клецельмана; АН Тадж. ССР. Ин-т экономики. – Душанбе: Дониш, 1974. – 109 с.

10 Ниг.: Рахмонов Ш.Т. Экономико – географичские пробемы размишения производитных сил Таджикистана в усовиях трансфармируемой экономики: на примере Зеравшанского региона: автореф. дис. ... канд. геогр. наук. – Душанбе, 2010. – 166 с.

11 Ниг.: Хоналиев Н.Х. История равития и размещение промышленности Таджикистана в 1924-2005 г.: автореф. дис. ... д-ра эконом. наук. – Душанбе, 2009. – 240 с.

12 Ниг.: Ҳайдарова Р.Н. Экономико – географическая проблема развития Гиссаро-Вахшского промышленного района. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 110 с.

13 Ниг.: Джураев К.Ш. Развитие и развитие производительных сил Таджикистана: автореф. дис. ... д-ра геогр. наук. – Москва, 1972. – 206 с.;

– таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ;

– омӯзиши таърихи ташаккулёбии соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия;

– омӯзиш ва таҳлили мавқеи географӣ, шароит ва сарватҳои табиии ноҳияи иқтисодии Ҳисор;

– таҳлил ва арзёбӣ намудани вазъи кунунии рушд ва ҷойгиршавии соҳаҳои саноати ноҳия;

– муайян намудани роҳҳои ҷобаҷогузории соҳаҳои кишоварзии ноҳия;

– арзёбӣ намудани аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ ва проблемаҳои истифодаи самараноки онҳо дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор;

– самаранок истифодабарии сарватҳои табиӣ ва муайян намудани таъсири он ба дурнамои соҳаҳои саноати ноҳия;

– муайян намудани дурнамои рушди зерсоҳаҳои кишоварзӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор;

– таҳлил ва ошкор намудани проблемаҳои иқтисодӣ – географӣ ва имкониятҳои рушди соҳаҳои нақлиёт;

– пешниҳоди самтҳои афзалиятноки соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсия дар ноҳия.

**Объекти таҳқиқот** хусусиятҳои иқтисодӣ – географии инкишоф ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор маҳсуб меёбад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** раванди оқилона ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ба мақсади пешрафти ноҳия ва тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асосноккунӣ, таҳлил, таҳия ва коркарди механизмҳои рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор, дар шароити гузариш ба иқтисодӣ бозорӣ мебошад.

Диссертатсия дар асоси мавқеи устувори таҳқиқоти ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузоии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор гузаронида шудааст ва барои боз ҳам беҳтар намудани ҳолати ҷобаҷогузоии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ҷиҳати рушди вазъи иқтисодӣ – географии ноҳия дар соҳаи мазкур як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Навоварии таҳқиқот, инчунин дар он ифода мегардад, ки то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур ба таҳқиқоти комплексии монографӣ фаро гирифта нашудааст. Ҳамзамон дар давраи муосир ба омӯзиши хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузоии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор баҳри коркарди механизмҳои нави татбиқи дурусти он талабот вуҷуд дорад. Диссертатсияи мазкур аввалин кори илмие мебошад, ки дар он кӯшиши гузаронидани таҳқиқоти комплексии хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузоии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба амал бароварда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот**. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд перомуни такмил додани ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи кишвар мусоидат намояд. Дастовардҳои илмиро метавон дар раванди таълими фанҳои географияи табиӣ, географияи иқтисодӣ – иҷтимоии Тоҷикистон, геоэкология, сайёҳӣ ва рекреатсия ва ғайра дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Зимни анҷом додани таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд, аз ҷумла:

1. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили масоили назариявӣ ва методологии ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор исбот карда шуд, ки он ҷанбаҳои гуногуни мушкилоти иқтисодӣ ва экологиро муайян намуда, дар ҳалли масъалаҳои муҳимми муносибатҳои байни табиат ва ҷомеа фаъолона иштирок мекунад.

Дар доираи васеи вазифаҳои ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда чунин мушкилотҳоро асосӣ ва аҳаммиятнок мешуморем:

– азхудкунӣ ва истифодаи оқилонаи комплексии сарватҳои табиӣ дар истеҳсолоти минтақа;

– баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳои гуногуни ноҳия, аз ҳисоби рушд додани соҳаҳои хоҷагии халқи минтақа;

– рушди иқтисодиёти минтақавӣ бо дарназардошти ҳайати этникӣ, динӣ, анъанаҳои миллӣ ва хусусиятҳои ҳаёти аҳолӣ;

– ҷанбаҳои экологии рушд ва тақсими қувваҳои истеҳсолкунанда.

Тараққиёти иқтисодиёти ноҳия бо оқилона ҷойгир намудани қувваҳои истеҳсолкунанда ниёз дорад, зеро самаранокии иқтисодӣ ҳамон вақт ба даст оварда мешавад, ки барои истихроҷ, коркарди ашёҳои хоми саноатӣ, истеҳсол ва кашонидани маҳсулот, ҷалб намудани қувваи коргарӣ, сӯзишворӣ, барқ ва нақлиёт маблағ кам сарф шавад. Вобаста ба ин, яке аз масъалаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти ноҳия, ин коркарди комплексии сарватҳои табиӣ мебошад.

2. Ноҳияи иқтисодии Ҳисор аз лиҳози географӣ, шароит ва сарватҳои табиӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Исботи ин гуфтаҳо мавҷудияти гилҳои ба оташ тобовар дар ноҳияи Турсунзода (Ташқунат), Варзоб (бо ангишт якҷоя дар кони ангишти Зиддӣ: 5,5 млн тонна ангишт, захираи сафедхоки (каолинит) ба оташ тобовар 62 076 ҳаз. тонна)-ро ташкил менамояд. Бинобар ин, дар асоси захираи ин ашёи хом, дар оянда бунёди заводи истеҳсоли хишти ба оташ тобовар, барои хумдонҳои мелаллургиро мувофиқи мақсад мешуморем.

Конҳои маъдани волфрам бошад, дар қаторкуҳҳои Ҳисор – конҳои Майхӯра, Кабутӣ, Такфон ва Сармад ҷойгир шудаанд. Корҳои геологии солҳои минбаъда нишон дод, ки дар ин кон ғайр аз волфрам маъдани руҳ,

мис, висмут, кадмий ва индий мавҷуд аст. Аз ин лиҳоз, дар базаи ин конҳо бунёди сохтмони корхонаи коркарди маъданро ба роҳ мондан мумкин аст.

Дар соҳили рости дарёи Такоб кони кварсдори Такоб мавҷуд аст, ки ғафсии қабати кварсдор дар он то ба 300 метр мерасад. Исбот карда шуд, ки захираи кварси категорияҳои А+В зиёда аз 218 000 тоннаро ташкил медиҳад. Дар асоси ин кон бунёд намудани корхонаи истеҳсоли шиша дар ноҳияи Варзоб, ки он барои сеххҳои омода намудани дару терезаҳои ш. Турсунзода мувофиқи матлаб аст.

Дар ноҳия 32 кони масолеҳи сохтмонӣ мавҷуд буда, аз онҳо 6 – тоашро кони сангҳои сохтмонӣ, 5 – тоашро кони гил ва гилхок, 4 – тоашро кони гач ва 5 кони оҳаксанг ташкил медиҳанд. Ҳоло 4 кони гил ва гилхок, 5 – кони оҳаксанг ва 1 кони санги сохтмонӣ аз худ карда шудааст. Дар асоси ин конҳо дар ноҳияи Рӯдакӣ ва шаҳри Ҳисор корхонаҳои саноати бунёд гардида аҳолиро қисман ба маҳсулотҳои индустрияи бинокорӣ (хишт, оҳак, сангҳои сохтумонӣ) таъмин менамоянд. Ҳамин тариқ мо метавонем, ки дар ноҳияи Варзоб дар асоси мавҷуд будани кони асбест, ки дар байни ҷинсҳои кӯҳии аҳди полеозой кашф карда шудааст, бунёд намудани корхонаи саноатии истеҳсоли қубурҳои асбестӣ, плитаҳои асбест инчунин истеҳсоли бомпушҳои асбестиро ба роҳ монем.

Конҳои фосфорит асосан дар қаламрави қаторкуҳи Ҳисор (Зиддӣ) ҷойгир шудаанд. Кони Зиддӣ аз 8 – қабати фосфордиҳанда иборат буда, ғафсии ҳар қабат 1 – метр ва аз ин зиёдтар мебошад. Захираи умумиаш 2 млн тонна буда, дар таркибаш оксиди фосфор ба ҳисоби миёна 8,2%– ро ташкил менамояд. Дар асоси ин кон бунёд намудани корхонаи истеҳсоли нуриҳои менералӣ (фасфарӣ) дар ноҳияи Варзоб ба роҳ метавон монд, ки қисми зиёди заминҳои кишварро бо нуриҳои гуногуни фосфории маҳсулоти менералии табиӣ болозикр таъмин менамояд.

Чӣ хеле, ки таҳқиқотҳо собит менамоянд, сарватҳои табиӣ сарчашмаи ҳаёт буда, воситаи асосии истеҳсолот ба ҳисоб мераванд. Яке аз муаммоҳои асосии ҳозира истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар ноҳия мебошад.

Ҷалби сарватҳои табиӣ дар истеҳсолот ва муайян намудани таъсири онҳо дар рушд ва ҷобаҷогузории истеҳсолот тадбирҳои иловагиро тақозо менамояд. Дар шароити ҳозира, бояд ҳамаи ташкилотҳои дахлдор кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки роҳҳои ҷалби сарватҳои табиӣ ва таъсири онҳоро дар рушд ва ҷобаҷогузории истеҳсолот, вобаста ба минтақаҳои алоҳидаи ноҳия муайян карда шавад.

3. Таҳлили таърихи ташаккулёбии соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи иқтисодии Ҳисор моро водор сохт, ки онро ба чунин давраҳо ҷудо намоем:

– дараҷаи баланди рушди соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи иқтисодии Ҳисор, ки ба солҳои 1971 – 1990 рост меояд. Дар ин давра дар шаҳри Турсунзода заводи алюминий сохта шуд, ки ба рушди иқтисодии ноҳия ва мамлакат таъсири назаррас расонид. Бо мақсади рушди саноати мошинасозӣ дар шаҳри Душанбе корхонаҳои Текстилмаш (истеҳсоли мошинаҳои бофандагӣ), Торгмаш (мошинаҳои майшӣ), заводҳои яхдонбарорӣ, арматурбарорӣ сохта ба истифода дода шуда буданд;

– дар рафти омӯзиш маълум гардид, ки пахтакорӣ дар ноҳия аз солҳои 1880 оғоз гардида, танҳо кишти навъи пахтаи ғӯза гузаронида мешуд ва дар охири асри XIX ва аввали асри XX пахтакорӣ дар ноҳия ба пурраги рушд намуда, маҳсулоти содиркунандаи ноҳия гардид;

– дар рафти таҳқиқ маълум гардид, ки аз соли 1913 сар карда, ворид намудани нуриҳои азотӣ шуруъ гардид, ки баъд аз ин ҳосили заминҳои кишт дучанд гардид;

– аз соли 1930 сар карда, дар ноҳия таъсис додани колхозу савхозҳо оғоз ёфт, ки боиси пешрафт ва истифодаи босамари заминҳои кишт ва аз як замин бардоштани то ду ҳосил оғоз гардид.

– аз соли 2006 ҳаҷми умумии маҳсулот ҳамагӣ 65 дарсади давраи соли 1991-ро ташкил намуд. Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон (27 июни соли 1997) яке аз роҳҳои муҳими минбаъд ба низом овардани пешрафти иқтисодӣ гардид. Яке аз комёбиҳои муҳими замони истиқлолият дар ноҳия ин сохтмони шоҳроҳи автомобилгарди Душанбе – Турсунзода, Душанбе – Ваҳдат, Душанбе – Варзоб нақби Истиқлол мебошанд, ки ноҳияро пурра аз бумбасти камуникатсиони баровардааст.

4. Дар асоси таҳқиқи вазъи кунунии рушд ва ҷобаҷогузории соҳаҳои саноат ва сабабҳои асосии ноустувории самаранокии ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда таҳқиқу ташхис шудаанд.

Баъди таҳлили вазъи кунунии рушд ва ҷобаҷогузории соҳаҳои саноати ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба хулоса омадем, ки сарфи назар аз муваффақиятҳои дар зарфи 31 соли истиқлолият бадастомада, дар соҳаи саноати ноҳия мушкилотҳои зерин боқӣ мондааст:

– корхонаҳои саноатии ноҳия бо сабаби номукаммал будани танзими гумрукию тарифӣ, ба имкониятҳое, ки узвият дар СУС ба онҳо медиҳад, истифода карда наметавонанд. Масалан, меъёрҳои гумрукӣ барои воридоти матоъҳои пахтагин ва қолинҳо нисбат ба меъёрҳои пешбининамудаи СУС ба маротиб паст мебошад. Маълумоти омории давлатҳои шарик нишон медиҳад, ки дар бозори дохилии мамлакат маҳсулот бе сертификати мутобиқат ва пардохти боҷи гумрукӣ фурӯхта мешавад. Ба Тоҷикистон маҳсулот аз рӯйи вазн бе дарназардошти дона ва ҷуфт ворид карда мешавад. Ин принсипҳои рақобати солимро дар байни маҳсулоти воридотӣ ва ватанӣ вайрон менамояд;

– норасогии захираҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ ва баланд будани фоизи қарзи бонкӣ: фоизи бонк аз 22% то 36% – ро дар як сол ташкил менамояд, ки ин аз сатҳи миёнаи даромаднокии корхонаҳои саноатӣ баландтар аст ва чунин сатҳи баланди фоизҳо ба зарари аксар корхонаҳо оварда мерасонад;

– фарсудашавии таҷҳизоти истеҳсолӣ ва инфрасохтор, ки боиси паст гардидани сифати маҳсулот, харҷи зиёди энергия, меҳнат, масолеҳ ва коҳиши рақобатпазирии маҳсулот дар корхонаи саноатӣ мегардад.

5. Аз таҳлилҳо оид ба хусусиятҳои иқтисодӣ – географӣ ва ҷобаҷогузории соҳаҳои кишоварзӣ маълум гардид, ки ноҳияи иқтисодии Ҳисор аз заминҳои корам бой буда, аз онҳо дар як сол то ду ҳосил ба пурагӣ ҷамъоварӣ кардан мумкин аст.

Яке аз омилҳои асосие, ки ба коҳишёбии майдони умумии кишт таъсир мерасонад, ин аз гардиши кишоварзӣ боз мондани заминҳои кишт ва гузаронидани заминҳо аз як категория ба категорияи дигар аст.

Коҳиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ вобаста аз паст шудани нархи баъзе аз маҳсулотҳои кишоварзӣ, норасоии маблағҳои пулӣ, фарсудашавии техникаи кишоварзӣ, баланд шудани нархи нуриҳои минералӣ, қисмҳои эҳтиётии техникаҳои кишоварзӣ, маводҳои сӯзишворию молиданӣ ба амал омада истодааст, ки оянда низ, агар ҳамин ҳолатҳо давом ёбад, боз ҳам ҳосилнокии заминҳо бештар коҳиш меёбанд.

6. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор 58,5% аҳолӣ дар деҳот истиқомат намуда, он ба дараҷаи таъминоти аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад. Шумораи деҳотҳои хурд хеле зиёд буда, зиёда аз 80% аҳолӣ дар соҳаи кишварзӣ бо кор банд мебошанд. Аз ҷиҳати таносуби аҳолии шаҳр дар миёни ноҳияҳои маъмурии таҳқиқшаванда, Ваҳдат ва Турсунзода пешсаф мебошанд.

Аҳолии ноҳия нобаробар ҷойгир шуда, ба он хусусиятҳои таърихӣ ва табиӣ, инчунин сиёсати демографии собиқ Шуравӣ, рушди илму техника ва соҳаҳои хизматрасонӣ низ, таъсири зиёд расонидааст.

Зимни таҳлили масъалаи мазкур чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор яке аз проблемаҳои муҳимми ноҳия ба шумор меравад.

Бо вуҷуди он, ки захираҳои меҳнатӣ ҳамасола дар ноҳия афзоиш меёбанд, ба машғулиятҳои расмӣ фаро гирифтани аҳолии ноҳия, ҳамоно ташвишовар боқӣ мемонад.

Ба ақидаи мо ягона роҳи ҳалли масъалаи мазкур дарёфт ва ташкили ҷойҳои кории аҳолӣ бо роҳи сохтмони корхонаҳои саноатии меҳнатталаб ба шумор меравад.

7. Дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки зиёдшавии мунтазами шумораи аҳолӣ, афзоиши бекорӣ, баландравии арзиши захираҳои энергетикӣ ва истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои замину об боиси баландшавии нархи маҳсулоти озуқаворӣ гардидааст, ки ин ҳолатро ҳамчун шуруъшавии мушкилоти саноатӣ дар минтақа арзёбӣ намудан мумкин аст.

Дар ноҳия бунёди корхонаҳои истеҳсоли гач, оҳак, хишт ва семент дар базаи ашёи хом мувофиқи мақсад аст. Дар заминаи заводҳои семент сохтмонӣ заводи шифер ва хишт низ, аҳаммияти калони иқтисодӣ дорад.

Дар саноати хӯроквории ноҳия бо вуҷуди динамикаи мусбат, таъминот бо махсулоти алоҳида дар сатҳи паст қарор дорад. Дар мавриди шиддат гирифтани мушкилоти норасоии озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ ва ҷаҳон, худтаъминкунии нопурра бо озуқаворӣ пайдо мегардад, ки монеаҳои эҳтимолӣ барои ворид намудани маҳсулотҳои озуқаворӣ дар ноҳия ба миён меоянд.

Захираҳои энергияи обии дарёҳои хурд аз рӯйи иқтидор 10% захираҳои эҳтимолии ноҳияро ташкил дода, вобаста ба шароитҳои мавҷудаи дарёҳои Варзоб ва Кофарниҳон дар онҳо сохтмони 50 адад НБО – и хурду миёна имконпазир аст. Сохтмони НБО имкон медиҳад, ки аҳолӣ бо қувваи барқ таъмин гардида, корхонаҳои нави барқталаб дар ноҳия бунёд карда шаванд. Сохтмони НБО ғайр аз истеҳсоли қувваи барқ, инчунин дар оббёрӣ кардани заминҳо, ташкил намудани хоҷагии моҳипарварӣ, мавзеъҳои истироҳатӣ ва сайёҳӣ, нигоҳдории сел ва дигар мақсадҳо мусоидат менамоянд.

Дар дурнамо ғайр аз саноати электроэнергетика, дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор, инчунин рушд додани саноати сӯзишворӣ низ, имконпазир аст.

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор аз захираҳои тилло ва элементҳои камёфт бой буда, истихроҷ ва коркарди онҳо ба рушди иқтидори иқтисодии ноҳия мусоидат мекунад. Масалан, азхудкунии кони полиметалии Такоб ва конҳои тиллои ноҳияи Ваҳдат – Пакрут конҳои ояндадор ба ҳисоб меравindependent. Сиёсати саноатиро дар ҷодаи рушди соҳаи истихроҷи маъдан, бояд на танҳо бо мақсади ба даст овардани консентрат, балки барои истеҳсоли маҳсулоти тайёр, ҳатто то истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ, алоқаманд кардан лозим аст. Ин имконият медиҳад, ки аз содироти консентратҳои маъдандори нархи арзондошта даст кашида, ба содироти маҳсулоти тайёри метали қимматбаҳо гузарем. Аз ҳама муҳим он аст, ки дар давраи рушди минбаъдаи инқилоби илмӣ – техникӣ талабот ба метал ва элементҳои полиметалии камёб зиёд гардида, нархи онҳо дар бозори ҷаҳонӣ бо таври ҳамешагӣ баланд мегардад. Зиёд шудани талабот ба металҳои ранга водор месозад, ки дар оянда, дар назди конҳои дар боло номбаршуда, заводи металургӣ сохта шавад.

Бе рушди маҳсулотҳои химиявии ватанӣ ба рушди баланди истеҳсолоти кишоварзӣ расидан ғайриимкон аст. Яке аз хусусиятҳои асосии суст ташакул ёфтани соҳаҳои кишоварзӣ дар ноҳия ва ҷумҳурӣ, ин дастрас набудан ва арзиши баланду сифати паст доштани нуриҳои минералии воридшаванда мебошад. Барои таъминоти эҳтиёҷоти минтақа бо маҳсулоти химиявӣ, дар пояи конҳои ангишти Зиддӣ ва Сайёди ноҳия, сохтмони завод оид ба истеҳсоли маҳсулотҳои химиявӣ зарур ва ҳатмӣ мебошад.

Дар қаламрави ноҳия зиёда аз 32 конҳои масолеҳи сохтмонӣ ёфт шудааст. Дар заминаи ин конҳо сохтмони корхонаи масолеҳи сохтмонӣ ҷойгир намудан мувофиқи мақсад аст. Ҷойгир намудани ин корхона имкон медиҳад, ки як қисми аҳолии қобили меҳнат соҳиби ҷойи кор гардида, ворид намудани сангҳои сохтмонӣ бо нархи гарон аз берун қатъ шавад. Аз худ намудани ашёи хоми маҳаллӣ, боиси баланд гардидани иқтисодиёти ноҳия мегардад.

8. Оид ба вазъи кунунии соҳаҳои кишоварзӣ таҳқиқот гузаронида, маълум намудем, ки дар ноҳия бунёди боғҳои интенсивӣ ва токпарварӣ хуб рушд ёфтаистодааст ва дурнамои тараққиёти ҳудудии онҳо сол то сол афзудаистодааст. Дар асоси соҳаи токпарварии ноҳия, дар шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор ва Шаҳринав корхонаҳои нав оид ба коркарди саноатии ангур ва истеҳсоли коняк, вино бунёд шудаистодааст, ки ҷавобгӯи омилҳои географӣ мебошад. Дар натиҷа корхонаҳои хурди саноатӣ дар асоси хоҷагиҳои деҳқонии боғдорӣ ва ангурпарварии шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор ва ноҳияи Шаҳринав ва Файзобод рушт дода метавонем.

Агар дар ноҳия ҳамаи он корҳои болозикр ташкил карда шаванд, мо метавонем, ки дар шаҳрҳои Турсунзода ва Ҳисор, инчунин ноҳияи Шаҳринав равияи сайёҳии эносайёҳиро ба роҳ монем

Бо дарназардошти ҳамаи унсурҳои эносайёҳӣ, бояд эътироф кард, ки консепсияи тараққиёти онро яке аз консепсияҳои тараққиёти деҳот эътироф кардан мумкин аст. Рушди эносайёҳӣ, махсусан барои ноҳияҳое, ки ангурпарварӣ махсус гардонида шудааст, муфид аст, ки дар ин соҳаи сайёҳӣ истеҳсоли вино нақши муҳимро мебозад.

Аз сабаби кам будани заминҳои кишт ва аҳолии барзиёд, дар заминҳои лалмӣ ва доманакуҳҳо ташкил намудани боғу токпарварӣ ва заминдорӣ бо усули ташкили террасаҳо, мувафиқи мақсад аст.

9. Ҳангоми омӯзиши проблемаҳои иқтисодӣ – географии соҳаҳои нақлиёт дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор, ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

– бунёди автомагистрал дар атрофи шаҳри Душанбе барои нақлиёте, ки аз қисмати шимол ба ҷануби кишвар ҳаракат мекунанд ва баракс, ки он ба бартараф намудани мушкилотҳои тамбашавӣ дар роҳҳои марказии ш. Душанбе мегардад;

– зудтар ба анҷом расонидани сохмони роҳҳои оҳане, ки дар байни Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоя ба нақша гирифта шудааст;

– сохтани фурӯдгоҳи иловагӣ ва минбаъд таъмини онҳо бо ҳавопаймоҳои давлатӣ;

– паст намудани нархи нефт ва ё гузаштан ба истифодаи қувваҳои алтернативӣ, бо мақсади беҳтар намудани сатҳи зиндагонии сокинони ноҳия;

– бунёди метро дар шаҳри Душанбе, барои беҳтар намудани вазъи нақлиёти мусофиркашонӣ дар ноҳия.

10. Омӯзиши дурнамои рушди сайёҳӣ ва рекреатсия нишон дод, ки дар шароити кунунунии ноҳияи иқтисодии Ҳисор, дар оянда рушд додани соҳаи сайёҳӣ ва ҷалби сайёҳон, метавонад дар пешрафти ноҳия ва пайдо намудани ҷойҳои кории нав мусоидат намояд.

Дар ноҳия барои ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда, мо метавонем, ки дар ин асос рушд додани сайёҳии саноатӣ, сайёҳии намоишӣ, агросайёҳӣ, эносайёҳӣ ва сайёҳии экологии деҳотро ба роҳ монем, ки он асосан ба рушди саноат ва кишоварзӣ вобастагии калон дорад.

1. Сайёҳии саноатӣ танҳо дар шароити бехатар барои меҳмонон имконпазир аст. Ин соҳаи сайёҳиро дар шаҳри Душанбе, Турсунзода, Ҳисор ва Ваҳдат ба роҳ монда метавонем;

2. Агросайёҳӣ барои он тарҳрезӣ шудааст, ки шахсе, ки аз шаҳр ва ғавғои он хаста шудааст, ҳарчанд муддати тӯлонӣ набошад ҳам, барои истироҳати шоиста роҳу восита ҷустуҷӯ менамояд. Мо ин навъи сайёҳиро дар ноҳияҳое, ки ба кишоварзӣ махсус гардонида шудаанд, рушт дода метавонем, хусусан дар ноҳияҳои Шаҳринав, Файзобад, Рӯдакӣ, Ҳисор;

3. Сайёҳии экологии деҳот як навъ фарҳангест, ки бо мақсади эҳсос намудани баҳрабардорӣ аз зебоиҳои табиӣ ва рушди иқтисодӣ – иҷтимоии аҳолии маҳаллӣ дар муҳити зист, ки мо метавонем дар тамоми ноҳияҳои иқтисодии Ҳисор ба роҳ монем.

Барои ноил гардидан ба рушди ин соҳаҳои сайёҳӣ, чунин имкониятҳо дар ноҳия мавҷуд аст:

– мавқеи мусоиди ҷойгиршавии географӣ, ки ба ҷалби сайёҳон мусоидат хоҳад кард;

– вазъи муътадили сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ноҳия, ки боиси ҷалби сайёҳон шуда метавонад;

– имкониятҳои рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ, ҳангоми самаранок истифода намудани захираҳои сайёҳии мавҷуда ва инфрасохтори сайёҳӣ;

– ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва дохилӣ барои маблағгузории рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар ноҳия;

– инкишоф додани иқтидори иқтисодӣ аз ҳисоби рушди бозори хизматрасонӣ.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути истифодаи усулҳои умумӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонуниятҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуктаҳои назари илмии муосирро оид ба ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи саҳроӣ бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сомонаи расми www.prezident.tj ва ғайра тартиб ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 25.00.24 – Географияи иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва рекреатсионӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, инчунин ба мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо, ки дар конференсияҳои илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод шудаанд асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Илова бар ин, аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърӯзаҳо, дар конференсияҳои илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ироа гардидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** Диссертатсия дар кафедраи географияи иқтисодӣ–иҷтимоии факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода ва мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст. Мазмуни асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаву маҷмӯаҳо ба табъ расидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ба тариқи маърӯза аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳод гардидаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– «Роҳҳо ва самтҳои истифодабарии самаранокии захираҳои обии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Обҳои дохилии водии Ҳисор ва роҳҳои оқилона истифодабарии онҳо». – Душанбе, 11.10.2018 с.;

– «Бехатарии обӣ – асоси рушди устувор» – маърӯза дар мавзуи «Таъсири офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти ҷамоатҳои маҳаллии водии Ҳисор». – Душанбе, 6–7.09.2022 с.

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– «Муҳиммияти рушди сайёҳии дохилӣ» – маърӯза дар мавзуи «Нақши ландшафтҳои антропогении водии Ҳисор дар рушди туризм ва рекреатсия». – Душанбе, 14.03.2017 с.;

– «Роғун» – маърӯза дар мавзуи «Таърихи рушд ва дурнамои энергетикаи ноҳияи иқтисодии Ҳисор». – Душанбе, 17.10.2019 с.;

– «Масъалаҳои экологии имрузаи оби тоза ва саҳми он дар рушди устувори ҷомеъа» – маърӯза дар мавзуи «Тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба пиряххои ноҳияи иқтисодии Ҳисор». – Душанбе, 15.11.2020 с.;

– «Захираҳои обӣ: ҳолат, нигоҳи нав ва дурнамои рушд» – маърӯза дар мавзуи «Ташаббусҳои созандаи асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–пешвои миллат дар иншооти бузурги аср, Роғун». – Душанбе, 05.04 2021 с.;

– «Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» инчунин 80–солагии профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Алишер Ҷӯраев дар мавзуи «Рушди илмҳои табиатшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Шароитҳои иқлимӣ ва таъсири онҳо ба захираҳои обии пастхамии Зиддӣ». – Душанбе, 08.12.2021 с.;

– «Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» инчунин 80–солагии профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Алишер Ҷӯраев дар мавзуи «Рушди илмҳои табиатшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Проблемаҳои иқтисодӣ – географӣ рушди соҳаҳои нақлиёт дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор». – Душанбе, 08.12.2021 с.;

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва муҳтавои асосии он аз ҷониби диссертант 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашриёҳои дигар ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулоса ва тавсиҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 177 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ I. ТАВСИФИ ИҚТИСОДӢ–ГЕОГРАФИИ НОҲИЯИ ИҚТИСОДИИ ҲИСОР

## 1.1. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда

Масъалаи рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда, яке аз масъалаҳои муҳимтарини омӯзиш дар ноҳияҳои иқтисодии мамлакат буда, барои ба нақша гирифтани инкишофи хоҷагии халқи ноҳия асоси объективӣ ба вуҷуд оварда, алоқаи иқтисодии қисмҳои алоҳидаи ноҳияро ба танзим медарорад.

Ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи ноҳияҳои иқтисодӣ яке аз роҳҳои имконпазири раванди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аст ва дар ниҳояти кор ба тағйир ёфтан дар сохтори хоҷагии халқ мебошад. Барои идораҳои давлатӣ бо назардошти қарорҳои хоҷагии халқ, тақсимоти ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда – ин имкони интихоби ҳамаи унсурҳои иқтисодӣ дар ноҳияҳои иқтисодӣ, ки барои меҳнати камтар, вақт ва сарфи ками мол имкон аст, ки на танҳо барои ба даст овардани маҳсулотҳои банақшагирифташуда дар соҳаҳои иқтисодиёт, балки барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ дар ноҳия мебошад. Ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолии ҷомеа бе назардошти вазифаҳои мониторинги иқтисодӣ номумкин аст[14].

Ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолӣ таърихан тағйирёбандаанд. Зери таъсири қонунҳои объективӣ, омилҳо ва шароитҳое, ки барои назорати ноҳияи иқтисодӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, марҳилаи рушди он мебошад. Унсурҳои асосии консепсия қувваҳои истеҳсолӣ ин захираҳои меҳнатӣ ба шумор мераванд, ки иштирокчиёнро дар истеҳсолоти иҷтимоӣ, воситаҳои истеҳсолот ва воситаҳои меҳнатро дар бар мегиранд.

Ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда аз нуқтаи назари ташкилотҳои ҳудудии худ, яъне созишномаи ҳамгироӣ, ҳамоҳангсозӣ, ки тақсимоти объектҳои иқтисодиро дар ҳудуди худ мефаҳмонад, омӯхта

[14] Ниг.: Джураев. А.Д., Мухамадиев Р.Р. Размещение производительных сил и экономика районов – Душанбе: Маориф, 1991. – С. 6.

мешавад. Аз ин рӯ, омӯзиши соҳаҳои саноат, бояд бо дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, захираҳои меҳнатӣ ва муҳити табиӣ ошкор карда шавад. Бинобар ин, маҳалли ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолӣ дар консепсияи худ, дар нигоҳ доштани объектҳои иқтисодӣ, аз хусусиятҳои техникию иқтисодии раванди истеҳсолот ва манбаъҳои муайяни ашёи хом, сӯзишворӣ ва энергия иборат мебошад.

Қисматҳои дар боло зикршудаи барномаҳо дар асоси омӯзиши ҳисобҳои системавӣ вобаста ба тараққиёти ҳар соҳа, бояд ба роҳ монда тавонем Дар раванди омӯзиш ва таҳқиқот ҳои илмӣ масъалаҳои барномавии иҷтимоӣ – минтақавӣ аҳаммияти калон пайдо намудаистодаанд. Бинобар он, дар тартиб додан ва гузарондани таҳқиқотҳои илмӣ ба барномаҳои мақсадноки иқтисодӣ, соҳавӣ, минтақавӣ, ноҳиявӣ бояд диққати ҷиддӣ дода шавад.

Ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда, ки таҳқиқоти илмии худро дар асоси принсипҳои соҳаҳои саноат таҳия мекунад, асоси усулҳои илми системанокӣ ва математикиро истифода мебарад.

Дар ҷойгир намудани қувваҳои истеҳсолкунанда, таъсири омили демографӣ хело зиёд аст. Зеро ки дар иқтисодиёт он на фақат омили истеҳсолкунандаи неъматҳои моддӣ, балки омили истеъмолкунандаи он иштирок менамояд. Ҳамин омил ҳамеша ҳангоми ҷойгир намудани соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Яъне ҷойгиршавии соҳаҳои кишоварзӣ на фақат ба истифодаи захираҳои меҳнатӣ, балки ба таносуби истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намояд[15].

Ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар таҳқиқоти худ тамоми усулҳои умумӣ – географӣ, иқтисодӣ ва методҳои географияи табииро истифода мебарад, ки ин усулҳоро дар бар мегиранд: харитасозӣ, усули минтақавӣ, усули комплексҳои истеҳсолии ҳудудӣ, усули давраҳои энергетикӣ, географӣ – муқоисавӣ ва ғайра. Ба ғайр аз ин усулҳои тавозунӣ, оморӣ, индексӣ, моделсозӣ, иқтисодӣ, риёзӣ ва ғайра истифода мешавад.

[15] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Диловаров Р.Д., Раҳимов М.Р. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. – С. 20.

Ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ё ноҳиябандии иқтисодӣ чизи сохта ва бофта набуда, балки ҳодисаи объективии олами ҳастӣ мебошад, ки асоси онро тақсимоти минтақавии меҳнат ташкил менамояд. Олимони варзида Н.Н. Колосовский, Т.М Калашникова, В.С. Жекулин ва дигарон дар он ақидаанд, ки тақсимоти минтақавии меҳнат дар ҳама давраҳо вуҷуд дошт[16].

Бояд қайд кард, ки ноҳияҳои иқтисодӣ худ аз худ ташаккул намеёбанд. Ба хусусиятҳои ташаккулдиҳандаи ноҳияи иқтисодӣ тақсимоти минтақавии меҳнат, тамоюли иқтисодӣ, нақлиёт, инкишофи комплекси хоҷагӣ, мавҷудияти сарватҳои табиӣ ва тақсимоти сиёсиву маъмурии ноҳия дохил мешавад.

Заминаи объективии ташаккулёбии ноҳияи иқтисодиро тақсимоти минтақавии меҳнат ташкил менамояд. Ба ин маънӣ К. Маркс навиштааст, ки тақсимоти ҳудудии меҳнат «ин ҷойгир кардани соҳаҳои муайяни истеҳсолот дар ноҳияи муайяни мамлакат» мебошад. Яъне тақсим намудани қаламрави мамлакат ба ноҳияи иқтисодӣ, ҳамчун қисми хоҷагии халқи он бо умумияти ҳаётӣ махсусгардонии истеҳсолот ва бо алоқаи муайяни дохилӣ аз якдигар фарқ мекунанд. Аз ин ҷо, тақсимоти минтақавии меҳнат сабаби тахассус пайдо кардани ноҳияҳо ба соҳаҳои муайяни истеҳсолот ва сабаби алоқаи иқтисодии байни ноҳияҳо, тамоюли иқтисодии хоҷагии ин ва ё он мавзеъҳо дар атрофи марказҳои иқтисодии онҳо мегардад[17].

Таҳқиқотчии аввалин дар бораи назарияи омӯзиш ва рушди назариявии комплексҳои истеҳсолкунанда дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ Н.Н. Колосовскийро мешуморанд, ки асараш «Производственно – территориальное сочитание (комплекс) в советской экономической географии» ба ин мавзуъ бахшида шудааст. Дар муйаян намудан ва омӯзиши комплексҳои истеҳсолкунанда саҳми он беназир аст[18].

[16] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – С. 254.
[17] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – С. 255.
[18] Ниг.: Хайдарова Р.Н. Экономика –- географическая проблема развития Гиссара – Вахшского промышленного ройона. – Душанбе: Издательство «Ирфон», 1976. – С. 7.

Н.Н. Колосовский дар асараш (Теория экономического районирования, М, 1969), менависад «....як дараҷаи иқтисодии (ҳамгирой) муттаҳидсозии корхонаҳо дар як нуқтаи саноатӣ ё дар тамоми ноҳия мебошад, ки таъсири он ба иқтисодиёти муваққатӣ тавассути интихоби бомуваффақият (ба нақша гирифташуда) ва шароити иқтисодии минтақа, нақлиёти он ва вазъи иқтисодӣ ва географӣ ба назар гирифта мешавад»[19].

А. Лоус олими олмонӣ дар китоби худ диққати васеътари масъалаҳои ҷойгиркунии саноатро нишон додааст. Ӯ таъкид менамояд, ки қарори дуруст барои таъмини фоидаи ҳадди аксар дар корхонаҳои саноатӣ интихоби макон мебошад[20].

Роҳбари экспедитсияи Тоҷику Помири Академияи Фанҳои СССР, академик Н.П. Горбунов мегӯяд: «Тоҷикистон қисмати аз ҳама қадими Осиё дар риштаи заминдорӣ буда, ҳатто Осиёи Пеш, Аврупо, Ҳиндустон ва Хитой заминдориро аз тоҷикон омӯхтаанд»[21]. Дар давраи то Инқилоби Октябр яке аз марказҳои асосие, ки косибӣ рушд ёфта буд, ин ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба ҳисоб мерафт. Чӣ хеле, ки академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон И.К. Нарзиқулов навиштааст: «Дар ҳудуди водии Ҳисор марказҳои косибии хурд дар шаҳрҳои Ҳисор ва Душанбе қарор дошт»[22].

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба ақидаи МА Гиляров (1936) ба завраки бузурге монандӣ дорад, ки қаъраш ба самти ҷануб моил аст[23].

Бо афзоиши қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор, ки ҳудуди истеҳсолот ва тақсимоти ҳудудии меҳнати иҷтимоии аҳолӣ ба сатҳи баланди рушд расидааст, мушкилоти ҷойгиркунии комплексии корхонаҳои саноатӣ маркази асосӣ мегардад. Бо ин муносибат, ҷобаҷогузории ҳар як корхона, таъминоти он бо ашёи хом, сӯзишворӣ, қувваи барқ ва афзалияти

---

[19] Хайдарова Р.Н. Экономика –- географическая проблема развития Гиссара – Вахшского промышленного ройона. – Душанбе: Издательство «Ирфон», 1976. – С. 7.
[20] Ниг.: Хайдарова Р.Н. Экономика –- географическая проблема развития Гиссара – Вахшского промышленного ройона. – Душанбе: Издательство «Ирфон», 1976. – С. 8.
[21] Нарзикулов И.К. Проблемы развития производительниых сил Таджикистана и формирование южно – Таджикского территориально – производственного комплекса. – Душанбе: Дониш, 1975. – С. 36-37.
[22] Назарали Хоналиев. Экономическая история и концепсия развития промышленности Таджикистана. – Душанбе, 2010. – С. 6.
[23] Ниг.: Чуршина М.Н. Душанбенский артезионский бассейн и его минеральные и терменальные воды. – Душанбе, 1972. – С. 10.

ҳамкории саноатӣ ё якҷоя дар дохили саноат муайян карда мешавад. Ҷойгиркунии саноат дар чунин маҷмуъ барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас, дар арзиши камтарин кӯмак мекунад. Онҳо барои истифодаи муштараки воситаҳои умумӣ, таъмини энергия, об, ашёи хом, газ ва ғайра шароити мусоид фароҳам меоранд. Инчунин, воситаҳои нақлиёти умумӣ барои рушди саноат шароити беҳтар фароҳам меоранд.

Асоси ноҳиябандии иқтисодиро тақсимоти минтақавии меҳнат ва тахасусии истеҳсолот ташкил менамояд. Оиди банақшагирии инкишофи хоҷагӣ ва тақсимоти сиёсӣ – маъмурӣ дар давраи Ҳокимияти Шуравӣ комиссияи банақшагирии давлатӣ, Шурои таҳқиқоти қувваҳои истеҳсолкунанда, Институти иқтисодии Академияи илмҳо, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Т. Шевченко оид ба ноҳиябандии иқтисодии Тоҷикистон, корҳои назаррас ба сомон расонидаанд. Охири соли 1947 китоби корманди шуъбаи Тоҷикистонии Академияи илмҳои СССР Т.А. Васильев «Таджикистан» аз чоп баромад. Дар ин китоб оид ба табиат, аҳолӣ ва хоҷагии Тоҷикистон тавсифи пурра дода шудааст. Дар асоси фарқияти ҳудудии он хусусиятҳои хос ва фарққунандаи ноҳияҳои алоҳидаро қайд кардааст. Соли 1956 ба шакли монография корҳои географии Академияи илмҳои Тоҷикистон ва Институти географияи Академияи илмҳои СССР «Таджикская ССР» нашр гардид, ки дар ин асар муаллифон қаламрави Тоҷикистонро ба 8 ноҳияи иқтисодии зерин ҷудо намудаанд: 1. Қисми ғарбии водии Фарғона; 2. Водии Зарафшон; 3. Водии Ҳисор; 4. Ҷанубу ғарбии Тоҷикистон; 5. Ҷанубу шарқии Тоҷикистон; 6. Тоҷикистони Марказӣ; 7. Помири Ғарбӣ; 8. Помири Шарқӣ[24].

Соли 1977 монографияи калонҳаҷми кормандони Шурои таҳқиқоти қувваҳои истеҳсолкунандаи Академияи илмҳои Тоҷикистон, зери унвони «Проблемы развития и размешения производительных сил Таджикской ССР на переод 1971 – 1980» ба табъ расид. Муаллифони он дар асоси баҳисобгирии дараҷаи инкишофи хоҷагии халқ ва имконияти инкишофи

[24] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – С. 258.

минбаъдаи қисмҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ, қаламрави онро ба 7 зонаи иқтисодӣ тақсим намудаанд: 1. Зонаи шимолӣ; 2. Зарафшон; 3. Ҳисор; 4. Вахш; 5. Кӯлоб; 6. Ғарм; 7. Зонаи Бадахшони Куҳӣ. Ин тақсимот барои беҳтар намудани идоракунии қаламрави мамлакат, барои ба нақша гирифтани инкишофи хоҷагии халқи он, асоси муҳим гузошт. Аммо дар ин монография муаллифон бо кадом мақсад истилоҳи ноҳияи иқтисодиро ба зона иваз намудаанд барои мо равшан нест. Ҳоло он, ки мафҳуми зона бо иқтисодиёт ягон муносибат надорад[25].

Аз соли 70 – уми асри гузашта сар карда, ба масъалаҳои ноҳиябандӣ Б.М. Ҳайдаров, И.Қ. Назарқуллов, М. Нурназаров, М. Раҳмонов, Р. Ҳайдарова ва Қ.Ш. Ҷураев, машғул буданд. И.Қ. Назарқулов ва Р. Ҳайдарова асосан дар мавзуи ташаккул ёфтани комплекси минтақавию истеҳсолии Тоҷикистони ҷанубӣ, Қ.Ш. Ҷураев оид ба ноҳиябандии Тоҷикистон, Б.М. Ҳайдаров оид ба ноҳиябандии хурд, М. Нурназаров оид ба географияи саноат, ташаккулёбии комплексҳои агрaрию саноатӣ ва М. Раҳимов оид ба масъалаи ташаккулёбии ноҳияи иқтисодӣ, таркиби қаламрави он (комплекси саноатӣ, зинаҳои истеҳсолӣ, ноҳияи саноатӣ, гиреҳ ва марказҳои саноатӣ ) таҳқиқот бурдаанд.

Ноҳиябандии иқтисодӣ омили асосии рушди иқтисодиёти минтақа мебошад. Ноҳиябандии иқтисодӣ имкон медиҳад, ки обеъктҳои таҳқиқотии иқтисодиёти минтақа муайян карда шаванд ва тамоми соҳаҳои иқтисодӣ пурра истифода карда шаванд[26].

Муносибатҳои истеҳсолӣ ҳамчун омили ташаккулёбии ноҳия, пеш аз ҳама дар он ифода меёбанд, ки онҳо ба дараҷа, шакл, ташкили қувваҳои истеҳсолкунандаи ноҳия ва махсусгардонии хоҷагии он таъсири муайян мерасонанд. Тақсимоти меҳнат – яке аз муҳимтарин қисматҳои ташаккулёбии ноҳия буда, ду раванди масъаларо муайян месозад, ки онҳо махсусгардонии хоҷагӣ ва махсусгардонидашуда мебошанд.

---

[25] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – С. 258.
[26] Ниг.: Кабутов М. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон. – Душанбе, 2003. – С. 168.

Ба қатори хусусиятҳои таъсиси ноҳияи иқтисодӣ, ҷойгиршавии захираҳои меҳнатӣ низ, дохил мешаванд. Чунки онҳо дар баробари шароитҳои табиӣ ва захираҳои табиӣ, самти тахассусии хоҷагидории ҳудудиро ҳам муайян ва дараҷаи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунандаро ифода мекунанд.

Дар натиҷаи таҳлилҳо мо ба чунин хулоса омадем, ки омилҳои ташаккулёбӣ ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда, дар давраи дуру дарози тараққиёти ҷамъияти инсонӣ вобаста ба даври таърихӣ, тағйир ёфта, дар ташаккулёбии ноҳияҳои иқтисодӣ ва захираҳои меҳнатӣ таъсири зиёд мерасонанд.

Ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ҷанбаҳои гуногуни мушкилоти иқтисодӣ ва экологиро муайян намуда, дар ҳалли масъалаҳои муҳимми муносибатҳои байни табиат ва ҷомеа фаъолона иштирок мекунанд.

Дар доираи васеи вазифаҳои ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда чунин мушкилотҳоро асосӣ ва аҳаммиятнок мешуморем:

– азхудкунӣ ва истифодаи оқилонаи комплексии сарватҳои табиӣ дар истеҳсолоти минтақа;

– баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳои гуногуни ноҳия, аз ҳисоби рушд додани соҳаҳои хоҷагии халқи минтақа;

– рушди иқтисодиёти минтақавӣ бо дарназардошти ҳайати этникӣ, динӣ, анъанаҳои миллӣ ва хусусиятҳои ҳаёти аҳолӣ;

– ҷанбаҳои экологии рушд ва тақсими қувваҳои истеҳсолкунанда.

Тараққиёти иқтисодиёти ноҳия бо оқилона ҷойгир намудани қувваҳои истеҳсолкунанда ниёз дорад, зеро самаранокии иқтисодӣ ҳамон вақт ба даст оварда мешавад, ки барои истихроҷ, коркарди ашёҳои хоми саноатӣ, истеҳсол ва кашонидани маҳсулот, ҷалб намудани қувваи коргарӣ, сӯзишворӣ, барқ ва нақлиёт маблағ кам сарф шавад. Вобаста ба ин, яке аз масъалаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти ноҳия, ин коркарди комплексии сарватҳои табиӣ мебошад.

Мавҷудияти захираҳои бузурги сарватҳои табиӣ, энергетикӣ дар заминаи бунёди насли якуми истеҳсолоти саноатӣ, саноати энергетикӣ –металургияи

ранга ва кимиёвӣ дар байни ноҳияҳои дигари иқтисодии Тоҷикистон дар мавқеи аввал хоҳад буд.

Барои ба ин ҳадафҳо расидан, пеш аз ҳама, бояд ба самаранок ва оқилона ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ва соҳаҳои истеҳсолот аҳамият диҳем

Дар баробарӣ пешравиҳои ноҳияи иқтисодии Ҳисор вазъи экологиро низ, бояд ба назар гирифт, то ки ҳолати экологии минтақа набояд аз ҳад ифлос гардад. Дар ҳолати бунёд намудани корхонаҳои гуногуни саноатӣ, истифодаи нақлиёт ва сарватҳои табиӣ зиёд гардида ҳолати экологии минтақа дигаргун мегардад. Барои ҳамин бояд кӯшиш намоем, ки заводу фабрикаҳои замонавии кампартов ва иншоотҳои саноатии коркарди партов сохта ба истифода дода шаванд.

## 1.2. Мавқеи географӣ, шароит ва сарватҳои табиии ноҳия

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор аз ҷиҳати иқтисодӣ – иҷтимоӣ яке аз пуриқтидортарин ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, байнӣ арзҳои 38°30′00″ ва тули 68°48′00″° ҷойгир шудааст.

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор шаҳрҳои Душанбе, Турсунзода, Ҳисор, Ваҳдат ва ноҳияҳои маъмурии Шаҳринав, Варзоб, Рӯдакӣ ва Файзободро дар бар мегирад. Масоҳаташ 11,3 км² буда, 8% масоҳати ҷумҳурӣ ва 39,5% ноҳияҳои тобеи марказро ташкил медиҳад.

Вобаста ба мавқеи географӣ марзи ноҳия пурпечутоб аст. Аз шимол бо ноҳияи иқтисодии Суғд, аз ҷануб ноҳияҳои иқтисодии Вахш ва Кӯлоб, аз шарқ ба ноҳия иқтисодии Рашт ва аз ғарб бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамсарҳад мебошад. Ноҳия аз шарқ ба ғарб то сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар масофаи 157 км, аз шимол ба ҷануб дар масофаи аз 55 то 111 км тул кашидааст. Ноҳия, яке аз минтақаҳои сераҳолӣ ба ҳисоб рафта, аҳолиаш то 1 январи соли 2020 ба 2 698 600 нафар баробар гардид. Зичии аҳолӣ дар 1 км² ба 239 нафар мерасад[27].

---

[27] Ниг.: Маълумоти омории «Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2021. – С. 18.

Сохти геологӣ, релеф ва геоморфалогияи сарватҳои зеризаминии ноҳияи иқтисодии Ҳисор дар шимол аз силсилаи куҳҳои Ҳисор ва Қаротегин, ки ба системаи геосинклиналии Тён–Шони Ҷанубӣ ё силсилаҳои чиндоришудаи Ҳисору – Олой мансуб аст. Ин ду қаторкуҳ ба таври арзӣ ва қисман субмеридианӣ тӯл кашидаанд ва дар Ҳисор аз пастиҳои тектоникӣ ё синклиналии баландикуҳиро ба шохаҳояш синклиналҳои ноҳия (дарёҳои Элок, Кофарниҳон, Варзоб, Қаратоғ, Алмосӣ, Хонақо) ташкил ёфтааст.

**Харитаи 1.2.1.**

**Тақсимоти маъмурӣ – ҳудудӣ**




**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси атласи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Кумитаи давлатии идораи замин ва гиодезияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Корхонаи воҳиди давлатии «Фабрикаи харитасоз». – Душанбе, 2021. – С. 2-3).**

Ба ҳайати ноҳияи иқтисодии Ҳисор 4 ноҳия, 4 шаҳр, 9 шаҳрак, 4 ноҳияи дохили шаҳрӣ ва 62 ҷамоат дохил мешавад.

**Ҷадвали 1.2.1.**

## Шумораи воҳидҳои маъмуриву ҳудудӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор то 1 январи соли 2021

| Воҳидҳои маъмуриву ҳудудӣ | Ноҳияҳо дар тобеияти шаҳрҳо | Шаҳракҳо | Шумораи ҷамоат ва деҳот |
|---|---|---|---|
| ш. Душанбе | 4 | – | – |
| ш. Ваҳдат | – | 1 | 10 |
| ш. Турсунзода | – | – | 9 |
| н. Варзоб | – | 1 | 6 |
| ш. Ҳисор | – | 2 | 11 |
| н. Рӯдакӣ | – | 3 | 13 |
| н. Файзобод | – | 1 | 7 |
| н. Шаҳринав | – | 1 | 6 |
| **Ҳамагӣ** | **4** | **9** | **62** |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 15.**

**Диаграммаи 1.2.1.**




**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 18.**

Қисми аз ҳама баландтарини ноҳияи иқтисодии Ҳисор, ин обтақсимкунаки ҳавзаи дарёҳои Кофарниҳону Зарафшон ва Кофарниҳону Вахш мебошад, ки қулаи баландтарини ин обтақсимкунакҳо дар қаторкуҳи Ҳисор бо номи қулаи Қазноқ 4491 м ва дар қисмати қаторкуҳи Қаротегин қӯллаи Душоха бо баландии 4262 м мебошанд[28]. Қисми зиёди ноҳияро қаторкуҳи Ҳисор ва доманакуҳҳои он ташкил медиҳанд. Аз ин доманакуҳҳо дарёҳои Ширкент, Қаротоғ, Хонақо ғизо мегиранд.

Қисми нишебии шимолии ноҳияи иқтисодии Ҳисор нисбатан баланд буда, аз теппаҳо зина ба зина тағйирёбандаи доманакуҳиро баландиҳои 2000 – 2200 м ташкил медиҳанд. Аз ин минтақаҳо болотар қӯллаҳои қаторкуҳи Ҳисору Қаротегин (3500 – 4500 м) баланд шудаанд. Нишебии куҳро синклиналҳо ва водиҳои танги камбари дарёҳои Ширкент, Қаротоғ, Хонақо, Лучоб, Варзоб, Кофарниҳон ва Элок буридаанд.

Обтақсимкунакҳои водиҳо бо эрозияи чуқур, оббурдаҳо, сойҳо, дарёҳо бурида шудаанд. Водиҳои дарёҳо ва шохобҳои онҳо дар балообашон сатҳи морфалогии V – (ве) монанд доранд[29].

Сатҳи обтақсимкунакҳо ва қаъри водиҳо аз 600 – 700 то 800 м фарқ дошта, чунин фарқияти сохтори оротектоникӣ дар фаъолияти хоҷагидории аҳолии минтақа нақши худро гузоштааст. Дар миёна ва поёноб водии дарёҳо нисбатан паҳну ҳамвор буда аз ҷинсҳои таҳшонии ҳосилхези гил, гилрег, лёс иборат мебошад, ки ин қисмати водиҳо минтақаи фаъолияти кишоварзии аҳолӣ мебошанд.

Қисми ҷанубии ноҳияи иқтисодии Ҳисор аз рӯйи сохтори табиӣ хеле фарқ дошта, аз ғарб ба шарқ аз қаторкуҳҳои Боботоғ, Қаршитавн, Рангон, ташакул ёфта, бо қаторкуҳи Тиан пайваст мегардад.

Боботоғ қаторкуҳест, ки ба масофаи хеле калон, ба самти шимол шимолу шарқ нисбати ноҳия дар зери кунҷи нисбатан рост тӯл кашидааст. Баландии мутлақи қаторкуҳи Боботоғ то 1600 м буда, қуллаи баландтарини он Заркоса (баланди 2292 м) мебошад. Шарқтар аз қаторкуҳи Боботоғ, куҳи

[28] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 12-13.
[29] Ниг.: Чуршина М.Н. Душанбенский артезионский бассейн и его минеральные и терменальные воды. – Душанбе, 1972. – С. 12.

Қаршитавн воқеъ гаштааст, ки қад-қади сойи дарёи Кофарниҳон тул кашидааст, баландии мутлақи он 1200 – 1300 м – ро ташкил дода, нуқтаи аз ҳама баландтарин ба 1500 – 1600 м мерасад. Баъд аз ин, қаторкуҳи Рангон бо баландиҳои 1600 м оғоз меёбад. Куҳҳои Ширбибӣ ва Тиан ба таври арзӣ тул кашида, баландии мутлақи он 1825 – 1968 м мебошад. Хулоса, дар қисмати шимолии ноҳия куҳҳои баланди барфпӯш ва дараҷаи баланди рутубат, дар ҷануб баръакс куҳҳои на он қадар баланд ва иқлими хушк ҷойгир шудааст.

Дар пайдоиш ва ташаккулёбии сарватҳои зеризаминии ноҳия синну сол ва сатҳи геологӣ, таркиби литологии ҷинсҳои куҳии давраҳои гуногуни геологӣ, нақши муҳим мебозад.

Дар эраи мезазой (240 млн сол қабл) ивазшавии қисмҳои баҳрӣ бо кантинент рӯх дод, ки дар ин давра ғуншавии таҳшониҳо, оҳаксанг, гилҳо, намакҳо, кангломератҳо ва ғайраҳо ба амал омадаанд. Дар таҳшиниҳои номбаршуда, имрӯз боқимондаҳои рустаниҳо ва ҳайвонотҳои баҳрӣ, баръало ба назар мерасанд.

Дар давраҳои антропогенӣ ғуншавӣ ва ҳифзшавии чангҳои гилӣ, ки тавассути бод оварда мешуданд, ба миён омадаанд. Ҳамин тариқ, намуди асосии қабати хокӣ дар ноҳия пайдо гардидааст[30].

Ташаккулёбии табиӣ ва вобастагӣ ба он пайдоиши канданиҳои фойданок аз эраи полеазой сар шудааст. Ҷинсҳои куҳии магматикӣ ва метаморфии палеазой қисми зиёди қаторкуҳҳои Ҳисору Қаротегинро ташкил медиҳанд, ки дар байни ҷинсҳои магматикӣ, интрузивӣ ва эффузивӣ, туфҳои вулканикӣ, базалт васеъ паҳн гаштаанд. Аз ҷинсҳои магматикӣ бисёртар сланетсҳо дар қаторкуҳҳои Қаротегин паҳн гардидаанд. Ҷинсҳои такшонишудаи палеазой нақши дуюминдараҷаро бозида, аз оҳаксанг, регсанг, канґламератҳо иборат мебошад, ки тамоми ҷинсҳои куҳӣ ҳамчун маснуоти сохтмонӣ, ороишӣ ва ашёи хоми саноатӣ истифода бурда мешаванд. Маҳз боқимондаи растаниҳо дар давраи юра боиси ҳосилшавии

[30] Ниг.: Ғафуров.Ф.Ғ., Алидодов Б.А. Геологияи конҳои канданиҳои фойданок (Қисми 1). – Душанбе: «Мир издател», 2010. – С. 13.

ангиштсанг ва боқимондаи ҳайвоноти баҳрӣ боиси пайдоиши нефт гардидаанд.

Дар нишебии ҷанубии ноҳия ҷинсҳои давраи юра қабати болоии он дар қаторкуҳҳои Тиан, Ширбибӣ, Рангон ва Боботоғ ба боло баромадаанд. Қабатҳои ҷинсҳои давраи юра пурра дар водии Ширкент (ғафсии 520 м) ва такшониҳои Андигон (ғафсии 396 м) дида мешаванд.

Барои ташкили хоҷагидорӣ, махсусан соҳаи кишоварзӣ ҷинсҳои кӯҳӣ ва такшониҳои давраи чорум нақши муҳимро мебозанд. Ба ин нигоҳ накарда, такшониҳои давраи чорум қабатҳои хеле тунук аст, лекин онҳо дар ташкилёбӣ ва инкишофи педомасса, фитомасса ва зоомасса нақши ҳалкунандаро мебозанд.

Дар омӯзиши сохтори геологии ноҳия олимони рус ва тоҷик, аз қабили М.А. Аваков, Р.Б. Баротов, Н.И. Гаврилова, Н.В. Котов, И.Х. Ҳамробоев, А.Х. Ҳасанов, В.Н. Шарапов ва дигарон саҳми беназири худро гузоштаанд[31].

Қаламрави ноҳияи иқтисодии Ҳисор иқлими ба худ хос дорад. Ноҳия дар ҳудуди минтақаи иқлимии Осиёи Пеш ҷойгир буда, дорои иқлими гузаранда, аз минтақаи субтропикӣ ба минтақаи муътадил мебошад.

Дар шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат, Турсунзода давомнокии нурафкании Офтоб 2600 – 2800 соатро дар як сол ташкил медиҳад. Чунин миқдори нурафканӣ ба нишебиҳои ҷанубии ноҳия низ, рост меояд. Дар қаторкуҳи Ҳисор ва нишебии ҷанубии вай давомнокии нурафкании Офтоб ба 2200 – 2400 соат баробар аст. Ҳарорати миёнаи моҳи январ чӣ аз ғарб ба шарқ ва чӣ аз ҷануби ноҳия бо шимол паст шуда меравад.

Ҳарорати миёнаи ҳаво дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор, дар моҳи июл +28°, +29° дар моҳи январ – 0,7° буда, миқдори солонаи боришот то 520 мм мерасад[32].

Дараҷаи баландтарини ҳарорат дар шаҳри Душанбе, дар санаи 24.07.2021 + $49^0$ С ва дар шаҳри Ваҳдат + $41{,}3^0$ С ба қайд гирифта шуд. Ҳарорати пасттарини бақайдгирифташуда, дар шаҳри Душанбе, дар санаи

[31] Ниг.: Проблемы динамической геологии Таджикистана и сапридельных территорий. Вып. 1. Сборник статьи / Отв. ред. Файзиев А.Р. – Душанбе, 1991. – С. 45.
[32] Ниг.: Краткая географическая энциклопедия, Том 1 / Гл. ред. Григорьев А.А. – М.: Советсвкая энциклопедия, 1960. – С. 564.

10.01.2021 – 26,6⁰ С, дар шаҳри Ваҳдат – 25,4⁰ С ба қайд гирифта шуд. Миқдори боришоти солона дар шаҳри Душанбе ба 647 мм баробар аст[33].

Мувофиқи маълумотҳои ҳозиразамон дар баъзе қисматҳои нишебии ҷанубии қаторкуҳи Ҳисор то 2000 мм боришот дида мешавад.

**Ҷадвали 1.2.2.**

**Нишондиҳандаҳои иқлими (маълумотҳои моҳона) дар шаҳри Душанбе дар соли 2022**

| Моҳ | Ҳарорати Минималӣ, °С | Ба ҳисоби миёнаи моҳона | Ҳарорати Максималӣ, °С |
|---|---|---|---|
| **Январ** | – 26.6° C | + 1.7° C | + 21.6° C |
| **Феврал** | – 17.3° C | + 4.0° C | + 23.1° C |
| **Март** | – 13.4° C | + 8.8° C | + 29.6° C |
| **Апрел** | – 7.8° C | + 15.1° C | + 33.8° C |
| **Май** | + 1.2° C | + 19.7° C | + 38.8° C |
| **Июн** | + 8.4° C | + 24.8° C | + 42.8° C |
| **Июл** | + 10.9° C | + 27.4° C | + 49.0° C |
| **Август** | + 8.1° C | + 25.4° C | + 42.8° C |
| **Сентябр** | + 3.0° C | + 20.3° C | + 38.9° C |
| **Октябр** | – 4.4° C | + 14.2° C | + 36.8° C |
| **Ноябр** | – 13.5° C | + 8.6° C | + 29.7° C |
| **Декабр** | – 19.5° C | + 4.0° C | + 24.3° C |

**Манбаъ: Боришоти миёнаи Душанбе [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Thermo. karelia: http://www.thermo.karelia.ru/weather/w_precips_ru_dus.shtml (санаи мурочиат: 26.12.2022).**

Инчунин, дар атрофи шаҳри Душанбе боришоти атмосферӣ то ба 1200 мм мерасад[34]. Аз қаторкуҳи Ҳисор ба тарафи шарқ рутубати ҳаво нисбатан кам мешавад. Қисми ғарбӣ ва марказии ноҳия дар минтақае ҷойгир аст, ки дар як сол 10 – 15 рӯз боришоти жола ба амал меояд. Умуман, барои қисми

[33] Ниг.: Бойгонии боришоти ҳаррӯза [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.thermo.karelia.ru/weather/w_precips.shtml (санаи мурочиат: 26.08.2022).
[34] Ниг.: Ядгарова Г.А. Вертикальная занальность ростениеводства в Гиссаро – Дарвазском регионе Таджикистана. – Душанбе, 2009. – С. 29.

зиёди ноҳия иқлими муътадили намноку нарм хос буда, имконият додааст, ки дар манбаи шабакаи зичи гидрографӣ ва иқлим майдони зиёди агроландшафтҳо пайдо гарданд.

**Харитаи 1.2.2.**

**Миқдори миёнаи солонаи боришот**




**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси атласи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Корхонаи воҳиди давлатии «Фабрикаи харитасоз». – Душанбе, 2021. – С. 11).**

Шабакаи дарёи дар ноҳия ташакулёфта буда, ғайр аз дарёҳои Қаратоғ ва Ширкент боқимонда дарёҳои ноҳия ба ҳавзаи дарёи Кофарниҳон мансубанд[35].

Манбаи дигари захираҳои обии ноҳия обҳои еризаминӣ мебошанд. Обҳои зеризаминӣ вабаста ба сохти геологии маҳал ва гуногунии шаклҳои релеф ва шароити иқлимӣ дар чуқуриҳои гуногун вомехуранд. Обҳои зеризаминӣ дар ноҳия, асосан дар ҷуқуриҳои 5 – 40 метр, ҷойгир шудаанд[36],

---

[35] Ниг.: Ибодов Ш.М. Захираҳои обии водии Ҳисор ва роҳҳои оқилона истифодабарии он. Маҷалаи илмӣ – омӯзишии муҳаққиқони ҷавон. – 2016. – №17. – С. 133.

[36] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., РаҳимовМ.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 56-57.

ки ҳамин обҳои зеризаминии ноҳия ба ҳавзаи артезионии Душанбе дохил карда шудаанд, ки онҳоро дар қабатҳои литомассаи 6 давраи геологӣ дохил мекунанд[37]. (1. Давраи чорум; 2. Давраи неоген; 3. Давраи палеоген; 4. Бӯри боло; 5. Бӯри поён; 6. Давраи юра)

Мавҷудияти захираи зиёди обу замин имкон медиҳад, ки дар ноҳия соҳаҳои растанипарварӣ рушд дода шавад. Ноҳияи иқтисодии Ҳисор шароити мусоиди агроиқлимӣ барои рушди боғдорӣ, ангурпарварӣ, сабзавоткорӣ ва парвариши растаниҳои полезиро дорад. Зимистони кӯтоҳи нарми ноҳия барои кишти картошкаи барвақтӣ ва дар чарогоҳҳои табиӣ парвариш намудани чорво мусоидат мекунад. Ноҳияи иқтисодии Ҳисор дорои захираи кифояи ҳарорати гармӣ ва боришоте, ки барои рушди кишоварзӣ лозиманд мебошад. Иқлими ноҳия хеле гарм буда, давомнокии давраи гармӣ ба 250 – 300 рӯз баробар аст. Ҳарорате, ки дар баландии гуногуни ноҳия ба қайд гирифта шудааст, барои парвариши картошка, карам, бодиринг, помидор, анҷибар, зағир ва боғу ангурпарварӣ мусоид мебошад.

Дарёҳои асосии минтақаро Кофарниҳон, Варзоб ва шохоби онҳо ташкил медиҳанд. Захираи умумии оби ин дарёҳо 5400 млн м$^3$ буда, 15% захираи обии мамлакатро ташкил медиҳад[38].

Дарёи Кофарниҳон аз доманакуҳи Ҳисор сарчашма гирифта, шохоби рости дарёи Ому мебошад ва 387 км дарозӣ дорад. Ин дарё 6 маротиба аз дарёи Вахш камобтар аст. Дар назди деҳаи Ромит, дар резишгоҳи дарёи Сорбо ба Сардаи Миёна номи Кофарниҳонро мегирад[39]. Қисми шарқии ноҳияро бурида, сипас ба самти ҷанубу ғарб ҷорӣ шуда, ба дарёи Ому рафта мепайвандад.

---

[37] Ниг.: Чуршина М.Н. Душанбенский артезионский бассейн и его минеральные и терменальные воды. – Душанбе, 1972. – С. 31, 38.
[38] Ниг.: Султонов С. Ресурсно-экономический потенциаль регионов РТ. – Душанбе, 1994. – С. 73.
[39] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 48.

Майдони умумии ҳавзаи дарёи Кофарниҳон 11600 $км^2$ – ро ташкил медиҳад[40], ки дар ноҳия зиёда аз 9500 $км^2$ ҳавзаи дарёи Кофарниҳон сарчашма мегирад, харҷи умумии оби дарёи Кофарниҳон 5,98 $м^3$/сония буда, тақрибан 80% – и ҷоришавии оби дарёи Кофарниҳон ба нишебиҳои ҷанубии қаторкуҳи Ҳисор рост меояд. Дар болооби ҳавза то 2500 мм боришот ба қайд гирифта шудааст[41].

Оби дарёи Кофарниҳон нисбатан гилолуд буда, дар ҳавзаи он, дар як сол дар 1 $км^3$ бештар аз 200 тонна гилу дигар намуди ҷинсҳои таҳшинӣ шуста мешавад Гилолудии дарёи Кофарниҳон дар болообаш 230 гр/$м^3$ дар Сардаи Миёна то 330 гр/$м^3$ –ро ташкил медиҳад[42]. Оби дарёи Кофарниҳон ба синфи обҳои гидрокарбонатӣ аз ҳисоби шусташавии оҳаку доломит ва қисман силикатҳо дохил гардида, дар таркиби об ионҳо ва катёнҳои калсию силитсий бисёр буда, дар даврзании геохимиявии ландшафтҳои ноҳия накши калон мебозад.

Дарёи Кофарниҳон ба гуруҳи дарёҳои ғизогириашон барфу яхӣ мансуб буда, ғизогирии он аз барф 58%, обҳои зеризаминӣ 30%, ях 8% ва борон 4% – ро ташкил медиҳад. Дар ҳавзаи дарёи Кофарниҳон 343 пирях мавҷудаст, ки ҳаҷми умумии онҳо 115,3 $км^2$ – ро ташкил мекунад[43]. Дарёи Кофарниҳон сатҳи обаш аз ибтидои моҳи март баланд шуда, то нимаи дуюми моҳи май давом меёбад. Серобии дарё 217 шабонарӯз давом карда, ба ин давра 90% – и ҷоришавии об рост меояд[44].

Дарёи Элок аз нишебиҳои ҷанубу шарқии қаторкуҳи Қаротегин ва шимолии қаторкуҳи Сурхкуҳ, ки миқдори зиёди ҷинсҳои куҳии карбонати ҷигарии тирра доранд, сарҷашма мегиранд. Дарозиаш 97 км буда, майдони

---

40 Ниг.: Ибодов Ш.М. Тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба пиряххои ноҳияи иқтисодии Ҳисор / Ш.М. Ибодов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои экологии имрӯзаи оби тоза ва саҳми он дар рушди устувори ҷомеъа». – Душанбе, 2020. – С. 82.

41. Ниг.: Кеммерих А.О. Гидрография Памира и Памира Алая (водные ресурсы). – Москва: Мысль, 1978. – С. 171.

42 Ниг.: Ибодов Ш.М. Захираҳои обии водии Ҳисор ва роҳҳои оқилона истифодабарии он. Маҷалаи илмӣ – омӯзишии муҳаққиқони ҷавон. – 2016. – №17. – С. 133.

43 Ниг.: Кеммерих А.О. Гидрография Памира и Памира Алая (водные ресурсы). – Москва: Мысль, 1978. – С. 171.

44 Ниг.: Кеммерих А.О. Гидрография Памира и Памира Алая (водные ресурсы). – Москва: Мысль, 1978. – С. 173.

обғундориаш 576 км$^2$ – ро ташкил медиҳад, харҷи аз ҳама зиёди об аз 20 м$^3$/сония ва камтаринаш 1,5 – 2 м$^3$/сония мебошад.

Дарёи Варзоб 71 км дарозӣ дошта, ҳавзаи дарё 1740 км$^2$ буда, дар болооби ҳавза зиёда аз 37 км$^2$ яхбандии доимӣ мавҷуд аст. Дар ҳудудҳои шаҳри Душанбе аз тарафи рост ба дарёи Варзоб дарёи Лучоб ҳамроҳ мешавад, ки дарозиаш ба 95 км ва ҳавзааш ба 2410 км$^2$ баробараст[45].

Шохобҳои дарёи Варзоб, Элок, Хонақо ва дарёи Қаратоғ қисми зиёди ноҳияро обёрӣ менамоянд.

Дарёи Қаротоғ дар болообаш Диоҳандара номида шуда, аз баландии 3400 метр сар мешавад. Дарозиаш 99 км, майдони ҳавзааш 684 км$^2$, харҷи зиёдтарини обаш ба моҳи май ва июн рост меояд[46].

Дарёи Хонақо дар нишебии ҷанубу ғарбии қаторкуҳи Ҳисор аз баландии 2044 метр сар шуда, дарозиаш 61 км мебошад. Аз тарафи чап ба вай шохобчаҳои Арҷинак, Хоҷамастон ва Равоба ҳамроҳ мешаванд. Дар мавсими обхезӣ харҷи оби дарё 35 м$^3$/сония ва дар мавсими камоб бошад, 2 – 3 м$^3$/сонияро ташкил медиҳад. Майдони обгундориаш 362 км$^2$ мебошад[47].

Дарёи Ширкент дар канораи ғарбии ноҳия, дар баландиҳои 3000 метр сар шуда, 57 км дарозӣ дорад ва давраи баландшавии сатҳи обаш моҳи май ва июн мебошад, харҷи обаш дар ин давра ба 23 м$^3$/сония мерасад ва давраи аз ҳама камобӣ моҳи ноябр – декабр буда, харҷи об 2 – 3 м$^3$/сонияро ташкил дода, майдони обғундориаш 354 км$^2$ – ро ташкил медиҳад.

Ҳамаи ин дарёҳо дар маҷмуъ миқдори зиёди ҷинсҳои кӯҳиро аз кӯҳҳо шуста, қабати болоии литомасса ва педомасса, қисми ҳамвории водиро бой мекунанд.

Захираҳои обии рӯйизаминии ноҳия 7000 млн м$^3$ мебошад. Дар вақти камобӣ таъминот бо об 95% ташкил медиҳад. Захираҳои обӣ дар 1 км$^2$ ҳудуди ноҳия 588 ҳазор м$^3$ – ро ташкил намуда, ба ҳар сари аҳолӣ 5,5 ҳазор м$^3$ – рост

---

[45] Ниг.: Ҳайдарова Р.Н. Экономико-географическая проблема развития Гиссара-Вахшского промышленного района. – Душанбе: Издательство «Ирфон», 1976. – С. 33.

[46] Ниг.: Ибодов Ш.М. Захираҳои обии водии Ҳисор ва роҳҳои оқилона истифодабарии он. Маҷалаи илмӣ – омӯзишии муҳаққиқони ҷавон. – 2016. – №17. – С. 133, 134.

[47] Ниг.: Ибодов Ш.М. Обҳои дохилии водии Ҳисор ва роҳҳои оқилона истифодабарии онҳо / Ш.М. Ибодов // Маводи конференсияи байналмилалӣ дар мавзӯи «Роҳҳо ва самтҳои истифодабарии самаранокии захираҳои обии Тоҷикистон». – Душанбе, 2018. – С. 221.

меояд. Ҳар сол аз минтақа дар ҳаҷми 5040 млн $м^3$ об ҷорӣ мешавад, ки 25 – 35 млн $м^3$ он бо воситаи Канали калони Ҳисор ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷорӣ мешавад[48].

Дар ноҳия хоки хокистарранги муқаррарии тира ва дар куҳҳо равшани ҷигарӣ ва марғзории баландкуҳи паҳн гардадаанд[49].

Аз қисмати дарёи Хонақо оғоз гардида, то сарҳади Ӯзбекистон хокҳои хокистарранги муқаррарӣ паҳн гардидаанд, ки барои пахтакорӣ мусоидат мекунад. Ин намуди хок дар ноҳияҳои маъмурии Ҳисор, Турсунзада ва соҳилҳои дарёи Кофарниҳон дида мешавад[50].

Ноҳияи иқтисодии Ҳисорро гуруҳи хокҳои (педомасса) куҳҳои миёнаи ҷигарӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо дар шимолии ноҳия аз ғарб ба шарқ ва миёнаи водиҳои дарёи Ширкент, Қаратоғ, Хонақо, Лучоб, Варзоб, инчунин дар шарқи водии дарёи Элок, қисми шимолии қаторкуҳи Оқтоғ, Рангонро фаро гирифтаанд.

1. Хокҳои ҷигарии карбонатии куҳӣ, ки минтақаҳои занҷири теппа ва қисми нишебиҳои куҳҳоро аз баландиҳои 1600 то 2000 м – ро фаро гирифтааст. Гумуси ин намуди педомасса дар қабати А – 2, – 4,5% – ро ташкил медиҳад.

2. Минтақаи педомассаи хокҳои ҷигарии куҳии муқаррарӣ, ки тамоми нишебии ҷанубии қаторкуҳи Ҳисор, қисми зиёди тамоми қаторкуҳи Қаротегин, обтақсимкунак ва нишебии шимолии қаторкуҳи Рангонро фаро гирифтаанд. Гумуи таркиби ин намуди педомасса 5 – 10% – ро ташкил карда, дар баландиҳои аз 1200 м – 2800 м паҳн гардидаанд. Барои онҳо ранги ҷигарӣ ва қабати структуриаш чормағзшакл (қабати В) хос буда, дар чуқуриҳои 50 – 120 см паҳн гардидаанд.

3. Минтақаи камбари маҳдудро дар ҷанубтари шаҳри Душанбе, ноҳияи Рӯдакӣ, Ҳисор ва дар ҷараёнгоҳи поёнии водиҳои дарёҳои Қаратоғ ва

---

48 Ниг.: Султонов С. Ресурсно-экономический потенциаль регионов РТ. – Душанбе, 1994. – С. 74.
49 Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 276.
50 Ниг.: Ҳайдарова Р.Н. Экономика-географическая проблема развития Гиссара-Вахшского промышленного района издательство. – Душанбе: «Ирфон», 1976. – С. 24.

Ширкент педомассаи хокҳои хокистарии равшан таркиби тирахокшуда ишғол мекунанд, ки ҳамвориҳо ва теппаҳои баландиашон 750 – 900 м – ро ишғол карда, гумуснокиашон 1 – 1,5% – ро ташкил медиҳад.

4. Минтақаи камбари соҳили чапи водии дарёи Кофарниҳонро дар доманаи ғарбии қаторкуҳи Оқтоғ, дар ҳудудҳои ноҳияи Рӯдакӣ хокҳои хокистарии муқаррарӣ ишғол кардаанд, ки дар баландиҳои 650 – 950 м паҳн гардида, миқдори ками ҷамъшавии карбонатҳо дар қабати В мушоҳида шуда, гумуснокиашон 1,5 – 2% – ро ташкил медиҳад.

5. Хокҳои хокистарии тира қисми болоии минтақаи хоки хокистаррангро ташкил дода, бештар дар суфаҳои баландии дарёҳо, куҳдоманҳо ва пастиҳо (дар баландиҳои 900 – 1600 м) ба назар мерасад. Хокҳои хокистарии тира ба таври минтақаи камбар дар шарқтари шаҳри Ваҳдат ва атрофи он, атрофи шаҳри Душанбе паҳн гардида, дар ноҳияҳои Ҳисор ва Шаҳринав, шимолу ғарбии ноҳияи Рӯдакӣ майдони зиёдро ишғол кардаанд.

6. Дар нишебиҳои ҷанубу шарқии қаторкуҳи Ҳисор, дар дараи Ромит, болооби ҳавзаи дарёи Ёс ва Калтуч хокҳои тираи марғзори даштии баландкуҳ минтақаи 2800 – 3300 м – ро фаро гирифтааст. Онҳо ранги ҷигарию дорчинӣ дошта, ҳангоми борони сел, шусташавии онҳо шидат гирифта, ба дарёи Ёс ҷарӣ шуда, ранги дарё ҷигарии сурхчатоб мегардад. Ин намуди педомасса дар таркибашон сангу шағалчаи бисёре доранд. Қабати гумусиаш (қабати А) 15% – ро ташкил медиҳад.

7. Дар баландиҳои 3200 – 3800 м омехтаи хокҳои гуногуни марғзории даштӣ ва хокҳои ҷигарии баландкуҳи арчазорҳо паҳн гардидаанд, ки қабати гумусиашон 10 – 12% – ро ташкил медиҳанд.

Мувофиқи маълумоти Х.М Овчиноков, К.В. Станюкевич, Г.Т. Сигоренко дар ҳудуди водии Ҳисор қариб 4000 намуд растании ёбоӣ ва миқдори зиёди растаниҳои маданӣ, ки агрофитомассаро ташкил медиҳанд, ба қайд гирифта шудааст. Дар ҳудуди ноҳия аз растаниҳои ёбоӣ хушадорони ёбоӣ, аҷриқ, ширинбия, гули хайрӣ, шулха, дар адирҳо ва доманакуҳҳо явшон, пудинаи куҳӣ, ҷағ – ҷағ, ҷамбилак, кукӯтӣ ва хушадорони саҳроӣ

мерӯянд. Дар минтақаҳои сернам ва соҳилҳои дарёҳо қамишзорҳо аз фитомассаи омехта, дар навбати аввал (фарматсияҳои омехта), растаниҳои алафӣ, буттагӣ ва дарахтӣ, аз ҷумла қад–қади водиҳои дарёҳо ва рӯдҳо (обдоғ ва суфаи дарёҳо) бед, сафедор, чинор, санҷид, умуман фарматсияҳои туғай аз 950 метр баландтар бодоми бухорой, писта, дӯлона, зирк, ирғай, бушол, тӯғ, аз баландиҳои 1500 метр зиёди фитомассаи номбурда бо фарк, арча омехта шуда, минтақаҳои бешаҳои омехтаро ба вуҷуд меоранд.

Дар ҳудудҳои ноҳия зиёда аз 2000 намуд ҳашарот, 34 намуд хазанда, 250 намуд парранда, 58 намуди ширхӯрони ёбоӣ муайян карда шудаанд. Дар байни ширхӯрон миқдори аз ҳама зиёдро хояндагон, ба монанди мушҳо, калламушҳо, ҷайра, заргӯш ташкил медиҳанд. Аз паррандагони ёбоӣ акка, зоғ, тазарв, уқоб, боз, шоҳин, боша, бум, чуғз, эзорсурхак, кабӯтар, мусича, майна, гунҷишк ва ғайраҳо паҳн гардидаанд, ки ба педомасса ва фитомасса таъсири гуногун мерасонанд. Дар ҳавзаи дарёи Кофарниҳон, Варзоб, Алмосӣ, Қаратоғ гулмоҳӣ, ширмоҳӣ, лақамоҳӣ паҳн гардидаанд. Як қатор хусусиятҳои нодири фитомасса, зоомасса ва литомассаи ландшафтҳои ноҳияро ба назар гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудудҳои ноҳия соли 1959 мамнуъгоҳи «Ромит» – ро дар болооби дарёи Кофарниҳон, дараи Ромит соли 1983 парваришгоҳи «Алмосӣ» –ро дар ҳудуд 16100 га, ва соли 1991 боғи табиӣ–таърихии «Ширкент» – ро дар майдони 3000 га дар ноҳияи Турсунзода таъсис додааст.

Мамнуъгоҳи «Ромит» 40% флораи регионалӣ ва 20% флораи тамоми Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Дар мамнуъгоҳи «Ромит» 292 намуди обсабз, 193 намуди замбӯруғ, 41 намуд лишайник, 127 намуд моғшаклон, 845 намуд растаниҳои дараҷаи олӣ, фарматсияи растаниҳои фарк, чормағз, сафедорҳои нуқрагӣ, дарахтони тӯс, арча, бодом, тӯғ, буттаҳои экзохораи розария, бед, полируса, тутум, фарматсияи растаниёти шиблияк дар мамнуъгоҳ дар баландиҳои 1200 то 2000 метр паҳн гардидааст. Дар мамнуъгоҳ як намуди

обхокӣ, 17 намуди хазанда, аз он ҷумла 9 намуд мор, 144 намуд парранда паҳн гардидаанд[51].

Парваришгоҳи давлатии «Алмосӣ», ки дар баландиҳои 1100 – 2800 метр ҷойгир шудааст, ба системаи куҳии Помиру Олой дохил гардидааст. Олами наботот асосан аз 30 то 60 см, баъзан 1,5 м баландӣ дошта, аз юған, эриморус, гандуми пиёзакдор, чойкаҳак, пудинаи куҳӣ, нахӯди муш, мушунги ёбоӣ иборат аст. Аз растаниҳо дарахти арча ва арчаи туркистонӣ, фарки регӣ, дулона, бодоми бухороӣ, ирғай, қарағоч, сафедор, бед, хӯч аз растаниҳои дорувор чойкаҳак, чукрӣ, сиёҳалаф, ровшак, ҷағ–ҷағ, шалфей, пиёзи анзур паҳн гардида, арчаи туркистонӣ ва арча 50%–и парваришгоҳро фаро гирифтааст.

Аз олами ҳайвонот, мувофиқи маълумотҳои ҳозиразамон, дар ҳудудҳои парваришгоҳ 12 намуди ширхурон, 100 намуд парранда, аз он ҷумла хуки ёбоӣ, кабк, кабӯтари хокистарранг, заргӯш, хирси малла, нахчир, қашқалдоқ, гург, рӯбоҳ, ҷайра, кӯрмушҳо дар қатори дигар хояндагон, аз уқобшаклон калмурғ, боз паҳн гардидаанд.

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор аз канданиҳои фоиданок бой аст. Дар ҳудуди ноҳия конҳои нефт, гази табиӣ, ангишт, волфрам, симоб, сурма, сангҳои ороишӣ, оҳаксанг, фосфорит, доломит, ашёи хом барои семент, регу шағал, флюорит, гили оташбардор, мармар, булур, гач, қурғошим, руҳ ёфт шудаанд. Дар ҳудуди ноҳия 54 кони канданиҳои фоиданок мавҷудаст, дар заминаи конҳои азхудкардашуда, сохтмони корхонаҳои саноатӣ ба мақсад мувофиқ аст. Дар минтақа конҳои нефту гази Шоҳамбарӣ, Комсомол, Андигон, Сариқамиш ва ғайра мавҷуд аст[52].

Нуқтаи сеюми майдони нефту газ дар пастхамии Душанбе, кони Андигон мебошад, ки соли 1961 нахустин маротиба аз чоҳи ҷустуҷӯӣ нишонаи газро пайдо намуданд, ки асоси пешрафти кор гашт. Дар маҳалли ин кон 15 чоҳи ҷустуҷӯӣ истихроҷиро кофта, дар чор моҳ микдори муайяни гази саноатиро пайдо намуданд. Ҳоло гази кони Андигон истифода

[51] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 115.
[52] Ниг.: Бубнова М.А. Дабыча полезных ископаемых в средней Азии в XVI-XIX вв. – Москва: Издательство Наука, 1975. – С. 32.

намешавад ва мутахассисон умед доранд, ки он аз нав эҳё мегардад.

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор аз захираи ангишт бой буда, конҳои калонтаринаш Зиддӣ, Сайёд – 1 ва Сайёд – 2 ба ҳисоб меравconfigure.

Кони ангишти Зиддӣ дар нишебиҳои ҷанубии қаторкуҳи Ҳисор дар масофаи 72 км дуртар дар самти шимолии ш. Душанбе ҷойгир шудааст. Захираи умумиаш 104 млн тонна буда, ки аз ин 21 млн тоннааш аҳаммияти истеҳсолӣ дорад[53]. Захираи кони Зиддиро асосан ба ду қисм тақсим кардаанд: Зиддии шарқӣ 14 млн тонна, ки 10 млн тоннааш омӯхта шуда ва 4 млн тоннаи дигараш пешгӯӣ карда шудааст ва Зиддии ғарбӣ 90 млн тонна, ки 46,5 млн тоннааш омӯхта шуда ва 44 млн – ро пешгуӣ кардаанд[54].

**Харитаи 1.2.3.**

**Сарватҳои зеризаминӣ**




**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси атласи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Корхонаи воҳиди давлатии «Фабрикаи харитасоз». – Душанбе, 2021. – С. 6).**

Аҳамияти амалии муҳимро дар кон захираҳои хокаи ба оташ тобовар доро мебошанд, ки бевосита дар зер ва болои қабатҳои ангишт хобидаанд. Кони ангишти Зиддӣ аз солҳои 1920 – уми асри XX ошкор гардида, ба

[53] Ниг.: Хоналиев Назаралӣ. Промышленность Таджикистана: Современное состояние и перспективы развития. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 171.

[54] Ниг.: Хоналиев Назаралӣ. Промышленность Таджикистана: Современное состояние и перспективы развития. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 169.

омӯзиши кон бошад, аз соли 1939 шуруъ карда шуд. Соли 1977 аз тарафи иттиҳодияи истеҳсолии «Средазуголь» имконияти бо тарзи кушода истихроҷ намудани ангишт дар майдони ғарбӣ баррасӣ гардида ва чунин натиҷаҳо гирифта шуд: кунҷи нишебӣ – 350 метр, имконияти истихроҷи ангишт – 5,5 млн тонна, ҳаҷми кушодашавӣ – 60,68 млн м$^3$, коэффитсиенти миёнаи кушодашавӣ – 10,95 м$^3$/тонна. Захираи сафедхоки (каолинит) ба оташ тобовар дар кони ангишти Зиддӣ 62076 ҳаз. тоннаро ташкил менамояд. Дар асоси захираи ин ашёи хом бунёди заводи истеҳсоли хишти ба оташ тобовар барои хумдонҳои мелаллургӣ, мувофиқи мақсад аст.

Ҳоло истихроҷи ангишт дар ҳамаи конҳои ноҳия ба роҳ монда шудааст. Конҳои Сайёд – 1 ва Сайёд – 2 дар дараи Ромит ҷойгир шудаанд, ки захираи калон надоранд, вале дар шароити буҳрони энергетикӣ истифодаи онҳо зарур аст.

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор аз гилҳои ба оташ тобовар бой буда, ин навъи гилҳо дар ноҳияи Турсунзода (Ташқунат), Варзоб (бо ангишт якҷоя дар кони ангишти Зиддӣ) во мехӯранд. Захираи ин конҳо ба даҳҳо ҳазор тонна мерасад.

Шпати саҳроӣ (флюорит) дар ҷанубии қаторкуҳи Ҳисор, конҳои Такоб, Кондара, Биғар, Теппаҳои Сурх, Мағов ёфт шудааст[55]. Кони Такоб дар ноҳияи Варзоб ҷойгир буда, аҳаммияти саноатӣ дорад. Захираашро 947 ҳазор тонна баҳогузорӣ намудаанд. Захираи саноатии кони Тепаҳои Сурх (92 ҳазор тонна) ва Биғар (71 ҳазор тонна) мебошад. Дар ноҳияи Варзоб комбинати кӯҳии Такоб амал мекунад, ки он барои гудозиши шпати саҳроӣ пешбинӣ шудааст. Дар дурнамо истеҳсоли шпати саҳроиро дар ин минтақа бо роҳи ҷалби конҳои азхудшуда, то ба 100 000 тонна дар як сол расонидан мумкин аст. Қурғошим ва руҳро одатан аз конҳои политметалҳо дастрас мекунанд. Ноҳия аз захираи қурғошим ва руҳ дар байни дигар ноҳияҳои иқтисодии Тоҷикистон ҷойи намоёнро ишғол мекунад[56].

---

[55] Ниг.Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 23.

[56] Ниг.: Ибодов Ш.М., Гурукова О.В. Омилҳои дурнамои рушди туризм ва рекреатсия дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор / Ш.М. Ибодов, О.В. Гурукова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2018. – №2 (2). – С. 85-88.

Қисми зиёди қурғошим ва руҳ аз дохили конҳои политметалии қурғошиму флюоритдор гирифта мешавад.

Дар қисми ҷанубии қаторкуҳи Ҳисор конҳои Такоб, Кондара, Сафеддорак, Деҳималик мавҷуданд, ки аз давраи мезозой ва кайнозой пайдо гардида, аҳаммияти саноатӣ доранд[57].

Конҳои маъдани волфрам бошад, дар қаторкуҳҳои Ҳисор – конҳои Майхӯра, Кабутӣ, Такфон ва Сармад ҷойгир шудаанд[58].

Майхура кони калонтарини маъдани волфрам дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Кони волфрамдори Майхураро солҳои 1941 – 1966 истихроҷ ва коркард намуда буданд. Соли 1966 бинобар сабаби ба охир расидани захираи саноатиаш истихроҷи волфрам дар ин кон мавқуф гузошта шуд. Солҳои минбаъда дар ин минтақа корҳои геологӣ аз нав гузаронида шуд. Кон ғайр аз волфрам маъдани руҳ, мис, висмут, кадмий ва индий дорад. Дар базаи ин конҳо сохтмони корхонаи коркарди маъдан бо иқтидори 150 000 тонна дар сол бунёд кардан мумкин аст[59].

Дар ноҳия 32 кони масолеҳи сохтмонӣ мавҷуд буда, аз онҳо 6 – кони сангҳои сохтмонӣ, 5 – кони гил ва гилхок, 4 – кони гач ва 5 кони оҳаксанг мебошад. Ҳоло 4 кони гил ва гилхок, 5 – кони оҳаксанг ва 1 кони санги сохтмонӣ аз худ карда шудааст. Азбест дар ноҳия байни ҷинсҳои куҳии аҳди полеозой дар водии дарёи Варзоб (Харангон) кашф карда шудааст.

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор аз захираи оҳаксанг ва доломит, ки ашёи хоми саноати химия мебошад, бой аст. Кони калонтарини доломит дар ноҳия кони Рӯдакӣ (Чинор) ҷойгир шудааст. Ин кон дар масофаи 16 – 25 км дуртар аз шаҳри Душанбе дар баландиҳои 1200 м аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Захираи умумии он 100 млн тонна буда, дар давраи неоген ба вуҷуд омадааст[60]. Кони дигари доломит дар Қаратоғ мебошад, ки дар масофаи 50 км дуртар аз шаҳри

---

[57] Ниг.: Бубнова М.А. Дабыча полезных ископаемых в средней Азии в XVI-XIX вв. – Москва: Издательство Наука, 1975. – С. 54.

[58] Ниг.: Ибодов Ш.М. Самаранок истифодабарии сарватҳои табиӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор / Ш.М. Ибодов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2019. – №1 (1-2). – С. 26-31.

[59] Ниг.: Султонов С. Ресурсно-экономический потенциаль регионов РТ. – Душанбе, 1994. – С. 128.

[60] Ниг.: Ҳайдарова Р.Н. Экономико-географическая проблема развития Гиссара-Вахшского промышленного района. – Душанбе: Издательство «Ирфон», 1976. – С. 40.

Душанбе воқеъ гардидааст. Захираи он 80 млн тонна буда, дар таркибаш зиёда аз 20% магнӣ мавҷуд аст[61].

Дар соҳили рости дарёи Такоб кони кварсдори Такоб мавҷуд аст, ғафсии қабати кварсдор дар кон то ба 300 м мерасад. Кварси сафед барои истеҳсоли шиша истифода бурда мешавад. Захираи кварси категорияҳои А+В зиёда аз 218 000 тоннаро ташкил медиҳад[62].

Дар асоси ин кон бунёд намудани корхонаи истеҳсоли шиша дар ноҳияи Варзоб, ки он барои сехҳои омода намудани дару терезаҳои ҶДММ «Алюмини профел» – ш. Турсунзода мувофиқи матлаб аст.

На он қадар дуртар аз кони кварси Такоб конҳои гранит ҷойгир шудаанд. Захираи конҳои граните категорияҳои А+В+С зиёда аз 53 965 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад[63]. Конҳои булури кухӣ дар Варзоб таҳқиқ шудааст. Конҳои фосфорит асосан дар қаламрави қаторкуҳи Ҳисор (Зиддӣ) ҷойгир шудаанд. Кони Зиддӣ дар назди деҳаи Зиддӣ, дар самти шимолӣ он воқеъ гардидааст. Он аз 8 – қабати фосфордиҳанда иборат буда, ғафсии ҳар қабат 1 – метр ва аз ин зиёдтар мебошад. Захираи умумиаш 2 млн тонна буда, дар таркибаш оксиди фосфор ба ҳисоби миёна 8,2% – ро ташкил менамояд[64].

Дар ҳудуди ноҳия 8 – чашмаҳои маъданӣ ёфт шудаанд, ки дар заминаи баъзеи онҳо осоишгоҳҳо сохта шудаанд. Муҳимтарин чашмаҳои маъдании ноҳия Оби Гарм, Хоҷа Оби Гарм, Явроз, Шоҳамбарӣ, Зайрон, Оби шифо, Шоҳамбарии Нав ва Комсомол ба ҳисоб меравaнд[65].

Дар кашф, таҳқиқ ва омӯзиши конҳои канданиҳои фоиданок, дар ноҳия хизмати геологҳои советӣ П.Д. Виноградов, Т.Н. Иванова, А.В. Коровник, А.С. Мудрогина, Б.Н. Наследов, А.П. Недзвецкий, Т.И. Новикова, М.Э. Пояркова, Д.И. Щербаков, Ҳ. Юсупов хеле калон аст.

---

[61] Ниг Ҳайдарова Р.Н. Экономико-географическая проблема развития Гиссара-Вахшского промышленного района. – Душанбе: Издательство «Ирфон», 1976. – С. 41.
[62] Ниг.: Султонов С. Ресурсно-экономический потенциаль регионов РТ. – Душанбе, 1994. – С. 128.
[63] Ниг.: Султонов С. Ресурсно-экономический потенциаль регионов РТ. – Душанбе, 1994. – С. 128.
[64] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 26-27.
[65] Ниг.: Ҳайдарова Р.Н. Экономико-географическая проблема развития Гиссара-Вахшского промышленного района. – Душанбе: Издательство «Ирфон», 1976. – С. 47-48.

Таҳлили масоили зербоби мазкурро ба итмом расонида, мо ба чунин хулосаҳо ноил гардидем:

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор аз гилҳои ба оташ тобовар бой буда, ин навъи гилҳо дар ноҳияи Турсунзода (Ташкунат), Варзоб (бо ангишт якҷоя дар кони ангишти Зиддӣ) во мехӯранд. Захираи ин конҳо ба даҳҳо ҳазор тонна мерасад.

Соли 1977 аз тарафи иттиҳодияи истеҳсолии «Средазуголь» дар кони ангишти Зиддӣ дар майдони ғарбӣ таҳқиқот гузаронида шуда, муайян карда шуд, ки имконияти истихроҷи ангишт – 5,5 млн тоннаро ташкил дода, захираи сафедхоки (каолинит) ба оташ тобовар 62076 ҳаз. тоннаро ташкил менамояд. Бинобар ин, дар асоси захираи ин ашёи хом, дар оянда бунёди корхонаи истеҳсоли хишти ба оташ тобовар, барои хумдонҳои металлургиро мувофиқи мақсад мешуморем.

Шпати саҳроӣ (флюорит) дар ҷанубии қаторкуҳи Ҳисор, конҳои Такоб, Кондара, Биғар, Теппаҳои Сурх, Мағов ёфт шуда, захираи саноатии кони Такоб 947 ҳазор тонна, кони Тепаҳои Сурх – 92 ҳазор тонна ва Биғар – 71 ҳазор тонна баҳогузорӣ гардидааст. Дар ноҳияи Варзоб комбинати куҳии Такоб амал мекунад, ки он барои гудозиши шпати саҳроӣ пешбинӣ шудааст. Аз ин лиҳоз, дар дурнамо истеҳсоли шпати саҳроиро дар ин минтақа, бо роҳи ҷалби конҳои азхудшуда, то ба 100 000 тонна дар як сол, мувофиқи матлаб мешуморем.

Конҳои маъдани волфрам бошад, дар қаторкуҳҳои Ҳисор – конҳои Майхӯра, Кабутӣ, Такфон ва Сармад ҷойгир шудаанд. Майхура кони калонтарини маъдани волфрам дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Соли 1966 бинобар сабаби ба охир расидани захираи саноатиаш истихроҷи волфрам дар ин кон мавқуф гузошта шуд. Корҳои геологии солҳои минбаъда нишон дод, ки дар ин кон ғайр аз волфрам маъдани руҳ, мис, висмут ва кадмий мавҷуд аст. Аз ин лиҳоз, дар базаи ин конҳо бунёди корхонаи коркарди маъдан бо иқтидори 150 000 тонна дар як солро ба роҳ мондан мумкин аст.

Дар соҳили рости дарёи Такоб кони кварсдори Такоб мавҷуд аст, ки ғафсии қабати кварсдор дар он то ба 300 м мерасад. Таҳқиқотҳо нишон дод,

ки захираи кварси категорияҳои А+В зиёда аз 218 000 тоннаро ташкил медиҳад. Дар асоси ин кон бунёд намудани корхонаи истеҳсоли шиша дар ноҳияи Варзоб, ки он барои сехҳои омода намудани дару терезаҳои ҶДММ «Алюмини профел» – ш. Турсунзода мувофиқи матлаб аст.

Қурғошим ва руҳро одатан аз конҳои политметалҳо дастрас мекунанд. Қисми зиёди қурғошим ва руҳ аз дохили конҳои политметалии қурғошиму флюоритдор гирифта мешавад.

Дар қисми ҷанубии қаторкуҳи Ҳисор конҳои Такоб, Кондара, Сафеддорак, Деҳималик мавҷуданд, ки дар давраи мезозой ва кайнозой пайдо гардида, аз аҳамияти саноатӣ орӣ нестанд.

Дар ноҳия 32 кони масолеҳи сохтмонӣ мавҷуд буда, аз онҳо 6 – тоашро кони сангҳои сохтмонӣ, 5 – тоашро кони гил ва гилхок, 4 – тоашро кони гач ва 5 кони оҳаксанг ташкил медиҳанд. Ҳоло 4 кони гил ва гилхок, 5 – кони оҳаксанг ва 1 кони санги сохтмонӣ аз худ карда шудааст. Дар асоси ин конҳо дар ноҳияи Рӯдакӣ ва Ҳисор корхонаҳои саноати бунёд гардида аҳолиро қисман ба маҳсулотҳои индустрияи бинокорӣ (хишт, оҳак, сангҳои сохтумонӣ) таъмин менамоянд. Ҳамин тариқ мо метавонем, ки дар ноҳияи Варзоб дар асоси мавҷуд будани кони асбест, ки дар байни ҷинсҳои куҳии аҳди полеозой кашф карда шудааст бунёд намудани корхонаи саноатии истеҳсоли қубурҳои асбести, плитаҳои асбест инчунин истеҳсоли бомпушҳои асбестиро ба роҳ монем.

На он қадар дуртар аз кони кварси Такоб конҳои гранит ҷойгир шудаанд. Захираи конҳои гранити категорияҳои А+В+С зиёда аз 53 965 ҳазор тоннаро ташкил медиҳанд. Конҳои булури кухӣ дар Варзоб таҳқиқ шудааст. Дар асоси ин конҳо дар ноҳия бунёд намудани корхонаҳои саноатии маҳсулоти бинокорӣ ва таъмини аҳолӣ ба ҷойи кори доимӣ ба нафъи ноҳия мебошад.

Конҳои фосфорит асосан дар қаламрави қаторкуҳи Ҳисор (Зиддӣ) ҷойгир шудаанд. Кони Зиддӣ аз 8 – қабати фосфордиҳанда иборат буда, ғафсии ҳар қабат 1 – метр ва аз ин зиёдтар мебошад. Захираи умумиаш 2 млн тонна буда, дар таркибаш оксиди фосфор ба ҳисоби миёна 8,2%– ро ташкил

менамояд. Дар асоси ин кон бунёд намудани корхонаи истеҳсоли нуриҳои менералӣ (фасфарӣ) дар ноҳияи Варзоб ба роҳ метавон монд, ки қисми зиёди заминҳои кишварро бо нуриҳои гуногуни фосфории маҳсулоти менералии табиӣ болозикр таъмин менамояд.

Дар кашф, таҳқиқ ва омӯзиши конҳои канданиҳои фоиданок, дар ноҳия хизмати геологҳои советӣ П.Д. Виноградов, Т.Н. Иванова, А.В. Коровник, А.С. Мудрогина, Б.Н. Наследов, А.П. Недзвецкий, Т.И. Новикова, М.Э. Пояркова, Д.И. Щербаков, Ҳ. Юсупов хеле калон аст.

Таҳқиқотҳо собит менамоянд, ки сарватҳои табиӣ сарчашмаи асосии ҳаёт буда, воситаи асосии истеҳсолот ба ҳисоб мераванд. Яке аз муаммоҳои асосии ҳозира истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар ноҳия мебошад.

Ҷалби сарватҳои табиӣ дар истеҳсолот ва муайян намудани таъсири онҳо дар рушд ва ҷобаҷогузории истеҳсолот тадбирҳои иловагиро тақозо менамояд. Дар шароити ҳозира, бояд ҳамаи ташкилотҳои дахлдор кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки роҳҳои ҷалби сарватҳои табиӣ ва таъсири онҳоро дар рушд ва ҷобаҷогузории истеҳсолот, вобаста ба минтақаҳои алоҳидаи ноҳия муайян карда шавад.

### 1.3. Таърихи ташаккулёбии соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия

Ташаккулёбии хоҷагии ноҳия давраҳои гуногунро аз сар гузаронидааст. Бостоншиносон муайян намудаанд, ки дар ҳудуди ҳозираи ноҳияи иқтисодии Ҳисор ҳанӯз 40 – 50 ҳазор сол муқаддам инсонҳо сукунат доштаанд. Дар давраи неолит (асри нави сангин) ҳудуди ҳозираи ноҳияи иқтисодии Ҳисор яке аз марказҳои сераҳолитарини Осиёи Миёна ба шумор мерафт.

Дар натиҷаи ҷустуҷӯи бостоншиносон, дар ноҳия маскани одамоне пайдо гардидаанд, ки 6 – 9 ҳазор сол муқаддам дар ин ҷо иқомат доштанд. Олоти меҳнати инсон асосан аз санг сохта, хусусияти хоси худро дошт. Дар қатори маснуоти мукаммал сокинони ноҳия олоти калону носуфтаи сангинро низ, истифода мебурданд. Мардум ҳануз аз замонҳои қадим аз шикор, ҷамъоварии растаниҳои гуногун ва моҳидорӣ ба истеҳсолот гузашта, барои коркарди замин ва хонагӣ намудани ҳайвонот кӯшиш карданд.

Дар ҷустуҷуйҳои бостоншиносӣ саҳми олимони рус М.А. Бубнова, Е.П. Денисов, Т.Г. Филимонова, В.В. Радилиловский, Н.М. Симакова, Л.Т. Пяьнкова ва дигарон хело калон аст[66].

Дар шароити хонагӣ аҳолӣ қариб, ки тамоми навъи асбобҳои рӯзғорро бо таври одӣ истеҳсол менамуданд. Дар замони Кушониён (ҳазораи якуми то мелод) зироатчигӣ на фақат водиҳо, балки мавзеъҳои кӯҳсорро ҳам фаро гирифта буд. Дар ин давра анвои зироат (гандум, ҷав, зағир, кунҷит, шолӣ, ҷуворимака ва ғайра) зиёд кишт карда мешуд. Селексияи халқӣ, авлод ба авлод идома ёфта, навъҳои серҳосили зироат ва зотҳои нави чорво пайдо шуда, ба кишварҳои ҳамсарҳад паҳн мегардид. Чунончӣ, чиниҳо кишти юнучқа ва парвариши чормағзро аз халқҳои ин минтақа омӯхтаанд. Зоти гӯсфанди ҳисорӣ ва зоти аспи хатлонӣ низ, маҳсули кори селексияи халқӣ мебошад. Сохтмони аввалин иншоотҳои обёрӣ аз ҳамон даврахо сар шудааст. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ дар қаламрави ҳозираи Тоҷикистон ҳануз асри XI то милод баробари зироату чорво, металургия низ, вуҷуд дошт. Аҳолии таҳҷойи аз конҳо маъдан истихроҷ карда, асбобҳои гуногун месохтанд[67].

Аксар нишонаҳои кори маъданканҳои онвақта, ҳатто геологҳои ҳозираро дар ҳайрат мегузорад. Технологияи истихроҷи маъдан ва маъдангудозӣ хеле сода буд, маъданро бо асбобҳои одӣ (зоғнул, белу каланд, фонаҳои чӯбӣ ва ғайра) истихроҷ мекарданд. Қатъи назар аз он накбҳои онҳо хеле чуқур (то 250 м) буд.

Бозёфтҳои ҳафриётӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар баробари саноати кӯҳӣ то замонҳои тохтутози муғулҳо дар ноҳия ҳунармандӣ, кулолӣ, заргарӣ ва санъати тасвирӣ низ ривоҷ ёфта буд. Ҳатто баъзе аз намудҳои касбу ҳунарҳо то ба дараҷаи олии худ ривоҷ ёфта, маҳсулоти онҳо берун аз ҳудуди Мовароуннаҳр шуҳрат дошт.

Нишонаҳои санъати баланди меъморию бинокории онвақтаро дар мақбараи Исмоили Сомонӣ дар Бухоро, мадрасаи Ҳоҷи Машҳади деҳаи

[66] Ниг.: Ранов В.А., Соловьёв В.С. Душанбе – город древний. – Душанбе: Издательство:«Дониш», 1993. – С. 91.
[67] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 165-168.

Сайёди Шаҳритус ёфтшуда, дидан мумкин аст. Дар шаҳри Душанбе асрҳои XIX – XX касбҳои гуногун ба монанди коркарди чуб, пуст, дузандагӣ, заргарӣ, равғанкашӣ ва шаробкашӣ хеле рушт ёфта буд.

Мутаассифона тохтутози муғулҳо ва сипас ҷангҳои байни феодалҳои маҳаллӣ боиси таназзули тамаддуни баланди халқи тоҷик гардид. Аз соли 1868 Руссия ба Осиёи Миёна робитаашро зиёдтар намуд ва ба тараққиёти иқтисодии ин сарзамин каме шароити мусоид фароҳам овард.

Дар замони Шуравӣ як қатор корхонаҳои саноатӣ ва мактабу шифохонаҳо сохта ба истифода дода шуданд. Соли 1926 дар ҳудуди ҳозираи ноҳияи иқтисодии Ҳисор якчанд корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва сабук, аз қабили заводи пахтатозакунӣ, равғанкашӣ, ордкашӣ сохта мешаванд[68]. Соли 1932 дар шаҳри Душанбе заводи истеҳсоли вино сохта шуд. Соли 1937 дар дарёи Варзоб НБО бо иқтидори 7,5 ҳазор кВт/с сохта ба истифода дода мешавад. Солҳои аввали Шуравӣ омили муҳимми таъсисёбӣ ва рушди соҳаҳои саноат дар ҳудуди ҳозираи ноҳияи иқтисодии Ҳисор, ин мавҷудияти сарватҳои гуногуни табиӣ ва захираҳои меҳнатӣ ба ҳисоб мерафт.

Солҳои 1931 – 1937 дар ҳудуди шаҳри Душанбе заводи коркарди пӯст, пивапазӣ, комбинати гӯшт, комбинати коркарди пилла ва якчанд корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, фабрикаи дӯзандагӣ, комбинати шир, заводи вино, фабрикаи пояфзолдӯзӣ сохта мешаванд[69]. Бо сохта шудани ин корхонаҳо аҳолии маҳаллӣ соҳиби касб ва ҷойи кор мегарданд. Дар ин давра, дар як қатор маркази ноҳияҳои маъмурӣ заводҳои нонпазӣ сохта мешаванд. Соли 1932 дар ҳудуди ҳозираи шаҳри Ваҳдат, Душанбе заводи ордкашӣ ва дар шаҳри Турсунзода заводи истеҳсоли равған аз анҷибар ба истифода дода шуд[70]. Солҳои 1931 – 1936 дар натиҷаи рушди соҳаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ ҳиссаи ин соҳаҳо дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 88% расид.

Соли 1932 дар шаҳри Душанбе сохтмони заводи таъмири автомобил ва коркарди метал оғоз мегардад. Солҳои 1931 – 1934 дар заминаи шпати

[68] Ниг.: Назарали Хоналиев. Экономическая история и концепсия развития промышленности Таджикистана. – Душанбе, 2010. – С. 46.
[69] Ниг.: Назарали Хоналиев. Экономическая история и концепсия развития промышленности Таджикистана. – Душанбе, 2010. – С. 60.
[70] Ниг.: Назарали Хоналиев. Экономическая история и концепсия развития промышленности Таджикистана. – Душанбе, 2010. – Душанбе, 2010. – С. 62.

саҳроии минтақаи Такоби ноҳияи Варзоб, комбинати кӯҳӣ сохта шуд. Бинобар сабаби зиёд будани талабот ба маҳсулотҳои саноати мошинасозӣ, соли 1932 дар шаҳри Душанбе заводи механикии ба номи Орджоникидзе сохта мешавад (ҳоло ҶСШК «Заводи арматурбарорӣ»).

Соли 1938 дар шаҳри Душанбе заводи коркарди чӯб сохта шуд, ки он дар ҳамон давра 2,4% ҳамин навъ маҳсулоти Ҷумҳурии Тоҷикистонро медод. Ин корхона дар асоси ашёи хоми аз беруновардашуда, кор мекард. Сохтмони роҳҳо, заводу фабрикаҳо, мактабу шифохонаҳо ва дигар биноҳои хизматрасонӣ дар ҳаҷми зиёд масолеҳи сохтмониро талаб менамуд. Қонеъ намудани ин талабот зарурати сохтмони корхонаҳои масолеҳи сохтмониро пеш овард. Аз ин лиҳоз дар шаҳри Душанбе ва Ваҳдат як қатор корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ сохта мешаванд. Солҳои 1928 – 1940 шумораи коргарон дар корхонаҳои саноатии ноҳия 12 маротиба зиёд гардид[71].

Солҳои 1941 – 1970 дар рушди соҳаҳои саноати ноҳия давраи нав оғоз мегардад. Соли 1941 – 1945 як қатор корхонаҳои саноатӣ аз қисми аврупоии Шуравӣ кучонида мешаванд. Масалан, соли 1943 ба ҳудуди Регар (ҳоло ш. Турсунзода) заводи равғанкашӣ ва соли 1945 бошад, ба шаҳри Душанбе заводи «Трактродеталь» бо роҳи кучонидан сохта мешаванд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ истеҳсолоти комбинати дӯзандагии шаҳри Душанбе аз ҳисоби дӯхтани либосҳои ҳарбӣ меафзояд. Дар ин давра, дар ҳудуди ноҳия якчанд заводҳои коркарди шир низ, сохта мешаванд. Соли 1945 нисбат ба соли 1940 истеҳсолот дар ин заводҳо 4,4 маротиба меафзояд. Солҳои 1946 – 1950 бошад, истеҳсолот дар тамоми соҳаҳои саноати ноҳия меафзояд[72].

Солҳои 1960 – 1965 дар шаҳри Душанбе НБА, заводи яхдонбарорӣ, истеҳсоли қубур, сементу шифер, заводи равғанкашӣ, ордкашӣ ва қанодӣ сохта ба истифода дода мешаванд. Солҳои 1965 – 1970 истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ дар ноҳия 1,5 маротиба афзуд. Солҳои 1941 – 1970 дар ҳудуди ноҳия якчанд заводҳои пахтатозакунӣ, дӯзандагӣ, ресандагӣ, нонпазӣ, равғанкашӣ, истеҳсоли спирт ва масолеҳи сохтмонӣ сохта мешаванд. Соли 1970 нисбат ба

---

[71] Ниг.: Назарали Хоналиев. Экономическая история и концепсия развития промышленности Таджикистана. – Душанбе, 2010. – С. 67.
[72] Ниг.: Назарали Хоналиев. Экономическая история и концепсия развития промышленности Таджикистана. – Душанбе, 2010. – С. 74.

соли 1941 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 9,9 маротиба афзуд. Дар ин давра шумораи муттахасиони баландихтисос ва маблағгузорӣ ба соҳаҳои хоҷагии халқ низ, 31,5 маротиба афзуд[73].

Дараҷаи баланди рушди соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба солҳои 1971 – 1990 рост меояд. Дар ин давра дар шаҳри Турсунзода заводи алюминий сохта шуд, ки ба рушди иқтисодии ноҳия ва мамлакат таъсири назаррас расонид. Бо мақсади рушди саноати мошинасозӣ дар шаҳри Душанбе корхонаҳои Текстилмаш (истеҳсоли мошинаҳои бофандагӣ), Торгмаш (мошинаҳои майшӣ), заводҳои яхдонбарорӣ, арматурбарорӣ сохта ба истифода дода мешаванд[74].

Солҳои 1971 – 1975 комбинати абрешими шаҳри Душанбе аз нав таҷдид ва васеъ карда шуда, ҳаҷми истеҳсоли он зиёд гардонида мешавад. Солҳои 1971 – 1990 дар шаҳри Турсунзода заводи маҳсулоти чинӣ, дар ноҳияи Ваҳдат заводи механикӣ, дар ноҳияи Ҳисор заводи маҳсулоти сохтмонӣ ва дар шаҳри Душанбе заводи мебелбарорӣ сохта ба истифода дода шуд. Агар соли 1970 саноати вазнин 22,9% маҳсулоти саноатии ҷумҳуриро истеҳсол намуда бошад, пас соли 1990 ин нишондиҳанда ба 36% расид[75]. Солҳои 1971 – 1990 дар ноҳия шумораи кормандони соҳаҳои хоҷагии халқ низ афзуд, ки ин корхонаҳо нисфи маҳсулоти ҳоҷагии халқро таъмин менамуданд.

Дар ҳудуди ҳозираи ноҳия 85% аҳолӣ ба соҳаи кишоварзӣ банд буданд ва пахтакорӣ ҷойи аввалро мегирифт[76]. То солҳои 1880 дар ноҳия фақат навъи пахтаи маҳаллии ғуза кишт мекарданд, ки барои нах ва равған коркард мешуд[77]. Аз соли 1913 сар карда, ба ҳудуди ҳозираи ноҳияи иқтисодии Ҳисор аз Россия чӯян, шакар, либос, зарфҳо ва баъзе навъҳои асбобу анҷоми дар соҳаи кишоварзӣ истифодашавандаро ворид карданд.

---

[73] Ниг.: Совесткий Таджикистан за 60 лет: юбилейный статистический ежегодник. – Душанбе: Ирфон, 1984. – С. 100.
[74] Ниг.: Костеннсков В.М. Развитие экономических районов СССР. – Москва: Просвещение, 1977. – С. 165-167.
[75] Ниг.: Назарали Хоналиев. Экономическая история и концепсия развития промышленности Таджикистана. – Душанбе, 2010. – С. 98.
[76] Ниг.: Назарали Хоналиев. Экономическая история и концепсия развития промышленности Таджикистана. – Душанбе, 2010. – С. 12-13.
[77] Ниг.: Назарали Хоналиев. Экономическая история и концепсия развития промышленности Таджикистана. – Душанбе, 2010. – С. 15.

Заминдорӣ дар дастнависҳои қадима акс ёфтаанд ва ҳатто Осиёи Пеш, Аврупо, Ҳиндустон ва Хитой заминдориро аз тоҷикон омӯхтаанд»[78]. То инқилоби Октябр яке аз марказҳои асосии рушди косибӣ минтақаи Ҳисор ба ҳисоб мерафт. Ба ақидаи академик И.К. Нарзиқулов «Дар ҳудуди водии Ҳисор марказҳои косибии хурд дар шаҳрҳои Ҳисор ва Душанбе қарор дошт»[79].

Охирҳои асри XIX ва аввали асри XX соҳаҳои кишоварзӣ хусусан соҳаи пахтакорӣ хеле рушд ёфт. Дар ҷойи дукони оҳангарӣ корхонаҳои калон ба вуҷуд омад. Ин корхонаҳо ба капиталистони рус ё савдогарони ҳамонвақта таалуқ дошт[80]. Дар минтақа истеҳсоли матоъ аз абрешим низ, хуб ба роҳ монда шуда буд. Маркази истеҳсоли матоъ дараи Қаратоғ ба ҳисоб мерафт.

То инқилоби Октябр дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор саноат ва кишоварзӣ вобаста ба имконотҳои ҳамон давра рушд ёфта буд. Корхонаҳои косибӣ ва заминҳои кишоварзӣ ба ҳокимон ва феодалон тааллуқ дошт. Кишоварзӣ соҳаи асосии минтақа ва манбаи асосии даромади аҳолӣ ба ҳисоб мерафт. Аз сабаби нодуруст истифода бурдан, қисми зиёди заминҳо шӯр шуда, ба эрозия дучор шуда буданд. Чарогоҳҳо қисми асосии заминҳои кишоварзиро ташкил менамуд. Талаботҳои асосии системаи ирригатсионӣ риоя намегардид. Танҳо асри XIX дар ин минтақа корҳои ирригатсионӣ бо мақсади беҳтар намудани ҳолати заминҳо оғоз гардид.

Солҳои аввали ҳокимияти Шуравӣ дар таркиби растаниҳои ғалладонагӣ гандум мавқеи асосиро ишғол мекард. Аҳолӣ инчунин ба кишти растаниҳои равғандиҳанда, хусусан зағир машғул буданд. Дар заминҳои лалмии минтақа бештар гандум ва ҷав кишт мекарданд (55% заминҳои лалмӣ гандум ва 20% ҷав). Ҳосилнокии гандум дар заминҳои обӣ, 40 пуд ва дар заминҳои лалмӣ 20 пудро ташкил медод[81].

---

78 Нарзикулов И.К. Проблемы развития производительниых сил Таджикистана и формирование южно-Таджикского территориально-производственного комплекса. – Душанбе, 1975. – С. 36-37.
79 Назарали Хоналиев. Экономическая история и концепсия развития промышленности Таджикистана. – Душанбе, 2010. – С. 6.
80 Ниг.: Нарзикулов И.К. Проблемы развития производительниых сил Таджикистана и формирование южно-Таджикского территориально-производственного комплекса. – Душанбе, 1975. – С. 40.
81 Ниг.: Нарзикулов И.К. Краткие сведение о дореволюционной кустарной промышленности Таджикситана. – Сталинабад, 1957. – С. 9.

Дар ноҳия роҳҳои замонавӣ мавҷуд набуд. Вақти рафту омад дар ноҳияҳои кӯҳӣ аз сабаби набудани роҳҳои кушод аҳолӣ чорво ва маҳсулоти худро аз даст медоданд. Дар баъзе маҳалҳо пулҳои бехатар низ вуҷуд надоштанд. То инқилоби Октябр қисме аз аҳолӣ ҳамчун мардикор ва иҷоракор фаъолият мекарданд. Лекин на ҳама вақт онҳо барои худ кор меёфтанд. Аз ин лиҳоз баъзе аз аҳолӣ барои дарёфти кор ба ноҳияҳои дигар мерафтанд. Баъзе сокинони маҳалҳои баландкуҳ ба шикор машғул буданд.

Баъди аз тарафи Ҳукумати Шуравӣ бо техникаву технология таъмин намудани колхозу совхозҳо ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративӣ истеҳсолот, соҳаи кишварзӣ рӯ ба инкишоф ниҳод. Рушди кишоварзӣ ба пайдо шудани корхонаҳои саноатии мошинасозии сабук, хӯрокворӣ, химия ба беҳтар шудани шароити иқтисодиву иҷтимоии аҳолӣ оварда расонид. Ба таври назаррас таркиби заминҳои кишоварзӣ низ, беҳтар шуд.

Бо мақсади беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо як қатор корҳо амалӣ карда шуданд. Дар давраи Шуравӣ дар таркиби заминҳои кишоварзии ноҳия майдони заминҳои растаниҳои техникӣ то 35% афзуда, майдони замини ғалладонагӣ то 60% кам карда шуд. Канали калони Ҳисор сохта шуд, ки калонтарин шабакаи обёрӣ дар ноҳия ба ҳисоб меравад.

Солҳои 60 – уми асри XX қисми зиёди корҳо дар соҳаи кишоварзӣ бо таҷҳизот ва мошинаҳои дигари кишоварзӣ амалӣ карда мешуданд. Дар минтақаҳои кӯҳии ноҳия бошад, аксари корҳо бо қувваи дастӣ амалӣ карда мешуд. Дар ин давра ҳамаи колхоз ва совхозҳои ноҳия бо трактор ва мошинаҳо таъмин карда шуда буданд. Бо техникаи замонавӣ таъмин намудани колхозу совхозҳо боиси баланд шудани ҳосилнокӣ ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ гардид.

Колхозҳои ноҳия соли 1960 нисбат ба соли 1925 ду маротиба бештар ҳосили ғалладона ҷамъоварӣ намуданд. Ҷамоварии ҳосили зағир бошад, дар ин давра 20 маротиба афзуд. Новобаста аз зиёд шудани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ нишондиҳандаҳои ба ҳар сари аҳолӣ маҳсулоти кишоварзӣ паст буд.

Хоҷагии халқи ноҳия иқтисодии Ҳисор бад аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ иқтисодиёти он комплекси ягонаи хоҷагиро бо истеҳсолу коркарди муҳимтарин навъҳои маҳсулот дар бар мегирифт. Айни замон вазъи соҳаҳои хоҷагии халқ кулан тағйир ёфтаст. Дар ин маврид бисёр риштаҳои иқтисодие, ки байни шаҳру корхонаҳои мамлакат солҳои тӯлонӣ вуҷуд доштанд, якбора канда шуданд ва буҳрони истеҳсолот ҳамаи давлатҳои собиқ шӯравиро фаро гирифт. Ин ҳолат дар даҳсолаи охир дар ноҳия низ ба пастшавии суръати афзоиши иқтисодиёт, нарасидани маҳсулоти ниёзи мардум, баланд шудани нархи маҳсулот оварда расонид. Ба замми ин ҷанги шаҳрвандӣ боиси хароб гардидани садҳо корхонаҳои саноатӣ, соҳаи кишоварзӣ ва нақлиёт гардида.

Дар давраи аз соли 1991 то 1996 ҳаҷми маҳсулоти дохилии мамлакат (ММД) то 58,1 дарсад кам гардид. Соли 2006 бошад, ҳаҷми умумии маҳсулот ҳамагӣ 65 дарсади давраи соли 1991-ро ташкил намуд. Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон (27 июни соли 1997) яке аз роҳҳои муҳими минбаъд ба низом овардани пешрафти иқтисодӣ гардид.

Махсусан, дар ин давра ба Ватан баргаштани фирориён ва барқароркунии хоҷагии халқ асоси минбаъд таъмин намудани тарақиёти иқтисодиётро ба амал овард. Аз соли 1997 афзоиши суръати миёнаи солонаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар ноҳия баланд гардид. Ислоҳоти иқтисодӣ барои беҳтар гардидани истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои кишоварзӣ кумаки ҷиддӣ расонид. Пешрафти иқтисодиёти мамлакат солҳои охир ба дараҷаи зисту зиндагонии аҳолӣ таъсири мусбат расонид. Сатҳи камбизоатии аҳоли аз 81 дарсад (соли 1999) то 59 дарсад (соли 2013) паст фаромад. Ислоҳоти иқтисодӣ ба масъалаи ҷалб намудани соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ноҳия диққати асосӣ дода шуд, ки ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ хусусан ғалла соли 2020 196727 тонна баробар гардид.

Дар давраи гузариш илму маориф ва соҳаи тандурустӣ хеле коҳиш ёфтанд. Ҳукумати Тоҷикистон барои ба низом овардани соҳаҳои муҳим ва баланд бардоштани дараҷаи донишиу маърифати хонандагону донишҷӯён татбирҳои муҳим андешид, дар ноҳия аз соли 2005 то 2020 дар мактабҳои

таҳсилоти умумӣ 25434 ҷайи нишаст, муасисаҳои томактаби 1570 ҷой ва 435 кат барои беморон бунёд гардид[82].

Таҷрибаи бисёр давлатҳои нави индустриявӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки танҳо дар сурати ба роҳ мондани пешрафти имконияти ба низом овардани на ин ки соҳаҳои саноату кишоварзӣ ва нақлиёт, балки илму маориф ва тандурустӣ низ ба амал хоҳад омад. Яке аз комёбиҳои муҳими замони истиқлолият дар ноҳия ин сохтмони шоҳроҳи автомобилгарди Душанбе – Турсунзода, Душанбе – Ваҳдат, Душанбе – Варзоб нақби Истиқлол мебошанд, ки ноҳияро пурра аз бумбасти камуникатсиони баровард. Ноҳия дорои захираҳои бузурги табиӣ мебошад. Ба кор даровардани корхонаҳои нави соҳаи коркарди маъдани кӯҳӣ ва ғайра имконияти ба дараҷаи баланд тараққӣ кардани иқтисодиёти ноҳия пайдо гардид. Давоми солҳои ҷанги шаҳрванди (1991 – 1997) дар ноҳия шумораи зиёди корхонаҳои санаатӣ аз кор монда башад ҳам, бад аз соли 1997 то 2020 шумораи зиёди корхонаҳои навъи бо талаботи замонна бунёд гардидаст. Дар давоми соли 2005 даромади соҳаҳои саноати ноҳия 1767,2 млн соман ва соли 2020 бошад ин нишондиҳанда ба 5474,1 млн сомони баробар гардид.

Баъд аз таҳлили таърихии пайдоиш ва рушди соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи иқтисодии Ҳисор мо ба чунин хулоса омадем:

– дараҷаи баланди рушди соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба солҳои 1971 – 1990 рост меояд. Дар ин давра дар шаҳри Турсунзода заводи алюминий сохта шуд, ки ба рушди иқтисодии ноҳия ва мамлакат таъсири назаррас расонид. Бо мақсади рушди саноати мошинасозӣ дар шаҳри Душанбе корхонаҳои Текстилмаш (истеҳсоли мошинаҳои бофандагӣ), Торгмаш (мошинаҳои майшӣ), заводҳои яхдонбарорӣ, арматурбарорӣ сохта ба истифода дода мешаванд;

– дар рафти омӯзиш маълум гардид, ки пахтакорӣ дар ноҳия аз солҳои 1880 оғоз гардида, танҳо кишти навъи пахтаи ғӯза гузаронида мешуд ва дар

---

[82] Ниг.: Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2019. – С. 106.

охири асри XIX ва аввали асри XX пахтакорӣ дар ноҳия ба пурраги рушд намуда, маҳсулоти содиркунандаи ноҳия гардид;

– дар рафти таҳқиқ маълум гардид, ки аз соли 1913 сар карда ворид намудани нуриҳои азотӣ шуруъ гардид, ки баъд аз ин ҳосили заминҳои кишт дучанд гардид;

– аз соли 1930 сар карда дар ноҳия таъсис додани колхозу савхозҳо оғоз ёфт, ки боиси пешрафт ва истифодаи босамари заминҳои кишт ва аз як замин бардоштани то ду ҳосил оғоз гардид.

# БОБИ II. ХУСУСИЯТҲОИ ИҚТИСОДӢ–ГЕОГРАФӢ, РУШД ВА ҶОБАҶОГУЗОРИИ ҚУВВАҲОИ ИСТЕҲСОЛКУНАНДАИ НОҲИЯИ ИҚТИСОДИИ ҲИСОР

## 2.1. Вазъи кунунии рушд ва ҷобаҷогузории соҳаҳои саноати ноҳия

Бунёди корхонаҳои саноатӣ дар партави сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои олии стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръати кишвар дар ҷумҳури ва ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба роҳ монда шудааст.

Раванди саноатикунонии босуръати кишвар ба хусусиятҳои дуруст ва оқилона ҷойгир намудани қувваҳои истеҳсолкунанда дар заминаи қонуниятҳои гуногуни иқтисодию географиро тақозо менамояд.

Қонуниятҳои ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолкунанда раванди муносибату фаъолияти ҷомеаи инсонӣ ва ташкили минтақавии истеҳсолотро дар бар мегирад. Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ тарақиёти иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо оқилона ҷойгир намудани қувваҳои истеҳсолкунанда дар ҳудудҳои алоҳида ниёз дорад. Зеро самаранокии иқтисодӣ ҳамон вақт ба даст оварда мешавад, ки барои истихроҷ, коркарди ашёҳои хоми саноатӣ, истеҳсоли маҳсулот, кашонидани маҳсулот, ҷалб намудани қувваи корӣ, сӯзишворӣ, барқ ва нақлиёт маблағ кам сарф шавад. Вобаста ба ин, яке аз масъалаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот коркарди комплексии сарватҳои табиӣ мебошад, ки он дар истеҳсолот ҷорӣ ва истифода намудани техника ва технологияи навтаринро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, ташкили ҳудудии истеҳсолот ҳаматарафа ва оқилона истифода бурдани шароит ва сарватҳои табиӣ, пеш аз ҳама захираҳои обӣ, гидроэнергетикӣ, замин, сарватҳои маъданӣ, захираҳои меҳнатӣ ва шабакаи нақлиётро талаб менамояд. Ин на фақат ташкили минтақавии истифодаи

онҳоро беҳтар менамояд, балки самаранокии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои иқтисодиро баланд мебардорад[83].

Дар замони муосир рушди иқтисодию техникии ҳар як ноҳия ва қувваҳои истеҳсолкунандаи онро бе мавҷудият ва рушди саноат тасавур кардан ғайриимкон аст. Ноҳияи иқтисодии Ҳисор маркази бузурги саноатии мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар ноҳия соҳаҳои саноати металургияи ранга, электроэнергетика, саноати ангишт, масолеҳи сохтмонӣ, мошинасозӣ ва коркарди метал, саноати сабук ва хӯрокворӣ хуб рушд ёфтааст. Шаҳрҳои Турсунзода, Ваҳдат ва Душанбе маркази саноатии ноҳия ба ҳисоб мераванд.

Мавҷудияти канданиҳои фоиданок ба рушди соҳаҳои саноати вазнин таъсир мерасонад. Рушди соҳаи кишоварзӣ омили муҳимми ҷойгиркунонӣ ва тараққӣ додани соҳаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ дар ноҳия ба ҳисоб меравад. Корхонаҳои саноатии ноҳияи иқтисодии Ҳисор зиёда аз 40% маҳсулоти саноати Тоҷикистонро истеҳсол мекунад[84]. Дар аввали солҳои гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ, шаҳри Душанбе дар байни шаҳрҳои ҷумҳурӣ дар мақоми аввал аст, ки 30,0% маҳсулотҳои саноатро истеҳсол менамуд[85] ва соли 2005 то 6,0% кам гардид[86]. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор то 1 январи соли 2000 ба 614 000 сомонӣ расид, ки ин 10,7% ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати ҷумҳуриро ташкил медод[87] то 1 январи соли 2008 ба 2 144 187 сомонӣ баробар шуд, ки ин 26,5% ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати Тоҷикистонро ташкил медод[88]. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ то 1 – январи соли 2020 бошад, ба 5 471 100 сомонӣ баробар шуд, ки он 17,7% ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати Тоҷикистонро ташкил намудааст[89].

---

[83] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Диловаров Р.Д., Раҳимов М.Р. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни донишгоҳҳои иқтисодӣ). – Душанбе, 2011. – С. 15-16.

[84] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 278.

[85] Ниг.: Назарали Хоналиев. Экономическая история и концепция развития промышленности Таджикистана. – Дунанбе: Ирфон, 2010. – С. 287.

[86] Ниг.: Хоналиев Назарали. Промышленность Таджикистана: соврименное состаяние и перспективы развития. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 83.

[87] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ / Минтақаҳои ҶТ дар соли 2021. – С. 123.

[88] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ / Саноати ҶТ дар соли 2015. – С. 87.

[89] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ / Минтақаҳои ҶТ дар соли 2021. – С. 123.

Солҳои аввали гузариш ба шароити иқтисоди бозоргонӣ дар таркиби соҳаҳои саноати ноҳияи иқтисодии Ҳисор тағйироти куллӣ ба амал омад. Аз сабаби нооромиҳои солҳои 1990 – 1997 доир ба соҳаҳои саноатии ноҳияи иқтисодии Ҳисор маълумот ҷамъ намудан душвор буд. Умуман аз соли 1992 то 1997 ҳаҷми ММД дар Тоҷикистон то ба 60% коҳиш ёфт. Баъд аз соли 1997 ҳаҷми ММД ба 1,7% зиёд шуда, ба болоравӣ шӯруъ кард[90]. Солҳои 1992 – 1997 аз ҳама зарари зиёд ба соҳаҳои саноати шаҳри Душанбе ва водии Ҳисор расонида шуд. Ҳаҷми истеҳсолоти соноатӣ дар шаҳри Душанбе соли 1991 то 10,3% ҳаҷми тамоми соҳаҳои саноати Тоҷикистонро ташкил медод, ки то соли 2003 ба 4,0% омада расид[91].

Дар соли 2020 шумораи корхонаҳои саноатии шаҳри Душанбе ба 450 адад расидааст, ки нисбат ба соли 1991 – 273 корхона ё 2,5 баробар зиёд мебошад. Вале бояд гуфт, ки соли 2016 – 57 корхонаи саноатӣ бо сабаби фарсудашавии таҷҳизоти технологӣ ва камбудии молиявӣ аз фаъолият боз монда, боиси коҳиш ёфтани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва кам шудани ҷойҳои корӣ дар шаҳри Душанбе гардидааст.

Инчунин, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар 160 корхона паст гардида, дар натиҷа аз 78 намуди маҳсулоти муҳимми саноатӣ истеҳсоли 31 номгӯйй (40%) назар ба соли 2015 кам ва 5 номгӯйй маҳсулот (6,4%) умуман истеҳсол нашудааст, ки дар натиҷа ҳаҷми содироти корхонаҳои саноатии пойтахт назар ба соли 2015 то 33 фоиз коҳиш ёфт[92].

Дараҷаи аз ҳама баланди тараққиёти саноати металургӣ ба солҳои 1971 – 1990 рост меояд. Дар ин давра ба кор даровардани биноҳои аввалини заводи сохташудаистодаи алюминийи тоҷик ва соли 1974 истеҳсоли саноати

[90] Ниг.: Абдуллоев Абдуқодир. Проблемы экономико-экологического развития Республики Таджикистана. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 40.
[91] Ниг.: Абдуллоев Абдуқодир. Проблемы экономико-экологического развития Республики Таджикистана. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 56.
[92] Ниг.: Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолон ва намояндагони сокинони шаҳри Душанбе аз 15.02.2017 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 1.02.2022).

алюминий сар шуд, ки 88,3% металҳои рангаи Тоҷикистонро истеҳсол мекард[93].

Соли 1990 ба ҳиссаи саноати металургияи ранга 36,6% маҳсулоти саноатии ноҳия рост омада бошад, пас соли 2008 ин нишондиҳанда то ба 83,7% зиёд гардид[94]. Завод ашёи хоми худро аз давлатҳои қитъаи Австралия, Африка, Америка, Аврупа ва Осиё ворид мекунад. Танҳо барои ворид намудани ашёи хом Ширкати алюминийи тоҷик (ТАЛКО) ҳар сол 150 млн доллари ИМА сарф мешавад. Арзиши ҳар як тоннаи глихок (глинязом) аз хориҷ воридшуда, 600 доллари ИМА – ро ташкил медиҳад[95].

Соли 2015 корхона 139 ҳазор тонна алюминийи аввалия истеҳсол кард, ки нисбат ба соли 2014 ба миқдори 12 ҳазор тонна зиёдтар аст[96].

Соли 2020 (87 000 тонна) нисбат ба соли 2019 (96 800 тонна) истеҳсоли алюминнӣ 10 000 тонна коҳиш ёфт. Сабаби кам истеҳсол гардидани алюминий, ин хуруҷ кардани бемории COVID – 19 дар тамоми ҷаҳон мебошад.

Соли 2021 ширкати ТАЛКО 50 ҳазор тонна алюминий бо маблағӣ 119 млн доллар содирот намуд, ки нисбати соли 2020 38 ҳазор тонна камтар аст.

Ба мақсади таъмин намудани Ширкати алюминийи тоҷик (ТАЛКО) бо криолит дар ноҳияи Ёвон соли 2016 корхонаи истеҳсоли криолит ва алюминийи фтордор бунёд карда шуд. Иқтидори солона 12 ҳазор тонна криолит, 18 ҳазор тонна фториди алюминий ва 130 ҳазор тонна кислотаи сулфат мебошад.

То имрӯз ин номгӯйи маҳсулотҳо аз кишварҳои назди Балтика, БелоРуссия, Федератсияи Руссия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ворид карда мешуд. Ҳоло давлатҳои Қазоқистон, Озарбойҷон, Эрон, Ҳиндустон, Аморати Муттаҳидаи Араб, Қатар, Баҳрайн, Федератсияи Руссия ва Ҷумҳурии

---

[93] Ниг.: Хоналиев Назарали. Промышленность Таджикистана: соврименное состаяние и перспективы развития. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 84.

[94] Ниг.: Назарали Хоналиев Экономическая история и концепция развития промышленности Таджикистана. – Дунанбе: Ирфон, 2010. – С. 297.

[95] Ниг.: Назарали Хоналиев. Экономическая история и концепсия развития промышленности Таджикистана. – Душанбе, 2010. – С. 298.

[96] Ниг.: Шабакаи интернетии рузномаи Азия-плюс [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://news.tj/tj/news/afzoishi-iste-solu-sodiroti-alyuminii-dar-talko (санаи муроҷиат: 1.02.2022).

Мардумии Чин барои харидории криолит ва фториди алюминий ба Тоҷикистон пешниҳоди ҳамкорӣ намудаанд.

Мувофиқи маълумотҳои Вазорати саноат ва технология захираи умумии флюорит дар мавзеи Такоб ба 623 ҳазор тонна баробар буда, ҳамасола дар конҳои алоҳидаи он беш аз 50 – 60 ҳазор тонна флюорит истихроҷ ва коркард карда мешавад. Дар оянда Ширкати алюминии тоҷик «ТАЛКО» нақша дорад, истихроҷ ва коркарди флюоритро дар кони Мағов дар ҳудуди шаҳри Ваҳдат ба роҳ монад[97].

Масъалаи таъмини корхонаи алюминий ба ашёи хоми маҳаллӣ то ҳол ҳалли худро наёфтааст. Аммо дар ҳудуди ноҳияи иқтисодии Рашт кони сиенитҳои нефелиндор «Турпи» мавҷуд аст, ки захираи он 12 – 14 млрд тоннаро ташкил медиҳад[98]. Захираи ин кон зиёда аз 100 сол заводи алюминийи тоҷикро бо ашёи хом таъмин карда метавонад[99].

Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор бисёри корхонаҳои саноатӣ ба якдигар пайваста дар фаъолият мебошанд. Масалан ҶСП «Сомон – таҷҳизот» – и шаҳри Душанбе бо дархости Ширкати алюминийи тоҷик «ТАЛКО» беш аз 300 намуди қисматҳои эҳтиётӣ истеҳсол мекунад[100].

Дуюмин корхонаи бузурги металургияи рангаи ноҳияи иқтисодии Ҳисор, ин корхонаи бойгардонии Такоб мебошад, ки дар ҳудуди ноҳияи Варзоб ҷойгир шудааст. Ин корхона дар шаҳраки Такоб 46 км дуртар аз шаҳри Душанбе ҷойгир шудааст. Корхона дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ кор мекунад[101].

Дар умум зарфияти кони мазкур, дар Тагоб 700 – 800 ҳазор тон флюорит ҳисоб шудааст. ҶСК «Корхонаи бойгардонии Такоб» яке аз зерширкатҳои хонаводаи «Талко» – Ширкати алюминийи тоҷик, як ширкати пешгоми соҳаи

---

[97] Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17 январи 2023).
[98] Ниг.: Назарали Хоналиев. Экономическая история и концепсия развития промышленности Таджикистана. – Душанбе, 2010. – С. 298.
[99] Ниг.: Хоналиев Назарали. Промышленность Таджикистана: соврименное состаяние и перспективы развития. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 174.
[100] Ниг.: Абдуфатоҳ Шарифзода, Заробидин Қосимӣ. Фархундапай (бахшида ба 20 - солагии Канститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2014. – С. 114.
[101] Ниг.: Назарали Хоналиев. Экономическая история и концепсия развития промышленности Таджикистана. – Душанбе, 2010. – С. 298.

алюминиум дар Осиёи Марказӣ ва яке аз бузургтарин ширкати саноатии Тоҷикистон аст, ки дар замони Шуравӣ бунёд шуда, бо истеҳсоли алюминиум шуҳрат дошт.

Аз соли 2008 дар корхона 138 нафар бо кор банд буда, ин корхона 0,02% маҳсулоти саноати металургияи рангаи ноҳияи иқтисодии Ҳисорро медиҳад. Ба ҳиссаи ин корхонаҳо 1,3% аҳолии дар соҳаҳои саноат бандбудаи ноҳияи иқтисодии Ҳисор рост меомад[102].

Корхонаи бойгардонии Такоб истеҳсоли ду намуди мухсулотро ба роҳ мондааст, ки яке истеҳсоли 1250 тон консентрати флюорит ва дигаре 250 тон консентрати омехтаи руҳу сурб дар моҳ буда, дар умум иқтидори моҳонаи коркарди маъдан дар корхона 7 ҳазор тонна аст. Аммо тибқи барномаи навсозӣ дар оянда бар ивази консентрати омехтаи рух ва сурб тавлиди ҳарду консентрат – рух ва сурб – дар алоҳидагӣ ба роҳ монда мешавад. Дар ин барнома қарор аст, бо ширкатҳои ҷаҳонии Vast Resources LTD ва Stark Resources LTD, ки таҷрибаи бузурги ғанигардониро доранд.

Бино ба иттилои мутахассисон, технологияҳои наве, ки дар «Корхонаи бойгардонии Такоб» ба кор андохта шудаанд, ҳамон сифати лозимиро флюорити 95 – 98% – ро таъмин мекунанд. Ба қавли онҳо, дар таркиби ин кон қурғошиму синк низ вуҷуд дорад, ки тариқи технологияҳои ҷадид онҳоро низ, ҷудо карда мегиранд. Дар умум зарфияти кони мазкур дар Тагоб 700 – 800 ҳазор тонна флюорит ҳисоб шудааст.

Байни соҳаҳои саноати вазнини ноҳияи иқтисодии Ҳисор мавқеи саноати мошинасозӣ ва коркарди метал, инчунин саноати масолеҳи сохтмонӣ низ, назаррас аст. Соли 1990 саноати мошинасозӣ ва коркарди метал ва саноати масолеҳи сохтмонӣ 5,2 ё 5,8% маҳсулоти саноатии ноҳияи иқтисодии Ҳисорро истеҳсол менамуд. Ба ҳиссаи ин соҳаҳо 19,4 ё 10,6% аҳолӣ дар соҳаи саноат банд буданд. Корхонаҳои ин соҳа дар шаҳрҳои Ваҳдат, Душанбе, Турсунзода, ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав ва Рӯдакӣ ҷойгир шудааст[103].

---

102 Ниг.: Назарали Хоналиев. Экономическая история и концепсия развития промышленности Таджикистана. – Душанбе, 2010. – С. 298.

103 Ниг.: Назарали Хоналиев. Экономическая история и концепсия развития промышленности Таджикистана. – Душанбе, 2010. – С. 298-299.

Дараҷаи рушд дар саноати масолеҳи сохтмонӣ низ, нисбат ба талабот ва имконотҳои табиии мавҷуда хеле паст мебошад. Аз сабаби паст будани дараҷаи рақобатпазирӣ дар бозори дохилӣ, баъзе аз корхонаҳои саноатӣ пурра аз фаъолият боз мондаанд.

Дар давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ асосан корхонаҳои истеҳсолкунандаи мизу курсӣ, ҷевон ва дигар маҳсулотҳои маданиву – маишӣ талафи зиёд дидаанд. Аз сабаби нарасидани чӯбу тахта соли 1992 дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор маҳсулотҳои маданиву маишӣ қариб, ки истеҳсол карда нашуд. Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ бисёри заводу фабрикаҳо мавқеи худро гум карданд, ғайр аз заводи алюминийи тоҷик[104].

**Харитаи 2.1.1.**

**Ҷойгиршавии соҳаҳои саноат**




**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси атласи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Корхонаи воҳиди давлатии «Фабрикаи харитасоз». – Душанбе, 2021. – С. 22-23).**

104 Ниг.: Шарифбаева Ф., Гадойбоев Б.А. Стратегия развития промышленного производства в Республики Таджикистана на базе иновацтитсионных ресурсов. – Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 12.

Бинобар сабаби зиёд шудани талаботи мардуми маҳаллӣ ба маҳсулотҳои маданиву маишӣ, зарфҳои алюминий ва чинии хориҷӣ маҳсулотҳои ватанӣ дар бозор харидор пайдо накард. Чунин вазъият низ ба фаъолияти баъзе аз корхонаҳои истеҳсолии ноҳия таъсири манфӣ расонид.

Рушди соҳаҳои саноати ноҳия дар давоми 31 соли Истиқлолият ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Яке аз онҳо корхонаи дорусозӣ ва чиниворӣ дар шаҳри Турсунзода мебошад, ки ин корхона соли 2015 ба кор шуруъ кард.

Ба ҶДММ «Вежа фармасевтикалс» корхонаи истеҳсоли маҳсулоти чиниворӣ ва хиштҳои ба оташ тобовар оғози расмӣ бахшид, ки корхонаи дарусозӣ бо харҷи беш аз 60 миллион сомонӣ навсозӣ гардида, дар ин ҷо бо истифода аз технологияи пешрафтаи хориҷӣ зиёда аз 20 намуди маводи доруворӣ истеҳсол карда мешавад[105].

Иқтидори истеҳсолии корхона дар як басти корӣ 32 ҳазор адад зарфҳои маҳлулҳои обӣ буда, дар оянда бо насби хатҳои технологии нав истеҳсоли маводи доруворӣ дар шакли ҳаб, ғилофак ва ампулаҳо ба роҳ монда мешавад.

Дар корхонаи маҳсулоти чиниворӣ ва хиштҳои ба оташ тобовар, ки аз ҷониби ҶДММ «Вежа» бунёд ёфтааст, истеҳсоли 3 намуди хишти сохтмонию ороишӣ ва 20 намуди маҳсулоти чиниворӣ ва сафолӣ ба роҳ монда шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба рушди соҳа ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ иқтидори истеҳсолии корхона давра ба давра ба 500 ҳазор дона маҳсулоти чиниворӣ хоҳад расид[106].

Соли 2011 корхонаи коркарди нафт дар ноҳияи Шаҳринав сохта шуд. Корхонаи имрӯза аз ҷониби Ҷамъияти «Капитал» ва бо ҷалби сармояи соҳибкорони ватанӣ ба маблағи беш аз 70 миллион сомонӣ сохта шуда, айни замон он бо иқтидори коркарди 100 ҳазор тонна нафт ба фаъолият оғоз намуд. То охири соли 2014 иқтидори коркарди нафти хом то ба 300 ҳазор

---

105 Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17 январи 2023).
106 Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17 январи 2023).

тонна расонида шуд. Ҳоло дар корхона 110 нафар коргарону мутахассисон бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардида, баъди ба кор шуруъ кардани навбати дуюми он, шумораи коргарон ба 300 нафар расонида мешавад.

Соли 2016 дар шаҳри Ҳисор комбинати металургии тоҷик мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Корхонаи мазкур дар майдони умумии 15 гектар замин бунёд шуда, барои корҳои сохтмониву васлкунӣ 250 миллион сомонӣ сарф гардидааст. Комбинати металургии тоҷик аз 6 сехи истеҳсолӣ, аз ҷумла сехи тайёрии истеҳсолот, рехтагарӣ, ҳаллоҷӣ, пойгоҳи азоти оксигенӣ, пойгоҳи насос ва зеристгоҳи 100 мегавата иборат аст. Аз рӯйи нишондодҳои лоиҳавӣ корхона соли аввал 120 ҳазор тонна маҳсулоти маъданиро истеҳсол ва коркард мекунад. Солҳои оянда имкон аст, ки ин шумора то ба 200 ҳазор тонна расонида мешавад[107].

Дар ин ҷо 7 намуди металҳои сиёҳи сохтмонӣ, аз ҷумла арматура, оҳани секунҷаю чоркунҷа, лулаҳои оҳании гуногуншакл, қубурҳои қутрашон гуногун ва дигар хуллаҳои оҳанӣ истеҳсол мекунад.

Дар оянда ба нақша гирифта шудааст, ки аз хокаи оҳан ва дигар маъданҳои кони Чоқадамбулоқи вилояти Суғд ашёи хом ворид намуда, дар ҷойи кони мазкур корхонаи ғанигардонии маъдан бунёд мегардад.

Айни замон Комбинати металургии тоҷик яке аз калонтарин корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Корхонаи мазкур дар раванди саноатикунонии мамлакат, таъмини соҳаҳои хоҷагии халқ бо маҳсулоти худӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, болоравии иқтидори истеҳсолӣ ва содиротии Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ саҳм мегузорад.

Яке аз корхонаҳои стратегии кишвар – корхонаи сементбарории шаҳри Душанбе мебошад, ки соли 2013 азнавсозӣ гардид. Корхонаи мазкур бо технологияи муосир таҷҳизонида шуд ва ба сифоти сӯзишворӣ ангиштро истифода мебарад. Дар замони Шуравӣ фаъолияти ин корхона бо истифода аз гази табиӣ ба роҳ монда шуда буд.

---

[107] Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17 январи 2023).

Иқтидори истеҳсолии хумдони ба ангишт гузаронидашуда, дар як шабонарӯз 600 тонна ва дар як сол 180 ҳазор тонна буда, имкон медиҳад, ки истеҳсоли сементи баландсифат ба роҳ монда шавад. Хароҷоти шабонарӯзии ангишт дар корхонаи мазкур 200 тонна ва дар як сол 72 ҳазор тоннаро ташкил дода, маҳсулоти истеҳсолшаванда ҷавобгӯйи меъёрҳои ҷаҳонӣ мебошад.

Соли 2013 бо корхонаи воҳиди давлатии «Насби нақлиёти барқӣ (тролейбус) ва дучарха» дар ҳамкорӣ бо корхонаи троллейбусбарории ТРОЛЗА – и шаҳри Энгелси вилояти Саратови Федератсия Руссия ба истеҳсоли троллейбусҳо дар асоси ворид намудани қисмҳои он аз хориҷ (Федератсия Руссия) ба кор шуруъ намуд. Корхонаҳои коркарди чарм ва истеҳсоли қубурҳои пластикии қутрҳои калон соли 2014 дар шаҳри Ваҳдат кушода шуданд. Дар ин корхона бо иқтидори кунунияш дар як сол то 500 ҳазор дона пӯсти чорвои калону майда мавриди коркард қарор гирифта, аз он дар коргоҳи дӯзандагии ҳамин корхона либос ва пойафзоли гуногуни чармӣ истеҳсол мешавад. Дар оғози кор истеҳсоли то 20 намуд маҳсулоти тайёри чармӣ ба роҳ монда шуда, минбаъд номгӯйии он мувофиқ ба талаботи бозор афзун хоҳад шуд.

Корхонаи истеҳсоли қубурҳои пластикии калонқутр бошад, аз ҷониби Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд ёфта, дар он ду хатти технологӣ васл шудааст. Дар яке аз онҳо қубурҳои қутри аз 200 то 630 мм ва дар дуюмаш аз 630 то 1200 мм истеҳсол мешавад. Корхонаи истеҳсоли қубурҳои пластикии қутри аз 630 то 1200 мм нахустин ва алҳол ягона дар тамоми қаламрави Осиёи Миёна мебошад[108].

Дар ин корхона бо иқтидори кунуниаш, дар як сол аз 13 ҳазор тонна ашёи хом қубурҳои гуногуни ба фишори баланд тобовар тавлид хоҳад ёфт. Қубурҳои ин корхона барои расондани оби нӯшокӣ, оби кишоварзӣ ва гази табиӣ пешбинӣ шуда, зиёда аз 50 сол хизмат хоҳанд кард.

[108] Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17 январи 2023).

Соли 2021 дар шаҳри Душанбе корхонаи истеҳсоли қубурҳои шишапластикии «Композит Т.А.» бунёд гардид. Дар корхона зиёда аз 150 нафар ба кор банд буда, дар як сол то 150 километр қубурҳои қутрашон гуногуни аз 300 то 3000 миллиметр истеҳсол мекунанд. Истеҳсоли қубурҳои шишапластикӣ бори аввал дар Тоҷикистон ба роҳ монда шуд. Маҳсулоти корхона ивазкунандаи воридот ба ҳисоб рафта, содироти он ба хориҷи кишвар низ, ба роҳ монда шудааст.

Тибқи маълумоти оморӣ бо тағйир аз 08.10.2020 сол дар шаҳри Ваҳдат 68 корхонаи саноатӣ фаъолият дошт, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар онҳо нисбат ба 8 моҳи соли гузашта, 25% афзоиш ёфтааст[109].

Ноҳияи Файзобод барои бунёди корхонаву коргоҳҳои коркарди маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ имконияти зиёд дорад. Ҳоло дар ноҳия 21 корхонаи саноатӣ фаъолият дошта, дар 7 моҳи соли ҷории соли 2019 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 19 миллион сомонӣ баробар шудааст.

Соли 2021 дар ноҳияи Рӯдакӣ 127 корхонаи хурду бузурги истеҳсолӣ фаъолият дошта, бо дарназардошти афзоиши талабот ҳаҷми истеҳсол ва номгӯйии маҳсулотро марҳила ба марҳила зиёд карда истодаанд.

Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Оҳангудозии Тоҷикистон» дар ноҳияи Рӯдакӣ барои истеҳсоли маҳсулоти босифати ватанӣ ва ба роҳ мондани содироти он ба хориҷи кишвар, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва бо ин васила беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ бунёд шуда, аз ҷиҳати иқтидори истеҳсолӣ калонтарин корхона дар ҳудуди ноҳия ба ҳисоб меравад. Иқтидори истеҳсолии солонаи он 60 ҳазор тонна арматур ва ноқил буда, сифати маҳсулот ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй мебошад. Ашёи хом ба корхона қисман аз дохили ҷумҳурӣ ва хокаи кимиёвии он бошад, аз Ҷумҳурии Қазоқистон дастрас шуда, дуди ғализи он бо истифода аз дастгоҳҳои махсус коркард ва безарар гардонида мешавад[110].

---

[109] Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17 январи 2023).
[110] Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17 январи 2023).

Тибқи маълумотҳои омории соли 2020 дар ноҳияи Шаҳринав 15 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шуда ва дар ҳафт моҳи соли 2020 ҳамагӣ 17 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта қариб 800 ҳазор сомонӣ кам мебошад. Ноҳияи Шаҳринав, ки дорои захираву имкониятҳои фаровон мебошад, инчунин ҷиҳати таъмин намудани иҷрои ҳадафи чоруми стратегӣ, яъне саноатикунонии босуръати кишвар қонеъкунанда нест.

Дар давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ саноати сӯзишворӣ – энергетикӣ ба дараҷаи паст бошад ҳам, рушд ёфтааст. Рушди ин соҳа дар натиҷаи сохтмони якчанд НБО, НБА ва зиёд намудани истихроҷи ангишт дар кони Зиддӣ ва Сайёд муяссар гардид. Конҳои ангишти Зиддӣ ва Сайёд дар шароити норасогии сӯзишворӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Дар натиҷаи зиёд намудани истихроҷи ангишт, дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ҳиссаи саноати сӯзишворӣ дар таркиби соҳаҳои саноат соли 2020 нисбат ба соли 1990 0,5% зиёд гардид.

Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор якчанд НБО ва НБА ба кор дода шудааст, аз қабили силсила неругоҳои барқи обии Варзоб – 1, Варзоб – 2, Варзоб – 3 ва инчунин НБА Душанбе – 1 ва Душанбе – 2[111]. Шаҳри Душанбе дар байни ноҳияҳо ва шаҳрҳои ноҳияи иқтисодии Ҳисор вобаста ба тавлиди барқ ҷойи аввалро мегирад[112]. НБА Душанбе – 1 ва Душанбе – 2 ғайр аз истеҳсоли нерӯи барқ шаҳри Душанберо тавассути бухориҳо бо гармӣ таъмин менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати TBEA – и мардумии Чин дар шимоли шаҳри Душанбе сохтмони маркази барқи гармидиҳии Душанбе – 2 ба иқтидори 270 мегаватт сохта ба истифода дода шуд.

Иқтидори Маркази барқу гармидиҳии ш. Душанбе ба 400 мегаватт, яъне то 9,6 миллион кВт/соат нерӯи барқ ва 235 гигакалория гармӣ дар як шабонарӯз аст[113].

---

111 Ниг.: Назарали Хоналиев. Экономическая история и концепсия развития промышленности Таджикистана. – Душанбе, 2010. – С. 289.

112 Ниг.: Хоналиев Нахарали. Промышленность Таджикистана: соврименное состаяние и перспективы развития. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 89.

113 Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17 январи 2023).

Аввалин нерӯгоҳи баркӣ обӣ дар Тоҷикистон НБО «Варзоб – 1» маҳсуб ёфта, ҳанӯз соли 1936 бо назардошти талаботи аҳолии ҳамонвақтаи шаҳри Душанбе ба нерӯи барқ сохта шуд ва иқтидори лоиҳавиаш 7740 кВт/ соат буд. Неругоҳи мазкур аз ду агрегат иборат буда, агрегати якуми он охири соли 1936 ва агрегати дуюмаш соли 1937 ба истифода дода шудааст. Вобаста ба зиёдшавии аҳолии шаҳри Душанбе, ду НБО – и дигар соли 1949 НБО «Варзоб – 2» иборат аз ду агрегат бо иқтидори умумии 14 400 кВт/соат ва соли 1952 НБО «Варзоб – 3» иборат аз ду агрегат бо иқтидори умумии 3120 кВт/соат бунёд гаштаанд, ки иқтидори лоиҳавии онҳо дар маҷмуъ 25 360 кВт/соатро ташкил медод[114].

Соли 2010 навсозии нерӯгоҳи барқии Варзоб – 1, ки аввалин иншооти гидроэнергетикии Тоҷикистон аст, бо арзиши лоиҳавии 17 миллион долари амрикоӣ оғоз гардид. Татбиқи ин лоиҳа ба маблағгузории грантии Ҷумҳурии Ҳиндустон соли 2012 пурра анҷом ёфт. Пас аз 76 соли фаъолият НБО «Варзоб – 1» пурра таҷдид шуд, ки НБО «Варзоб – 1» аз тарафи ширкатҳои ҳиндустонии BICHEL ва NHPC таҷдид шуда, дар натиҷа иқтидори нерӯгоҳ 2000 кВт/соат зиёд шуд. Яъне, агар то соли 2012 иқтидори нерӯгоҳ 7440 кВт/соатро ташкил мекард, пас минбаъд он бо иқтидори 9500 кВт/соат барқ истеҳсол менамояд[115].

Дар шаҳри Ваҳдат татбиқи лоиҳаи бунёди зеристогоҳи барқии 110/20/10 кВт ва хатти интиқоли барқи 04 кВт дар масофаи 53 км барои дастрасии мардуми деҳот ба нерӯи барқ нигаронида шуда, он имкон фароҳам овард, ки сокинони деҳоти Ромит – деҳаҳои Қоху, Девдара, Новаки поён, Новаки боло, Пушандоч, Вистан, Дашти мазор, Ғусғеф ва Пичеф, дар маҷмуъ 9 деҳа, иборат аз 3 100 нафар аҳолӣ аввалин бор давоми солҳои тӯлонии истиқомат дар ин мавзеъ ба нерӯи барқ дастрасӣ пайдо намоянд[116].

---

[114] Ниг.: Ибодов Ш.М. Рушд ва ҷобаҷогузории соҳаҳои саноат дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор / Ш.М. Ибодов // Паёми ДМТ. – 2018. – №2. – С. 137-141.

[115] Ниг.: Ибодов Ш.М. Рушд ва ҷобаҷогузории соҳаҳои саноат дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор / Ш.М. Ибодов // Паёми ДМТ. – 2018. – №2. – С. 137-141.

[116] Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17 январи 2023).

CASA – 1000 аввалин тарҳи муштараки байниминтақавии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ буда, пайвасти шабакаҳои барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистонро дар бар мегирад[117].

Саноати сабук ва хӯрокворӣ дар таркиби соҳаҳои саноати ноҳияи иқтисодии Ҳисор аз ҷиҳати ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ва ҳайати коркунон мавқеи асосиро ишғол менамояд.

**Ҷадвали 2.1.1.**

**Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти саноатӣ дар шакли асл дар шаҳри Душанбе**

| | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нерӯи барқ, млн кВт соат** | 1009 | 214 | 34 | 176 | 81 | 388 | 1033 | 1398 | 1558 | 1717 |
| **Равғани растанӣ, ҳаз. тонна** | 27,9 | 4,2 | 0,5 | 2,8 | 0,1 | 0,4 | 0,6 | 0,1 | 0,2 | 0,2 |
| **Консерваҳо, млн қутии шартӣ** | 25,6 | 6,4 | 1,2 | 3,2 | 11,6 | 1,5 | 0,8 | 0,7 | 0,8 | 0,5 |
| **Семент, ҳазор тонна** | 1013 | 78,0 | 54,8 | 253,1 | 260,1 | 223,0 | 224,0 | 248,9 | 196,3 | 239,8 |
| **Маснуоти оҳану бетони васлшаванда, ҳаз. метри мукааб** | 443,3 | 10,2 | 6,1 | 12,2 | 24,7 | 20,0 | 13,7 | 9,1 | 9,2 | 8,7 |
| **Хишти сохтмонӣ, млн дона хишти шартӣ** | 54,0 | 17,3 | 7,9 | 3,6 | 1,0 | 5,4 | 2,9 | 1,9 | 2,6 | 3,0 |
| **Ҷӯробу пайпоқ, ҳаз. ҷуфт** | 34 866 | 3638 | 2204 | 5178 | 5735 | 755 | 804 | 844 | 1014 | 7544 |
| **Матои тайёри пахтагин, млн метри мураббаъ** | 100,2 | 27,6 | 3,7 | 15,1 | 24,0 | 7,7 | 2,7 | 3,4 | 6,4 | 6,7 |
| **Пойафзол, ҳазор ҷуфт** | 4480 | 155 | 75 | 26,7 | 32,9 | 61,6 | 107,7 | 109,8 | 805,4 | 885,1 |
| **Гӯшт, якҷоя бо кала–почаи категорияи 1, тонн** | 5469 | 246 | 5793 | 6728 | 9683 | 6308 | 6359 | 6470 | 6928 | 4110 |
| **Шири холис, ҳаз. тонна** | 72,0 | 6,8 | 2,1 | 4,1 | 3,6 | 6,5 | 6,3 | 6,4 | 6,3 | 6,7 |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси манбаи агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021. – С. 129.**

[117] Ниг.: Ибодов Ш.М. Таърихи рушд ва дурнамои энергетикаи ноҳияи иқтисодии Ҳисор / Ш.М. Ибодов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ – амалӣ дар мавзӯи «НБО – Роғун кафолати истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон». – Душанбе, 2019. – С. 107-109.

Корхонаҳои калонтарини саноати сабук ва хӯроквории ноҳияи иқтисодии Ҳисор дар шаҳр ва маркази ноҳияҳои маъмурӣ ҷойгир карда шудааст. Дар маркази шаҳрҳо асосан соҳаҳои ширу гӯшт, консервакунонӣ, истеҳсоли макарон, маҳсулотҳои тамоку, шаробкашӣ ва дигар маҳсулотҳои хоҷагии халқро истеҳсол мекунанд[118].

Дар минтақаҳои куҳии ноҳияи иқтисодии Ҳисор асосан корхонаҳои равғанкашӣ, ордкашӣ ва таъмири пояфзолу дӯхтани либос амал мекунанд. Дар ноҳия аз сабаби хуб рушд ёфтани соҳаҳои кишоварзӣ саноати сабук ва хӯрокворӣ низ, хуб рушд ёфтааст.

Дар солҳои 1992 – 1997 истеҳсолот дар соҳаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ низ паст рафт. Ҳоло бошад, қисми зиёди корхонаҳои саноати сабук ва хӯроквории ноҳияи иқтисодии Ҳисор бо иқтидори 20 – 30% кор мекунанд.

Сабаби асосии паст фаромадани истеҳсолот, ин кам шудани ашёи хом, канда шудани алоқаҳои иқтисодӣ, фарсуда шудани дастгоҳҳо ва ғайра ба ҳисоб мераванд.

Азнавсозии корхонаи Комбинати шири шаҳри Душанбе аз 1 – уми майи соли 2014 шуруъ гардида, дар ҷараёни он 3 коргоҳи нав бо 152 ҷойи кори иловагӣ ба кор даровварда шуд. Инҳо коргоҳҳои маҳсулоти ширӣ барои кӯдакон, истеҳсоли панирҳои гуногун ва зарфҳои якдафъаинаи пластикӣ мебошанд. Дар ин коргоҳҳо ҳоло 93 намуди маҳсулоти ширӣ ва тамоми намуди зарфҳои пластикии якдафъаинаи барои ин маҳсулот зарурӣ истеҳсол карда мешавад.

Коргоҳи истеҳсоли маҳсулоти ширӣ барои кӯдакон ба роҳ монда шуд, ки дар он 32 намуди маҳсулот истеҳсол карда мешаванд. Дар як басти корӣ дар ин коргоҳ 5 тонна маҳсулот истеҳсол мешавад, ки тақрибан баробари талаботи якшабонарӯзии шаҳри Душанбе аст.

Дар корхонаи истеҳсоли панирҳо бошад, ҳоло 21 намуд маҳсулот истеҳсол карда мешавад. Роҳбарияти корхона тасмим дорад, ки оянда

[118] Ниг.: Хоналиев Назарали. Промышленность Таджикистана: соврименное састаяние и перспективы развития. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 95.

истеҳсоли то 300 намуд панирро ба роҳ монанд. Дар ин коргоҳ, дар як басти корӣ зиёда аз 10 тонна маҳсулоти ширӣ тайёр ва истеҳсол карда мешавад.

Баъди таҳлили соҳаҳои саноат ба хулоса омадем, ки рушди ноҳия дар асри XXI бе тараққӣ додани соҳаҳои саноат ғайриимкон аст, лек метавон гуфт, ки корхонаҳои саноатии ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба дараҷаи лозимӣ рушд наёфтаанд. Баъзе аз корхонаҳо ба бухрони иқтисодӣ дучор шуда, қисман фаъолият мекунанд. Дар ин вазъият бештар корхонаҳои саноати сабуку хӯрокворӣ, мошинасозӣ ва масолеҳи сохтмонӣ қарор доранд. Танҳо ба саноати металургияи ранга муяссар гардидааст, ки 50% мавқеи худро нигоҳ дорад.

Дар 31 соли истиқлолият кӯшишҳои зиёд барои рушди соҳаҳои хоҷагии халқ ба харҷ дода шудааст. Лекин дар баробар ин аҳолии ноҳия зиёд гардида истодааст ва бо ин сабаб аҳолӣ бо ҷойи кори доимӣ пурра таъмин карда намешаванд.

Дар ноҳия имконотҳои зиёди табиӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни саноат мавҷуд аст, лекин бояд гуфт, ки муҳити атроф қобилияте дорад, ки ҳамеша ҷисмҳои заҳрнок ва нолозимро аз сари нав ба ҳолати пештара табдил диҳад ё безарар гардонад. Вале табиат ҳеҷ гоҳ то ба ин дараҷа дахолат намудани инсонро «ба ҳисоб» нагирифта буд. Ҳоло партовҳои саноатӣ, газҳои гуногуни заҳрнок ва ифлоскунии об ба дараҷае расидааст, ки табиат барои аз нав барқароркунии онҳо имконият надорад. Аз ҳамин лиҳоз, дар оянда барои сохтани заводу фабрикаҳое, ки партовҳояшон камтар аст ва ба муҳити атроф безараранд, сохтан лозим аст.

Сарфи назар аз муваффақиятҳои бадастомада, дар соҳаи саноати ноҳия мушкилотҳои зерин боқӣ мондааст:

– корхонаҳои саноатии ноҳия бо сабаби номукаммал будани танзими гумрукию тарифӣ, ба имкониятҳое, ки узвият дар СУС ба онҳо медиҳад, истифода карда наметавонанд. Масалан, меъёрҳои гумрукӣ барои воридоти матоъҳои пахтагин ва қолинҳо нисбат ба меъёрҳои пешбининамудаи СУС ба маротиб паст мебошад. Маълумоти омории давлатҳои шарик нишон медиҳад, ки дар бозори дохилии мамлакат маҳсулот бе сертификати

мутобиқат ва пардохти боҷи гумрукӣ фурӯхта мешавад. Ба Тоҷикистон маҳсулот аз рӯйи вазн бе дарназардошти дона ва ҷуфт ворид карда мешавад. Ин принсипҳои рақобати солимро дар байни маҳсулоти воридотӣ ва ватанӣ вайрон мекунад;

– норасогии захираҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ ва баланд будани фоизи қарзи бонкӣ: фоизи бонк аз 22% то 36% – ро дар як сол ташкил менамояд, ки ин аз сатҳи миёнаи даромаднокии корхонаҳои саноатӣ баландтар аст ва чунин сатҳи баланди фоизҳо ба зарари аксар корхонаҳо оварда мерасонад;

– фарсудашавии таҷҳизоти истеҳсолӣ ва инфрасохтор, ки боиси паст гардидани сифати маҳсулот, харҷи зиёди энергия, меҳнат, масолеҳ ва коҳиши рақобатпазирии маҳсулот дар корхонаи саноатӣ мегардад.

### 2.2. Хусусиятҳои иқтисодӣ – географӣ ва ҷобаҷогузории соҳаҳои кишоварзӣ

Кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳимми хоҷагии халқи ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба ҳисоб рафта, кишоварзӣ дар ноҳия тақрибан таърихи 5000 сола дорад[119].

Рушд ва ҷобаҷогузории соҳаҳои кишоварзӣ хусусиятҳои табиӣ дорад. Мавҷудияти шароит ва сарватҳои табиии гуногуни ноҳияи иқтисодии Ҳисор барои рушди соҳаҳои боғдорӣ, токпарварӣ, ғаллакорӣ, картошкапарварӣ, сабзавоткорӣ, пахтакорӣ, кишти растаниҳои равғандиҳанда ва ғайра мусоид мебошад. Кишоварзии ноҳия низ, ба якчанд соҳаҳо махсус гарданида шудааст, ки пахтакорӣ, боғдорӣ, сабзаводкорӣ ва чорводорӣ аз қабили онҳо мебошад. Соҳаҳои номбурдашуда 15% маҳсулоти кишоварзии ҷумҳуриро истеҳсол мекунанд. Дар заминҳои обии водӣ дар як сол то ду кишт намудан мумкин аст. Инкишофи минбаъдаи мутамарказонӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ, инчунин зиёд намудани иқтидори он на фақат барои афзоиши маҳсулот ва беҳтар шудани сифати он заминаи мусоид фароҳам меорад, балки тағйироти иҷтимоии ҷиддии деҳот низ мегардад. Инкишофи

[119] Ниг.: Диловаров Р. Проблемы охраны и радционального исползования природных ресурсов верхного течения Амударьи. – Душанбе: Диловар ДДМТ, 1999. – С. 64.

кишоварзӣ ба масоҳати киштзорҳо вобаста аст[120]. Имконияти зиёд кардани заминҳои кишт дар ноҳия маҳдуд аст.

Фонди замини ноҳияи иқтисодии Ҳисор 10 млн 63 ҳазор га – ро ташкил медиҳад, ки 75,7% онро чарогоҳҳо ташкил медиҳанд[121].

Давоми солҳои 2015 – 2020 майдони заминҳои кишоварзӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор 3987 га ё ин, ки 3,5% кам шудааст. Соли 2015 майдани заминҳои кишт дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо ба 112 037 га баробар буд, ки ин нишондиҳанда соли 2020 то 108 050 га баробар гардид[122]. Сабаби асосии камшавии заминҳои кишт бунёди биноҳои истиқоматӣ, маъмурӣ, муассисаҳои таълимӣ, беморхонаҳо ва заводу фабрикаҳои нав мебошад. Дар баробари ин эрозия, шӯрашавӣ ва ботлоқшавии заминҳо боиси камшавии майдони заминҳои кишоварзӣ гардидааст.

**Диаграмаи 2.2.1.**

**Майдони умумии заминҳои кишт дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба ҳисоби фоиз дар соли 2020**




**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 71, 76, 96, 104, 112, 116, 120.**

---

[120] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 225.
[121] Ниг.: Султонов С. Ресурсно-экономический потенциаль регионов РТ. – Душанбе, 1994. – С. 169.
[122] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ. Кишоварзии ҶТ. – Душанбе, 2021. – С. 71.

Солҳои охир дар таркиби заминҳои кишоварзии ноҳияи иқтисодии Ҳисор як қатор тағйиротҳо ба амал омад. Майдони заминҳои пахта кам шуда, майдони заминҳои ғалладонагӣ ва боғу токпарварӣ зиёд карда шуд. Умуман дар ҳудуди Тоҷикистон 328 200 гектар замин ба эрозия гирифтор шудаанд[123].

**Ҷадвали 2.2.1.**

**Майдони умумии заминҳои кишт дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба ҳисоби гактар барои соли 2020**

| | Турсунзода | Шаҳринав | Ҳисор | Рӯдакӣ | Варзоб | Ваҳдат | Файзобод | ш. Душанбе |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Майдони умумӣ** | 21 205 | 12 314 | 17 760 | 26 509 | 4 122 | 17 236 | 8 848 | 56 |
| **Заминҳои ғалладона бо лубиёӣ якҷоя бо ҷуворимакка барои дон** | 14 433 | 7 960 | 8 410 | 15 993 | 2 347 | 9 245 | 4 020 | 5 |
| **Пахта** | 1 176 | 201 | 1 214 | 354 | – | 129 | – | – |
| **Картошка** | 827 | 323 | 627 | 1 154 | 319 | 1 440 | 760 | 1 |
| **Сабзавот** | 2 961 | 2 031 | 2 259 | 2 093 | 264 | 3 367 | 744 | 1 |
| **Полезӣ** | 821 | 246 | 147 | 162 | 107 | 134 | 8 | – |
| **Зироати хуроки чорво** | 1 127 | 429 | 3 600 | 4 147 | 856 | 1 418 | 2 513 | 49 |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 71, 76, 96, 104, 112, 116, 120.**

Давоми солҳои 2015 – 2020 дар ноҳия майдонҳои заминҳои сабзавоткорӣ 39,9% (3919 га) ва майдони картошка 3,4% (1394 га) зиёд гардиданд. Дар ин

[123] Ниг.: Диловаров Р. Проблемы охраны и радционального исползования природных ресурсов верхного течения Амударьи. – Душанбе: Диловар ДДМТ, 1999. – С. 67.

давра, дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор майдони кишти пахта 15,6% (570 га), полезиҳо 57,8% (1102 га) хӯроки чорво 13,3% (893 га) кам гардидааст[124].

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки аз ҳисоби кам намудани майдони кишти пахта ва ғаладонагиҳо дар ноҳия майдони заминҳои хуроки чорво, сабзавот ва картошка зиёд карда шудаанд.

Дар арзёбии кишоварзӣ ирригатсия ва мелиоратсияи замин аҳаммияти бузург дорад. Заминҳое, ки эрозияи обӣ таъсир кардааст асосан дар қисми ҷанубии қаторкуҳи Ҳисор паҳн гардида, ки онро пешгирӣ накунем, биёбоншавӣ дар солҳои наздик 2 баробар меафзояд[125].

**Харитаи 2.2.1.**

**Кишоварзӣ**




**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси атласи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Корхонаи воҳиди давлатии «Фабрикаи харитасоз». – Душанбе, 2021. – С. 24-25)».**

Ғаллакорӣ яке аз муҳимтарин соҳаҳои зироаткории ноҳия мебошад. То замони Шуравӣ ғаллакорӣ соҳаи асосии мардум ба ҳисоб мерафт. Вале аз

---

[124] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ. Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2021. – С 148; 150; 152; 153; 155; 157.

[125] Ниг.: Диловаров Р. Проблемы охраны и радционального исползования природных ресурсов верхного течения Амударьи. – Душанбе: Диловар ДДМТ, 1999. – С. 64.

сабаби зиёд гардидани заминҳои кишти зироатҳаи пахта дар заминҳои обӣ, майдони заминҳои кишти ғалладонагиҳо кам шуд[126]. Солҳои истиқлолият аз ҳисоби кам намудани заминҳои пахта майдони заминҳои ғалладонагӣ боз зиёд гардидааст.

Дар хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия новобаста аз оне, ки дар шароити табиию иқлими якхела ҷойгир шудаанд, ҳосилнокии ғалладонагӣ аз якдигар фарқ мекунад (Ҷадвали 2.2.2.).

**Ҷадвали 2.2.2.**

**Ҷамоварии умумии ҳосили зироати ғалладонагӣ ва лубиёгӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ( бо тонна)**

| Шаҳр ва ноҳияҳо | Солҳо | | Соли 2020 нисбат ба соли 2015 (бо ҳисоби тонна) |
|---|---|---|---|
| | 2015 | 2020 | |
| ш. Душанбе | 9 | 2 | – 7 |
| н. Варзоб | 2 571 | 3 293 | 722 |
| н. Ҳисор | 35 826 | 26 122 | – 9 704 |
| н. Ваҳдат | 39 895 | 46 999 | 7 104 |
| н. Рӯдакӣ | 60 148 | 37 324 | – 22 824 |
| н. Турсунзода | 43 513 | 56 519 | 13 006 |
| н. Файзобод | 7 729 | 6 879 | – 850 |
| н. Шаҳринав | 20 187 | 19 592 | – 595 |
| **Ҳамагӣ** | **209 878** | **196 730** | **– 13 148** |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 139.**

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.2.2. мебинем, ки истеҳсоли ғалладонагӣ ва лубиёгӣ дар ноҳия соли 2020 нисбат ба соли 2015 – ум – 13 148 тонна кам истеҳсол гардидааст.

Соҳаи асосии хоҷагии ноҳияи Шаҳринав кишоварзӣ мебошад, ки дар он 62% аҳолии қобили меҳнат фаъолият мекунад. Соли 2020 истеҳсоли

[126] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 232.

ғалладона ва лубиёгӣ дар ин ноҳия ба 19,5 ҳазор тонна расонида шуд, ки дар муқоиса бо соли 2015 то 595 тонна камтар аст.

Солҳои 2000 – 2015 дар шаҳри Турсунзода майдони кишти ғалладонагиҳо беш аз ду баробар афзуда, дар натиҷа ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ муҳайё гардида, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба маротиб зиёд шудааст[127].

Ҳоло истеҳсоли гандум мутаасифона ба ҳар сари аҳолӣ, дар ноҳия нисбат ба меъёри пешбинишуда, хеле паст мебошад. Ҳосилнокии ғалладонагӣ ва лубиёгӣ соли 2015 ба 27,8 с/га – ро ташкил медод, ки ин нишондиҳанда 2020 – ум ба 20,9 с/га расид[128]. Ҳосилнокии аз ҳама зиёди ғалладонагиро хоҷагиҳои деҳқонии шаҳри Ваҳдат ва ҳосилнокии аз ҳама пастро хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Варзоб ҷамъоварӣ намудаанд.

Токпарварӣ низ, яке аз соҳаҳои инкишофёфтаи минтақа мебошад ва намудҳои гуногуни ангур парвариш карда мешавад. Шароити мувофиқи агроиқлимӣ ба рушди боғу токпарварӣ мусоидат менамояд. Роҳи муҳимми минбаъд ривоҷ додани боғу токдорӣ дар ноҳия, истифодаи заминҳои лалмӣ мебошад. Дар гузашта боғу токпарварӣ асоси иқтисодиёти аҳолии ноҳия буд ва ҳоло низ, барои баъзе аз деҳаҳои минатқа мавқеъро гум накардааст. Дар давоми соли 2020 ҷамъоварии ҳосили меваву ангур нисбат ба соли 2015 дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор 34 323 тонна афзуд.

Аз ҳосили нишондиҳандаҳои ҷадвал бармеоянд, ки ангури аз ҳама зиёд ба хоҷагиҳои деҳқонии ш. Турсунзода ва аз ҳама паст ба хоҷагиҳои ноҳияҳои Файзобод ва Варзоб рост меоянд.

Солҳои 2000 – 2015 дар шаҳри Турсунзода майдони боғу токзор аз 800 гектар то ба 2 ҳазору 800 гектар расонида шудааст.

Дар ноҳия истеҳсоли меваҷот соли 2020 нисбат ба соли 2015 – ум 8 437 тонна зиёд шуд. Ҳосилнокии аз ҳама зиёди меваҷотро хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Ҳисор ба даст оварданд, ки нисбат ба соли 2015 – ум 3 837 тонна зиёдтар мебошад. Ҳосилнокии пастро хоҷагиҳои ноҳияи Турсунзода ҷамъоварӣ намуданд, ки нисбат ба соли 2015 – ум 2 616 тонна камтар аст.

[127] Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17 январи 2023).
[128] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2021. – 218 с.

**Ҷадвали 2.2.3**

**Истеҳсоли меваҷот ва ангур дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор (тонна)**

| Шаҳр ва ноҳияҳо | Солҳо | | | | Соли 2020 нисбат ба соли 2015 (бо ҳисоби тонна) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | | 2020 | | | |
| | Меваҷот | Ангур | Меваҷот | Ангур | Меваҷот | Ангур |
| **н. Варзоб** | 1 369 | 1 197 | 1 265 | 860 | – 104 | – 337 |
| **ш. Ҳисор** | 16 200 | 21 965 | 20 037 | 27 861 | 3 837 | 5 896 |
| **н. Ваҳдат** | 13 535 | 8 587 | 15 660 | 10 224 | 2 125 | 1 637 |
| **н. Рӯдакӣ** | 6 323 | 2 287 | 6 417 | 2 056 | 94 | – 231 |
| **ш. Турсунзода** | 7 898 | 16 907 | 5 282 | 32 144 | – 2 616 | 15 237 |
| **н. Файзобод** | 1 989 | 370 | 5 457 | 817 | 3 468 | 447 |
| **н. Шаҳринав** | 5 927 | 3 873 | 7 406 | 7 109 | 1 479 | 3 236 |
| **Ҳамагӣ** | **53 241** | **55 186** | **61 524** | **81 071** | **8 283** | **25 885** |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 211, 212, 215.**

Дар баробари васеъ намудани майдони боғу токзор зарур аст, ки ба масъалаи баланд бардоштани ҳосилнокӣ, сифати маҳсулот ва барқарорсозии боғу токзори мавҷуда, таваҷҷуҳи зарурӣ дода шавад.

Дар ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав, Рӯдакӣ, Ваҳдат ва Турсунзода кишти пахта ба роҳ монда шудааст. Дар ноҳияҳои Варзоб ва Файзобод бошад, пахта кишт карда намешавад, чунки иқлими мувофиқ нест.

Соҳаи пахтакорӣ нафақат дар натиҷаи зиёд кардани масоҳати киштзор ва истифодаи агротехникии нав, балки бинобар ҷорӣ намудани навъҳои серҳосили пахта низ, ривоҷ меёбад. Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор асосан навъҳои пахтаи маҳинах: навҳои 5595 – В, 6465 – В, 9647 – И ва 5904 – И. Ва нави миёнанах: 108 – Ф, ташкент – 1,ташкент – 3. Парвариш карда мешавад[129]. Пахтаи маҳинах асосан дар баландиҳои 600 м – 800 м хуб нашъунамо меёбад.

Соли 2005 масоҳати киштзорҳои пахтаи ноҳия ба 25 227 гектар ва ҳосили умумӣ ба 51 508 тонна расид. Соли 2010 бошад, масоҳати киштзорҳои пахтаи

[129] Ниг.: Агроклиматические ресурсы Таджикиской ССР. Часть 2. Гидрометеоидат. – Ленинград, 1977. – С. 11.

ноҳия ба 7 895 гектар ва ҳосили умумӣ ба 26 013 тонна баробар шуд[130]. Сабаби асосии кам гаштани ҳосилнокӣ ва ҷамъоварии пахта дар ноҳия, ғайр аз кам шудани майдони кишт, боз норасоии нуриҳои маъданӣ, ғайриқаноатбахш будани корҳои агротехникӣ, паст шудани сифати тухмӣ ва набудании ҳавасмандии деҳқонони пахтакор мебошад.

Мувофиқи маълумотҳои Муҳаббатов Х. аз як тонна пахта зиёда аз 3 000 метр матоъ, 100 кг равған ва 200 – 300 кг кунҷора мегиранд. Умуман аз пахта 80 намуди маҳсулот таёр мекунанд[131].

Чи хеле, ки аз ҷадвали 2.3.4. мебинем истеҳсоли пахта дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор соли 2020 нисбат ба соли 2015 – ум 835 тонна кам шуд. Кам шудани майдони кишт боиси кам шудани истеҳсоли пахта дар ноҳия гардид. Ҳосилнокии пахта дар ноҳия соли 2015 – ум 19,6 с/га – ро ташкил медод, ки ин нишондиҳанда соли 2020 – ум ба 20,4 с/га расид. Ҳосилнокии пахта дар ноҳия нисбат ба мамлакат 1 с/га камтар мебошад[132].

**Ҷадвали 2.2.4.**

**Истеҳсоли пахта дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор (тонна)**

| Шаҳр ва ноҳияҳо | Солҳо | | Соли 2020 нисбат ба соли 2015 (бо ҳисоби тонна) |
|---|---|---|---|
| | 2015 | 2020 | |
| **ш. Ҳисор** | 1 166 | 2 660 | 1 094 |
| **н. Ваҳдат** | 438 | 335 | – 103 |
| **н. Рӯдакӣ** | 863 | 633 | – 230 |
| **ш. Турсунзода** | 3 766 | 2 119 | – 1 647 |
| **н. Шаҳринав** | 789 | 440 | – 349 |
| **Ҳамагӣ** | **7 022** | **6 187** | **– 835** |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 156.**

[130] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2012. – С. 104-139; Агентии омори назди Президенти ҶТ / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2015. – С. 105-133.

[131] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон . – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 228.

[132] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2021. – С. 221.

Аз ҳама ҳосилнокии зиёди пахтаро агар хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Ҳисор ба даст оварда бошанд, ҳосилнокии аз ҳама пастро хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Ваҳдат ҷамъоварӣ намудаанд.

Шароити агроиқлимии ноҳияи иқтисодии Ҳисор барои рушди соҳаҳои сабзавоткорӣ, картошкапарварӣ ва кишти полезиҳо низ, мусоид мебошад. Сабзаводкорӣ дар ноҳия соли 2020 ба 13 720 га баробар шуд, ки 413 165 тонна сабзавот руёнидаанд[133].

Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор картошкапарварӣ соҳаи нав бошад ҳам, вобаста ба талобот майдони кишти он бо суръат васеъ шудаистодааст. Тадбирҳои дуруст ба роҳ мондани меъёрҳои агротехникӣ ва дигар талаботҳои бозор имконият медиҳад, ки дар солҳои наздик ноҳия ғайри талаботи бозори дохилӣ як қисми картошкаи аълосифатро содирот кунад.

Майдони кишти картошка соли 2005 ба 3 756 – га расид, соли 2014 бошад, миқдори заминҳои кишти картошка ба 4 603 – га рост омад ва нисбати соли 2005 847 га зиёдтар аст. Заминҳои кишти картошка 0,4% майдони заминҳои корами ноҳияро дар бар мегирад[134]. Ҳамин тариқ, соли 2020 майдони заминҳои кишти картошка ба 5 451 га расонида шуд, ки аз ин заминҳо 71 839 тонна картошка ҷамоварӣ карда шуда, ба бозорҳои ш. Душанбе ва ноҳияҳои тобеи он содирот карданд[135].

Картошка асосан то баландиҳои 2200 – 2400 м аз сатҳи баҳр хуб нашъунамо меёбад. Растании гармидуст набуда, дар ҳароратҳои аз + 23° С зиёдтар нашъунамои он суст мешавад ва дар ҳароратҳои – 3°С, – 5°С онро сармо мезанад[136]. Истеҳсоли картошка соли 2020 ба 71 839 тонна баробар шуд, ки нисбати соли 2015 – 7 076 тонна камтар руёнида шудааст[137]. Сабаби асосии кам шудани истеҳсоли картошка, ин аз кам шудани ҳосилнокӣ мебошад. Солҳои охир аз сабаби таҷрибаи кам доштани баъзе аз роҳбарони

---

[133] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2021. – С. 206.
[134] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2012. – С. 100-105; Агентии омори назди Президенти ҶТ / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2015. – С. 101-106.
[135] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2021. – С. 155-203.
[136] Ниг.: Агроклиматические ресурсы Таджикиской ССР. Часть 2. Гидрометеоидат. – Ленинград, 1977. – С. 30-31.
[137] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2015. – С. 149; Агентии омори назди Президенти ҶТ / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2021. – С. 206.

хоҷагиҳои деҳқонӣ, заминҳои кишт зиёд гардида, истеҳсолот ва ҳосилнокӣ кам шудааст.

Ҳосилнокии картошка дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор соли 2005 – ум 224 с/га – ро ташкил медод, ки ин нишондиҳанда соли 2015 – ум ба 176,8 с/га расид[138]. Ҳосилнокии аз ҳама зиёди карташкаро хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Рӯдакӣ ба даст оварда бошанд, ҳосилнокии аз ҳама пастро хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Варзоб ҷамъоварӣ намудаанд. Ҳосилнокии картошка дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор соли 2020 – ум 138,7 с/га баробар гардид, ин нишондиҳанда сол то сол кам шуда истодааст. Лекин шумораи аҳолии ноҳия дучанд зиёд шудаистодааст, барои таъмини аҳолӣ бо картошка мушкилӣ пайдо шуда, нархи картошка чӣ дар ноҳия ва чӣ дар ҷумҳурӣ баланд гардида истодааст. Солҳои охир дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор истеҳсоли сабзавот ва полезиҳо зиёд ва истеҳсоли картошка ба миқдоре кам гардидааст (Ҷадвали 2.2.5.).

**Ҷадвали 2.2.5.**

**Истеҳсоли сабзавот, картошка ва полезиҳо дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор (бо тонна)**

| Шаҳр ва ноҳияҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | | | 2020 | | |
| | Картошка | Сабзавот | Полезӣ | Картошка | Сабзавот | Полезӣ |
| ш. Душанбе | 19 | 31 | – | 4 | 2 | – |
| н. Варзоб | 2 259 | 1 710 | 91 | 1 281 | 1 372 | 4 |
| н. Ҳисор | 11 392 | 31 146 | 3 004 | 9 645 | 60 206 | 3 299 |
| н. Ваҳдат | 17 983 | 65 051 | 2 304 | 16 395 | 86 004 | 6 580 |
| н. Рӯдакӣ | 20 263 | 65 807 | 2 631 | 15 868 | 72 081 | 1 380 |
| н. Турсунзода | 7 961 | 61 360 | 4 181 | 9 125 | 111 196 | 6 322 |
| н. Файзобод | 13 894 | 10 649 | 155 | 14 126 | 14 602 | 303 |
| н. Шаҳринав | 4 608 | 46 010 | 845 | 5 395 | 67 702 | 1 143 |
| **Ҳамагӣ** | **78 379** | **281 764** | **13 211** | **71 839** | **410 165** | **19 031** |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. – С. 134, 136, 138; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – С. 203, 206, 209.**

[138] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2012. – С 133; Агентии омори назди Президенти ҶТ / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2015. – С. 134.

Кишти маҳсулотҳои полезӣ дар ноҳия соли 2020 ба 19 031 тонна расид, ки нисбати соли 2015 – 5 820 тонна зиёдтар аст. Ҳосилнокии аз ҳама зиёди маҳсулоти полезӣ ба хоҷагиҳои деҳқонии шаҳри Ваҳдат ва ноҳияи Турсунзода ва ҳосилнокии аз ҳама паст ба хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Варзоб ва Файзобод мансубаст.

Чорводорӣ низ, яке аз соҳаҳои муҳимми хоҷагии қишлоқи ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба ҳисоб меравад. Дар ноҳия чорводориро ба чунин соҳаҳо ҷудо кардан мумкин аст: чорвои калони шохдор (равияи ширу гӯштӣ, гӯшту ширӣ, ширӣ ва гӯштӣ), гӯсфандпарварӣ (зотҳои гӯшту равғандиҳанда, зоти маҳинпашм ва қарокулӣ), бузпарварӣ (зотҳои маҳаллӣ барои гушт), аспарварӣ, паррандапарварӣ, кирмакпарварӣ, занбуриасалпаварӣ, моҳипарварӣ ва ғайра.

Саршумори чорво солҳои ҷанги шаҳрвандӣ қариб дар ҳамаи минтақаҳои ноҳия зарари ниҳоят ҷиддӣ дида, хеле кам шуд. Барои ба ҳолати пештара овардани саршумори чорво, бояд дар навбати аввал базаи хӯроки чорво мустаҳкам карда шавад[139].

Чорвои калони шохдор соҳаи муҳимтарини чорводории ноҳия ба ҳисоб рафта, асосан равияҳои ширу гӯштӣ ва гӯшту ширӣ дорад. Ҳоло парвариши гов дар хоҷагиҳои ноҳия соҳаи камдаромад ҳисобида мешавад. Қисми зиёди чорвои калони шохдор дар хоҷагиҳои шахсӣ, ки механиконии равандҳои истеҳсолӣ надоранд, дохил мешавад. Вале таҷрибаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки маҳсулнокии хоҷагиҳои шахсӣ ва деҳқонӣ нисбати хоҷагиҳои кишоварзӣ беҳтар шуда истодааст.

Саршумори чорвои шохдори калон соли 2020 ба 402 307 сар расонида шуд, ки нисбати соли 2015 – 15 832 сар зиёдтар аст. Аз он ҷумла, шумораи модаговҳои ноҳия соли 2020 ба 214 888 сар баробар гардид[140].

Гӯсфанду бузпарварӣ дар ноҳия соҳаи қадимӣ мебошад, ки маҳсулоти асосии онро гӯшт, равған, пашм ва пӯст ташкил медиҳад. Саршумори

---

[139] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С 234.

[140] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2021. – С. 272.

гӯсфанду буз соли 2015 ба 800 904 сар баробар буд, ки ин шумора соли 2020 ба 871 579 сар расид[141].

Паррандапарварӣ соҳаи нисбатан нави чорводорист. Ҳоло дар ноҳия фабрикаҳои мурғпарварӣ бунёд гардидаанд, ки ба истеҳсоли гӯшт ва тухм махсус гардонида шудаанд. Ин соҳа ба хусусиятҳои дар муҳлати кӯтоҳ маҳсулотдиҳандааш нисбат ба дигар соҳаҳои чорводорӣ афзалиятнок аст. Ба ин хотир дар ҳама ноҳияҳо тараққи додани он ба мақсад мувофиқ аст. Мувофиқи манбаҳои оморӣ соли 2015 саршумори парранда 1 297 010 буд. Ин нишондиҳанда соли 2020 ба 2 459 926 сар баробар гардонида шуд, ки нисбати соли 2015 1 162 916 сар зиёд мебошад.

Дар асоси фабрикаҳои мурғпарварӣ фабрикаҳои коркарди пари мурғ ва омода намудани болиштҳо, руйпушҳои парин истеҳсол кардан мумкин аст.

Инчунин, дар ҳолоти бунёд намудани фабрикаҳои мурғпарварӣ кушиш намудан лозим аст, ки аз минтақаҳои аҳолинишин то 5 км дуртар ҷайгир намоем, то ки ҳолати экологии минтақаи аҳолинишинро олуда нанамояд.

Аспарварӣ дар ноҳия соҳаи қадима аст. Назар ба дигар намуди чорво дар ин давра кам шудани саршумори асп гувоҳи он аст, ки дар мамлакат нисбат ба асп таваҷҷуҳи камтар зоҳир мегардад ва рушди ин намуди чарво суст гардидааст. Соли 2015 дар ноҳия 8 875 сар асп буд, ин нишондиҳанда соли 2020 ба 8 990 сар расид, ки нисбати соли 2015 (115) сар зиёдтар аст[142].

Солҳои 2015 – 2020 дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор саршумори ҳамаи навъҳои чорво ғайр аз асп зиёд гардидаанд (Ҷадвали 2.2.6.).

Ҳамзамон имрӯзҳо, фермаҳои чорводорӣ низ, ба кор оғоз карда истодаант, ки онҳо дар оянда барои рушди чорводорӣ, беҳтар кардани зоти чорво, бо маҳсулоти гӯшту шир таъмин намудани аҳолии ноҳия, инчунин сокинони пойтахти мамлакат саҳми арзишманд хоҳад гузошт.

Дар ин давра истеҳсоли гӯшт, шир, пашм, тухм ва пӯст низ, зиёд гардид. Дар қисми зиёди минтақаҳои куҳии ноҳияи иқтисодии Ҳисор низ, барои

[141] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2021. – С. 276.
[142] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2021. – С. 283.

рушди соҳаҳои гӯсфанду бузпарварӣ, аспparварӣ ва парвариши чорвои калони шохдор имкониятҳо мавҷуд аст.

Соли 2020 дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор 41 544 оилаи занбури асал ба қайд гирифта шуд, ки нисбати соли 2015 – 1 885 оила зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 2.2.6.**

**Саршумори чорвои калони шохдор, бузу гӯсфанд, парранда ва асп дар ҳамаи хоҷагиҳои ноҳияи иқтисодии Ҳисор (сар)**

| Шаҳр ва ноҳияҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | | | | 2020 | | | |
| | Чорвои калони шохдор | Бузу гӯсфанд | Парранда | Асп | Чорвои калони Шохдор | Бузу гӯсфанд | Парранда | Асп |
| **н. Варзоб** | 25 653 | 109 404 | 22 976 | 311 | 32 899 | 122 927 | 24 982 | 422 |
| **н. Ҳисор** | 71 129 | 110 841 | 62 874 | 2 860 | 73 969 | 126 933 | 264 935 | 2 555 |
| **н. Ваҳдат** | 78 551 | 154 132 | 449 015 | 1 194 | 80 023 | 157 250 | 845 254 | 1 215 |
| **н. Рӯдакӣ** | 27 407 | 98 548 | 160 063 | 1 885 | 73 038 | 118 884 | 341 115 | 1 999 |
| **н. Турсунзода** | 74 182 | 178 034 | 150 448 | 709 | 7 7448 | 191 759 | 184 245 | 791 |
| **н. Файзобод** | 42 740 | 102 370 | 350 189 | 1 399 | 42 951 | 105 135 | 471 543 | 1 493 |
| **н. Шаҳринав** | 27 407 | 47 574 | 101 445 | 517 | 21 979 | 48 691 | 327 852 | 515 |
| **Ҳамагӣ** | **347 069** | **800 903** | **297 010** | **8 875** | **402 307** | **871 579** | **2 459 926** | **8 990** |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 268, 276, 280, 283.**

Дар ноҳия соҳаи моҳипарварӣ низ, рӯ ба беҳбудӣ овардааст. Моҳиро асосан дар ҳавзҳои сунъӣ парвариш менамоянд. Хоҷагиҳои моҳидорӣ, ки асосан дар ноҳияҳои Рӯдакӣ, Файзобод, Шаҳринав ва шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор, Ваҳдат ҷойгир шудаанд.

Бо мақсади равнақ додани моҳидорӣ, дар оянда зиёд кардани ҳавзу кӯлҳо дар назар дошта шудааст.

**Ҷадвали 2.2.7.**

**Шумораи хоҷагиҳои деҳқонии моҳипарварӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор (ба ҳолати 01.11.2020)**

| № р/т | Номгӯйии хоҷагиҳо | Суроға | Масоҳати умумии замин, (га) | Масоҳати ҳавзҳо (га) |
|---|---|---|---|---|
| **Шаҳри Турсунзода** | | | | |
| 1 | Саидов Насим | | 0,08 | 0,08 |
| 2 | Ҳаитов Дустмурод | | 0,15 | 0,15 |
| **Ҳамагӣ** | | | **0,23** | **0,23** |
| **Ноҳияи Шаҳринав** | | | | |
| 1 | Кооперативи тиҷоратии «Навруз» | ҷ/д Чуст | 0,8 | – |
| 2 | ҶСП Парандапарварӣ | ҷ/ш М. Турсунзода | 1,0 | – |
| **Ҳамагӣ** | | | **1,8** | |
| **Шаҳри Ҳисор** | | | | |
| 1 | ҶДММ «Агро Россия – Тоҷикистон» | ҷ/д Ҳисор | 1,47 | 1,47 |
| 2 | ҶДММ «Моҳипарвар» | ҷ/д Дурбат | 2,3 | 2,3 |
| 3 | ҶДММ Абдурауф Юсупов | ҷ/д Ҳисор | 1,5 | 1,5 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5,27** | **5,27** |
| **н. Рӯдакӣ** | | | | |
| 1 | МЦ Грейс Сонмин | Рӯдакӣ | 3,25 | 3,25 |
| 2 | х/д Алиев | Рӯдакӣ | 2 | 2 |
| 3 | х/д Назаров | Рӯдакӣ | 0,24 | 0,24 |
| 4 | х/д Искандар | Рӯдакӣ | 3,7 | 3,7 |
| 5 | х/д Дусти | Рӯдакӣ | 2 | 2 |
| 6 | х/д Убайдулоев | Рӯдакӣ | 1 | 1 |
| 7 | х/д Рыбак | Рӯдакӣ | 0,8 | 0,8 |
| 8 | х/д Олимов | Рӯдакӣ | 2 | 2 |
| 9 | х/д Мирзокарим | Рӯдакӣ | 0,1 | 0,1 |
| 10 | х/д Нуралиев | Рӯдакӣ | 0,07 | 0,07 |
| **Ҳамагӣ** | | **10 адад** | **15,16** | **15,16** |
| **Шаҳри Ваҳдат** | | | | |
| 1 | ҶДММ «Аква Порс» | Ваҳдат | 1,5 | 0,6 |
| 2 | Соҳ. «Акрамов П.» | Ваҳдат | 1,7 | 1,0 |
| 3 | ҶДММ «Фарел» | Ваҳдат | 17,79 | 1,5 |
| 4 | х/м «Расулов М» | Ваҳдат | 7,8 | 7,0 |
| 5 | х/д «Бобоҷон» | Ваҳдат | 16,2 | 3,2 |
| 6 | ҶДММ «Кварс» | Ваҳдат | 0,40 | 0,40 |
| 7 | ҶДММ Зафари Ориф | Ваҳдат | 0,50 | 0,50 |
| 8 | Гулмоҳипарварӣ | Ваҳдат | 2,0 | 2,0 |
| 9 | х/д Ромруз | Ваҳдат | 4,50 | 4,50 |
| 10 | Фозилов Маҳмадрозиқ | Ваҳдат | 7,0 | 7,0 |
| 11 | х/д «Мустафо Р» | Ваҳдат | 502,3 | 1,0 |
| 12 | х/д Ҷобиров Шухрат» | Ваҳдат | 1,89 | 1,89 |
| 13 | Х/м «Исоева» | Ваҳдат | 3,4 | 2,5 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 14 | ҶДММ «Баҳор» | Ваҳдат | 0,32 | 0,32 |
| 15 | х/м Муродов Миралӣ | Ваҳдат | 2,0 | 1,0 |
| 16 | х/м «Давлатов Ҳабибулло» | Ваҳдат | 2,40 | 2,40 |
| 17 | КИ «Ҳ.Азим» | Ваҳдат | 0,3 | 0,3 |
| 18 | КИ Гулистони Ваҳдат | Ваҳдат | 0,4 | 0,4 |
| 19 | ҶДММ «Рузафзун» | Ваҳдат | 4,0 | 4,0 |
| 20 | ҶДММ Люкс тиҷорат | Ваҳдат | 2,3 | 2,3 |
| 21 | х/м Моҳипарвар | Ваҳдат | 1,0 | 1,0 |
| 22 | х/д Саидсултон | Ваҳдат | 1,50 | 1,50 |
| 23 | х/м Умарҷон | Ваҳдат | 0,80 | 0,80 |
| 24 | х/м Ҷураев Имомалӣ | Ваҳдат | 0,12 | 0,12 |
| 25 | х/д Ғалатмоҳ | Ваҳдат | 2,30 | 2,30 |
| 26 | х/д Муродов Қутбудин | Ваҳдат | 0,60 | 0,60 |
| 27 | х/м Бобоев Давлатхон | Ваҳдат | 0,65 | 0,65 |
| 28. | ҶДММ Меҳвари Душанбе | Вадат | – | – |
| **Ҳамагӣ:** | | | **589,17** | **51,78** |
| **Ноҳияи Файзобод** | | | | |
| 1 | х/д «Ёфтуллоҳ» | Файзобод | 0,40 | 0,16 |
| 2 | х/д «Меркурий» | Файзобод | 7,0 | 1,5 |
| 3 | х/м «Мирзои Малик» | Файзобод | 8,6 | 0,8 |
| 4 | х/д/м «Меҳрафзун» | Файзобод | 3,0 | 0,35 |
| 5 | х/д «Ёкут–2000» | Файзобод | 3,0 | 1,5 |
| 6 | х/д «Бобуна» | Файзобод | 5,0 | 1,0 |
| 7 | СИ Солиев Абдусалом | Файзобод | 0,8 | 0,32 |
| 8 | х/д «Ғалмова» | Файзобод | 40,9 | 0,08 |
| 9 | х/д «Саидзод» | Файзобод | 3,8 | 0,17 |
| 10 | х/д «Соҳибназар» | Файзобод | 2,0 | 1,5 |
| 11 | СИ Зарипова Латофат | Файзобод | 1 | 1 |
| 12 | х/д «Ашур» | Файзобод | 20,5 | 2,0 |
| 13 | х/д «Давлат» | Файзобод | 102,0 | 0,8 |
| 14 | ҶДММ «Файзалӣ» | Файзобод | 1,0 | 0,4 |
| 15 | Каримов Наҷмидин | Файзобод | 0,07 | 0,07 |
| 16 | Сорбон хайр | Файзобод | 2,0 | 0,4 |
| 17 | х/д Ширин | Файзобод | 0,5 | 0,5 |
| 18 | х/д Раҳматов Ш | Файзобод | 0,7 | 0,7 |
| **Ҳамагӣ** | | | **202,27** | **12,8** |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021.**

Истеҳсоли пилла соли 2015 ба 95 тонна ва дар соли 2020 бошад, ба 21 тонна расид, ки истеҳсоли он бениҳоят кам гардидааст[143].

Дар ноҳия соли 2020 820 тонна гӯшт, 154 047 тонна шир, 260 042 ҳазор дона тухм, 536 тонна пашм, 21 тонна пилла ва 513 тонна асал истеҳсол гардид[144].

[143] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ / Кишоварзии ҶТ. – Душанбе, 2021. – С. 285.
[144] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ / Кишоварзии ҶТ. – Душанбе, 2021. – С. 274; 278; 282; 289.

**Ҷадвали 2.2.8.**

**Соҳаи моҳипарварӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор**

| № | Ноҳия ва шаҳр | Парвариши моҳӣ (ҳазор дона) | | | Сайди маҳӣ (тонна) | | | Фуруши моҳӣ (тонна) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Хоҷагиҳои ҷамъиятӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | Ҳамагӣ | Хоҷагиҳои ҷамъиятӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | Ҳамагӣ | Хоҷагиҳои ҷамъиятӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | Ҳамагӣ |
| 1 | **Турсунзода** | – | 18,8 | 18,8 | – | 3,5 | 3,5 | – | 3,5 | **3,5** |
| 2 | **Ҳисор** | 1,5 | – | 1,5 | 8,3 | | 8,3 | 8,3 | – | **8,3** |
| 3 | **Шаҳринав** | – | – | – | 4,4 | – | 4,4 | 2,9 | – | **2,9** |
| 4 | **Рӯдакӣ** | 8,9 | 13,0 | 21,9 | 2,8 | 0,4 | 3,2 | 2,8 | 0,4 | **3,2** |
| 5 | **Ваҳдат** | – | 20,5 | 20,5 | 85,5 | 9,3 | 94,8 | 85,4 | 9,3 | **94,7** |
| 6 | **Файзобод** | 3,0 | 69,8 | 72,8 | – | 7,3 | 7,3 | | 2,9 | **2,9** |
| **Ҳамагӣ** | | **13,4** | **122,1** | **135,5** | **101** | **20,5** | **121,5** | **99,4** | **16,1** | **115,5** |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 334, 339, 342.**

Дар таркиби хоҷагии ноҳия аз ҷиҳати истеҳсоли шир, асал ва тухм ш. Ваҳдат, истеҳсоли пашм ноҳияи Рӯдакӣ, аз истеҳсоли пилла ш. Турсунзода пешсаф мебошанд.

Ҳоло истеҳсолоти кишоварзӣ талаботи аҳолии ноҳияро бо хурока қонеъ карда наметавонад. Барои пурра қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо хӯрока ҳосилнокии зироатҳоро баланд бардоштан лозим аст. Солҳои наздик аз ҳисоби заминҳои бекорхобида ва чарогоҳҳои каммаҳсул майдони заминҳои киштшавандаро зиёд гардонидан мумкин аст.

Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор як қатор камбудиҳои дигар низ, ҷой доранд. Масалан, дар натиҷаи сари вақт нагузаронидани корҳои таъмир ва тозакунии шабакаҳои обёрӣ ҷараёни ботлоқзоршавӣ ва шӯршавии заминҳо авҷ гирифтаистодааст. Аз сабаби нагузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бисёре аз дарёҳо дар давраи обхезӣ аз соҳилҳо

мебароянд ва доимо маҷрои худро иваз менамоянд. Буридани дарахтҳое, ки бо мақсади муҳофизати эрозияи хок пешбинӣ карда, шинонида шуда буданд, боиси бодхӯрдашавии хок гардида истодааст.

**Ҷадвали 2.2.9.**

**Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар ҳамаи хоҷагиҳои ноҳияи иқтисодии Ҳисор**

| Шаҳр ва ноҳияҳо | Солҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | | | | | 2020 | | | | |
| | Шир (тонна) | Тухм (ҳаз. дона) | Пашм (тонна) | Пилла (тонна) | Асал (тонна) | Шир (тонна) | Тухм (ҳаз. дона) | Пашм (тонна) | Пилла (тонна) | Асал (тонна) |
| **н. Варзоб** | 10 218 | 1 170 | 44 | – | 41 | 10 789 | 1 170 | 113 | | 44 |
| **н. Ҳисор** | 26 856 | 32 304 | 54 | 21 | 31 | 27 645 | 32 304 | 67 | 4 | 40 |
| **н. Ваҳдат** | 29 414 | 102 451 | 69 | 30 | 234 | 33 751 | 102 451 | 74 | | 255 |
| **н. Рӯдакӣ** | 25 436 | 20 416 | 104 | 15 | 23 | 27 826 | 20 416 | 103 | 6 | 28 |
| **н. Турсунзода** | 23 149 | 4 311 | 81 | 11 | 33 | 25 924 | 4 311 | 85 | 7 | 36 |
| **н. Файзобод** | 13 494 | 68 402 | 53 | 4 | 71 | 14 710 | 68 402 | 71 | | 84 |
| **н. Шаҳринав** | 12 753 | 30 988 | 15 | 14 | 25 | 13 402 | 30 988 | 23 | 4 | 26 |
| **Ҳамагӣ** | **141 320** | **260 042** | **420** | **95** | **458** | **154 047** | **260 042** | **536** | **21** | **518** |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С 274, 278, 282, 289.**

Дар алоқа ба маҳдудияти захираҳои заминҳои ҳосилхез ва зиёдшавии шумораи аҳолӣ талабот ба замин меафзояд ва аҳаммияти иқтисодии он ҳам, баланд мегардад. Шумораи аҳолӣ дар ноҳия бо суръат меафзояд ва дар оянда оқибатҳои иқтисодии маҳдудиятии ҳудудҳо барои зироаткорӣ, сохтмони корхонаҳои саноатӣ ва шаҳрсозӣ мегарданд.

Рушди саноати сабук ва хӯрокворӣ бо рушди истеҳсолоти кишоварзӣ зич алоқаманд аст. Кишоварзӣ ҳамчун як соҳаи хоҷагии халқ хусусиятҳои худро дорад, ки бо шароитҳои табиӣ алоқаманд аст. Барои ҷобаҷогузорӣ ва рушд додани саноати сабук ва хӯрокворӣи ноҳия, бояд дар оянда ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба талаботи аҳолӣ зиёд карда шавад. Дар он

ҳолат ҷойгир намудан ва рушд додани иншоотҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ имконпазир мегардад, хусусан дар ноҳияҳое, ки маҳсулотҳои кишоварзӣ зиёд тавлид карда мешаванд.

Оянда дар ноҳия имконияти афзун намудани соҳаи ордкашӣ, равғанкашӣ, коркарди меваю сабзавот, консерва, шаробпазӣ, тамоку, гушту шир, коркарди ашёи хоми кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулотҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ васеъ аст.

Аз даст додани ҳар 1 га замини кишоварзӣ масъалаи таъмини аҳолиро бо хӯрока душвор мегардонад. Дар ноҳия агар масканкунии аҳолӣ ба ҳолати имрӯза давом намояд, пас барои тараққии сохтмони манзил дар даҳсолаи наздик чор ҳиссаи заминҳои обии ҳоло дар ноҳиябуда, истифода бурда мешаванд.

Натиҷаи таҳқиқот муайян намуд, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз самтҳои асосии пешбурди иқтисодиёти ноҳияи иқтисолии Ҳисор ба ҳисоб рафта, дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмини амнияти озуқавории ноҳия ва ҷумҳурӣ нақши муҳимро мебозад.

Аз таҳлилҳо маълум гардид, ки ноҳияи иқтисодии Ҳисор аз заминҳои корам бой аст ва аз як гектар заминҳои корам ду ҳосил ба пурагӣ ҷамъоварӣ кардан мумкин аст.

Яке аз омилҳои асосие, ки ба коҳишёбии майдони умумии кишт таъсир мерасонад, ин аз гардиши кишоварзӣ боз мондани заминҳои кишт ва гузаронидани заминҳо аз як категория ба категорияи дигар аст.

Коҳиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ вобаста аз паст шудани нархи баъзе аз маҳсулотҳои кишоварзӣ, норасоии маблағҳои пулӣ, фарсудашавии техникаи кишоварзӣ, баланд шудани нархи нуриҳои минералӣ, қисмҳои эҳтиётии техникаҳои кишоварзӣ, маводҳои сӯзишворию молиданӣ ба амал омад истодааст, ки оянда низ, агар ҳамин ҳолатҳо давом ёбад, боз ҳам ҳосилнокии заминҳо бештар коҳиш меёбанд.

Динамикаи ноустувори ҷамъоварии мева ва ангур аз сармои баҳорӣ, ки тули чанд соли охир дар кишвар рӯх медиҳад вобаста аст. Аммо ба ин нигоҳ

накарда, тайи солҳои охир афзоиши ҳосилнокии аксарияти зироатҳои кишоварзӣ дар ноҳия ба мушоҳида мерасад.

## 2.3. Аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ ва проблемаҳои истифодаи самараноки онҳо дар шароити ноҳияи иқтисодии Ҳисор

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор яке аз ноҳияҳои сермиллат ва сераҳолии мамлакат буда, аз ҷиҳати зиччии миёнаи аҳолӣ ва ҳиссаи аҳолии шаҳр дар ҷумҳурӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд.

Аҳолии ноҳия ба дараҷаи баланд меафзояд. Шумораи аҳолӣ дар соли 2015 ба 2 418 200 нафар баробар буд. Дар ҳудуди ноҳия (соли 2015) 28,2% аҳолии мамлакат зиндагӣ мекард. Дар соли 2020 бошад, аҳолии ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба 2 698 600 нафар баробар гардид, ки 28,4% аҳолии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Афзоиши табии аҳолӣ дар ҳамаи ноҳияҳои маъмурии минтақа баланд мебошад, ки ин дар ҷадвали 2.3.1. ва диаграмаи 2.3.1. оварда шудааст. Афзоиши аҳолӣ дар ҳамаи ноҳияҳои маъмурии минтақа ба чашм мерасад.

**Ҷадвали 2.3.1.**

**Шумораи аҳолии доимӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои маъмурии ноҳияи иқтисодии Ҳисор (млн нафар)**

| Номи шаҳр ё ноҳия | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2017 | 2018 | 2020 |
| **ш. Душанбе** | 775,8 | 802,7 | 831,4 | 846,4 | 880,8 |
| **н. Варзоб** | 70,9 | 74,8 | 78,7 | 80,5 | 84,1 |
| **ш. Ҳисор** | 265,9 | 280,6 | 293,9 | 301,6 | 315,6 |
| **ш. Ваҳдат** | 303,0 | 317,1 | 330,1 | 336,9 | 349,7 |
| **н. Рӯдакӣ** | 437,0 | 463,1 | 490,6 | 504,3 | 531,8 |
| **ш. Турсунзода** | 210,6 | 273,9 | 286,2 | 292,6 | 304,8 |
| **н. Файзобод** | 89,9 | 94,5 | 98,7 | 101,4 | 106,3 |
| **н. Шаҳринав** | 105,2 | 111,5 | 117,5 | 120,5 | 125,5 |
| **Ҳамагӣ** | **2 258** | **2 418,2** | **2 527,1** | **2 584,2** | **2 698,6** |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омории «Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2015». – С. 23-25; Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – С. 18; Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 18.**

**Диаграмаи 2.3.1.**




**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Минтақаҳои ҶумҳурииТоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С.18.**

**Диаграмаи 2.3.2.**

**Шумораи аҳолии ноҳияи иқтисодии Ҳисор (млн нафар)**




**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омори «Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2016. 25 соли истиқлолияти давлатӣ» – С. 23-25; Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои ҶумҳурииТоҷикистон. – Душанбе, 2019. – С. 17-19; Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 18.**

Тибқи маълумотҳои омории соли 2021 аҳолии ноҳияи иқтисодии Ҳисор 28,4% аҳолии умумӣ, 44,5% аҳолии шаҳр ва 22,6% аҳолии деҳоти мамлакатро дар бар мегирад. Аҳолии ноҳия аз соли 1992 дар ҳоли рушд мебошад, ки инро мо дар диаграмаи 2.3.2. мушоҳида менамоем.

Ҳоло суръати афзоиши аҳолӣ дар шаҳри Ҳисор ва ноҳияи Рӯдакӣ баланд мебошад. Пеш аз ҳама дар оянда чунин афзоиши баланди табиии аҳолӣ дар ноҳия боқӣ мемонад.

Афзоиши табии аҳолӣ ба 1000 нафар дар ноҳияи маъмурии Файзобод ва ш. Ҳисор баланд буда, дар шаҳри Душанбе ва ноҳияи Варзоб паст мебошад. Коэффисенти таваллуд, фавт ва афзоиши табиӣ дар ноҳия ва шаҳрҳои ноҳияи иқтисодии Ҳисор гуногун аст.

**Ҷадвали 2.3.2.**

**Таносуби аҳолии шаҳр ва деҳот дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор**

| Номи шаҳр ё ноҳия | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 2015 | | 2020 | |
| | Ҳиссаи аҳолии шаҳрҳо, бо ҳисоби фоиз | Ҳиссаи аҳолии деҳот, бо ҳисоби фоиз | Ҳиссаи аҳолии шаҳрҳо, бо ҳисоби фоиз | Ҳиссаи аҳолии деҳот, бо ҳисоби фоиз |
| **ш. Душанбе** | 100 | – | 100 | – |
| **н. Варзоб** | 3,2 | 96,8 | 3,1 | 96,9 |
| **ш. Ҳисор** | 14,4 | 85,6 | 14,1 | 85,9 |
| **ш. Ваҳдат** | 17,0 | 83,0 | 16,3 | 83,7 |
| **н. Рӯдакӣ** | 10,9 | 89,1 | 10,8 | 89,2 |
| **ш. Турсунзода** | 19,3 | 80,4 | 18,7 | 81,3 |
| **н. Файзобод** | 10,2 | 89,8 | 10,0 | 90,0 |
| **н. Шаҳринав** | 6,4 | 93,6 | 6,5 | 93,5 |
| **Ҳамагӣ** | **42,2%** | **57,8%** | **41,5%** | **58,5%** |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омори «шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2015». – С. 23-31; Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои ҶумҳурииТоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 33.**

Дар ҷараёни урбанизатсияи ноҳияи иқтисодии Ҳисор шаҳри Душанбе таъсири назаррас мерасонад. Шумораи аҳолие, ки аз ноҳияҳои гуногун барои

кор ба шаҳри Душанбе омадаанд, хеле зиёд мебошанд. Мувофиқи маълумотҳои Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе зиёда аз 200 000 аҳолии муваққатӣ зиндагонӣ мекунанд. Агар шумораи кучида омадагон соли 2020 ба шаҳри Душанбе 6295 нафарро ташкил намояд. Шумораи кучида рафтагон 3448 нафарро ташкил мекунад. Дар соли 2020 афзоиши ҳиҷрат, дар шаҳри Душанбе ба 2847 нафар расид[145]. Чунин вазъи демографӣ дар оянда низ, боқӣ мемонад.

**Ҷадвали 2.3.3.**

**Афзоиши табиии аҳолӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои ноҳияи иқтисодии Ҳисор (ба 1000 нафар аҳолӣ)**

| Номи шаҳрҳо ва ноҳияҳо | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2014 | 2017 | 2018 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ш. Душанбе | 15,2 | 20,8 | 20,5 | 19,3 | 13,3 | 15,9 | 15,4 | 16,6 |
| ш. Ваҳдат | 15,4 | 13,9 | 17,3 | 12,1 | 17,4 | 8,0 | 13,7 | 26,3 |
| ш.Турсунзода | 29,5 | 34,8 | 34,7 | 22,8 | 32,9 | 10,1 | 12,6 | 22,8 |
| н. Варзоб | 23,6 | 28,0 | 24,1 | 24,4 | 23,1 | 22,7 | 21,2 | 21,0 |
| ш. Ҳисор | 24,0 | 31,6 | 27,6 | 26,3 | 27,9 | 24,1 | 26,0 | 24,2 |
| н. Ваҳдат | 26,3 | 33,8 | 25,5 | 27,1 | 29,2 | 21,7 | 22,0 | 21,6 |
| н. Рӯдакӣ | 24,4 | 29,5 | 25,3 | 24,7 | 20,8 | 22,8 | 21,4 | 23,1 |
| н. Турсунзода | 23,1 | 27,0 | 23,6 | 23,9 | 20,3 | 24,2 | 24,0 | 19,0 |
| н. Файзобод | 28,4 | 34,9 | 33,2 | 28,7 | 26,3 | 18,7 | 24,8 | 25,9 |
| н. Шахринав | 23,6 | 29,0 | 26,8 | 24,1 | 28,7 | 24,6 | 23,9 | 21,2 |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – С. 54; Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 54.**

Ҳоло аҳолии қобили меҳнат низ, бо суръати баланд меафзояд. Афзоиши захираи меҳнатӣ дар солҳои 1991–2000 қариб 3% – ро ташкил медод, дар соли 2015 ин нишондиҳанда ба 3,5% расид[146]. Соли 1990 захираи меҳнатии шаҳри Душанбе 420 900 нафарро ташкил медод ва ин нишондиҳанда соли 2001 ба 566 300 нафар расид ва ин нишондиҳанда моҳи январи соли 2020 ба 880,8

[145] Ниг.: Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2021. – С. 36.

[146] Ниг.: Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2015. – С. 19-25.

ҳазор нафар баробар гардид, ки нисбат ба соли 1991 – ум 459 900 нафар ё 52,2% зиёд мебошад. Афзоиши захираи меҳнатӣ дар ин давра 133,1% – ро ташкил медод. Афзоиши зиёди аҳолии қобили меҳнат зарурияти зиёд намудани ҷойҳои кории холиро дар ноҳия тақозо дорад. Сабаби асосии паст будани дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо ҷойи кор, ин кам будани ҷойҳои корӣ нисбат ба суръати афзоиши аҳолӣ мебошад. Ҳоло зиёда аз 40% аҳолии қобили меҳнат бо таҳсил фаро гирифта шудаанд ва дар хоҷагиҳои шахсии худ бо кор банд мебошанд.

Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор 58,5% аҳолӣ дар деҳот истиқомат мекунанд. Зиёд будани аҳолии деҳот ба дараҷаи таъминоти аҳолӣ таъсир мерасонад. Дар ноҳия шумораи деҳотҳои хурд хеле зиёданд, ки дар онҳо зиёда аз 80% аҳолӣ дар соҳаи кишварзӣ бо кор банд мебошанд. Дар байни ноҳияҳои маъмурии ноҳия мавриди таҳқиқ аз ҷиҳати таносуби аҳолии шаҳр Ваҳдат, Турсунзода пешсаф мебошанд.

**Харитаи 2.3.1.**

**Зичии миёнаи аҳолӣ (дар 1км²)**




**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси атласи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (корхонаи воҳиди давлатии «Фабрикаи харитасоз» – Душанбе, 2021. – С. 18).**

Аҳолии ноҳия нобаробар ҷойгир шудааст. Ба нобаробар ҷойгир шудани аҳолӣ хусусиятҳои таърихӣ ва табиӣ таъсири зиёд расонидааст. Дар ҷойгиршавии аҳолӣ сиёсати демографии собиқ Шуравӣ, рушди илму техника ва соҳаҳои хизматрасонӣ низ, таъсир расонид.

Агар зичии аҳолӣ дар соли 1994 дар 1 км$^2$ 78 нафарро ташкил медод, соли 2014 ин нишондиҳанда 214 нафар дар 1 км$^2$ ва соли 2020 ба 238,8 нафар расид. Хусусиятҳои табиӣ ва иқтисодӣ ба ҷойгиршавии аҳолии ноҳияи иқтисодии Ҳисор таъсири зиёд расонидааст.

Дар байни ноҳияҳои маъмурии минтақа аз ҷиҳати зичии аҳолӣ дар 1 км$^2$ ноҳияҳои Ҳисор, Рӯдакӣ, Турсунзода пешсаф мебошанд (Ҷадвали 2.3.4.). Зичии миёнаи аҳолӣ соли 2020 дар ноҳияи Турсунзода (якҷоя бо шаҳри Турсунзода) дар 1 км$^2$ – 254,0 нафар, н. Ҳисор (якҷоя бо шаҳри Ҳисор) 315,6 нафар ва дар ноҳияи Рӯдакӣ 295,4 нафарро ташкил медиҳад. Зичии миёнаи аҳолии шаҳри Душанбе бошад, дар 1 км$^2$ зиёда аз 8808 нафарро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.3.4.**

**Зичии миёнаи аҳолӣ (дар 1 км$^2$) дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор**

| Номи шаҳр ё ноҳия | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2005** | **2007** | **2009** | **2011** | **2014** | **2018** | **2020** |
| **ш. Душанбе** | 6 464,0 | 6 794,0 | 7 061,0 | 7 480,0 | 7 887,7 | 8 464,0 | 8 808 |
| **ш. Ваҳдат** | 69,5 | 72,6 | 74,1 | 78,5 | 83,8 | 91,0 | 94,5 |
| **ш. Турсунзода** | 183,2 | 192,0 | 201,3 | 208,7 | 222,8 | 243,8 | 254,0 |
| **н. Варзоб** | 34,9 | 36,6 | 38,6 | 39,6 | 42,8 | 50,3 | 52,5 |
| **ш. Ҳисор** | 226,5 | 236,7 | 248,7 | 252,9 | 273,3 | 301,6 | 315,6 |
| **н. Рӯдакӣ** | 171,8 | 182,8 | 192,8 | 228,6 | 249,8 | 280,2 | 295,4 |
| **н. Файзобод** | 85,2 | 88,6 | 92,9 | 95,2 | 102,6 | 112,6 | 118,1 |
| **н. Шаҳринав** | 90,2 | 93,4 | 97,9 | 99,9 | 108,2 | 120,5 | 125,5 |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълӯмоти омории «шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 – уми январи соли 2015». – С. 30; Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 26.**

Аҳолии ноҳия аз солҳои Итиҳодияи Шуравӣ то ҳоло бо роҳи табиӣ ва механикӣ меафзояд. Дар давраи Шуравӣ аз давлатҳои гуногуни собиқ

Шуравӣ ба ин минтақа мутахасион барои истиқомати доимӣ равона карда мешуданд. Ҳоло бошад аз тамоми ноҳияҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин минтақа аҳолӣ барои дарёфти ҷойи кор, таҳсил ва табобат меоянд ва як қисми онҳо ин минтақаро ҷойи истиқомати доимии хеш интихоб мекунанд[147].

Нишондиҳандаҳои шумораи таваллуд ба 1000 нафар дар шаҳри Ҳисор ва Ваҳдат баланд мебошад. Нишондиҳандаи таваллуд дар шаҳри Душанбе ва шаҳри Турсунзода паст мебошад[148] (Ҷадвали 2.3.5.).

**Ҷадвали 2.3.5.**

**Коэффисенти умумии таваллуд ва фавт дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор (ба 1000 нафар аҳолӣ)**

| **Номи шаҳр ё ноҳия** | **Шумораи таваллудшудагон** | | **Шумораи фавтидагон** | |
|---|---|---|---|---|
| | **2000 с.** | **2020 с.** | **2000 с.** | **2020 с.** |
| **ш. Душанбе** | 28,1 | 21,0 | 4,2 | 4,3 |
| **ш. Ваҳдат** | 25,0 | 32,6 | 10,1 | 6,3 |
| **ш. Турсунзода** | 24,8 | 28,4 | 10,0 | 5,5 |
| **н. Варзоб** | 26,0 | 25,3 | 4,1 | 4,3 |
| **ш. Ҳисор** | 29,0 | 28,4 | 3,8 | 4,2 |
| **н. Ваҳдат** | 27,3 | 25,3 | 4,2 | 3,7 |
| **н. Рӯдакӣ** | 28,2 | 27,0 | 3,4 | 3,9 |
| **н. Турсунзода** | 32,2 | 23,9 | 4,1 | 4,9 |
| **н. Файзобод** | 26,1 | 29,9 | 3,0 | 4,0 |
| **н. Шаҳринав** | 27,7 | 25,8 | 5,5 | 4,6 |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 41-47.**

Нишондиҳандаҳои шумораи фавт ба 1000 нафар дар ноҳияи маъмурии Варзоб, Турсунзода, Шаҳринав ва шаҳри Ваҳдат баланд буда, дар шаҳри Душанбе паст аст. Дараҷаи фавти аҳолӣ ба шариоити иҷтимоӣ, иқтисодӣ, санитарию гигиенӣ ва хизматрасонии тиббӣ бештар вобастагӣ дорад.

[147] Ниг.: Ибодов Ш.М. Захираҳои меҳнатӣ ва проблемаҳои самаранок истифодабарии онҳо дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор / Ш.М. Ибодов // Паёми ДМТ. – 2018. – №5. – С. 103-108.
[148] Ниг.: Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2019. – С. 41.

Шуғли аҳолӣ имрӯз дар ноҳия яке аз масъалаҳои асосӣ маҳсуб ёфта, маҷмӯи муносибатҳоро оид ба иштироки одамон дар фаъолияти меҳнатӣ тавсиф менамояд. Шуғли самаранок ва аз ҷиҳати пардохти музд ва шароити меҳнат муносиб, натанҳо манбаи даромад мебошад, ки сатҳ ва сифати ҳақиқии ҳаёти корманд ва оилаи ӯро таъмин месозад, балки заминаи асосии инкишофи инсон ва рушди иқтисодӣ низ, мебошад.

**Диаграмаи 2.3.3.**

**Пирамидаи сину сол ба ҳолати 1–уми январи 2020 (нафар)**




**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои ҶТ. – Душанбе, 2021. – С. 54.**

Дар ҷомеаи имрӯза аз худ намудани касб ва баланд бардоштани сатҳи шуғл проблемаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Барои бартараф кардани ин мушкилот мебояд ба масъалаи шуғл аз нигоҳи иқтисодӣ – географӣ назари ҷиддӣ намоем

Шумораи миёнаи кормандони кироя дар ноҳия тибқи маълумоти омории соли 2021 муайян гардид, ки сол то сол рӯ ба афзоиш аст. Масалан,

агар соли 2000 шумораи кормандони кироя дар ноҳия 227 600 нафар башад, ин нишондиҳонда дар соли 2020 ба 266 000 нафар расидааст.

Дар ҳамин давра шумораи нафақахӯрон дар ноҳия 16 166 нафарро ташкил медод ва давоми 20 сол ин нишондиҳанда ба 20 955 нафар баробар гардид, ки 4 789 нафар афзудааст.

Музди миёнаи меҳнати моҳона дар ноҳия соли 2000 ба 18,58 сомонӣ баробар буд, ки ин нишондиҳанда соли 2020 ба 1 208,29 сомонӣ баробар гардид.

**Ҷадвали 2.3.6.**

**Шумораи миёнаи кормандони кироя ва нафақахӯр (коргарон, хизматчиён ва нафақахӯрон, ҳазор нафар)**

| Номи шаҳр ё ноҳия | Коргарон ва хизматчиён | Нафақахӯрон | Коргарон ва хизматчиён | Нафақахӯрон | Коргарон ва хизматчиён | Нафақахӯрон | Коргарон ва хизматчиён | Нафақахӯрон | Коргарон ва хизматчиён | Нафақахӯрон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2000 | | 2005 | | 2010 | | 2015 | | 2020 | |
| ш. Душанбе | 99,2 | 53,5 | 118,7 | 42,6 | 134,9 | 41,9 | 149,3 | 49,9 | 169,3 | 58,1 |
| ш. Ваҳдат | 23,4 | 20,1 | 19,4 | 17,7 | 15,7 | 19,0 | 15,3 | 21,6 | 16,8 | 25,4 |
| ш. Турсунзода | 37,2 | 15,9 | 38,1 | 14,9 | 38,6 | 17,0 | 29,3 | 19,3 | 22,3 | 24,2 |
| н. Варзоб | 2,8 | 5,4 | 2,5 | 4,6 | 3,3 | 5,1 | 3,7 | 5,7 | 4,2 | 6,4 |
| ш. Ҳисор | 30,3 | 16,4 | 29,4 | 15,2 | 7,1 | 17,0 | 17,1 | 18,4 | 16,8 | 22,3 |
| н. Рӯдакӣ | 18,6 | 20,2 | 13,6 | 18,5 | 2,8 | 21,5 | 17,0 | 25,1 | 18,4 | 32,0 |
| н. Файзобод | 4,8 | 5,1 | 4,6 | 4,8 | 7,2 | 5,2 | 4,9 | 6,5 | 5,5 | 8,0 |
| н. Шаҳринав | 9,2 | 7,0 | 9,2 | 6,3 | 7,2 | 7,0 | 6,7 | 7,8 | 5,8 | 9,3 |
| **Ҳамаги** | **225,5** | **143,6** | **235,5** | **124,6** | **216,8** | **133,7** | **243,3** | **154,3** | **259,1** | **185,7** |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 70.**

Музди миёнаи нафақа мувофиқи маълумотҳои оморӣ соли 2021 дар ноҳия соли 2000 ба 4,00 сомонӣ баробар буд. Айни замон ба 315,58 сомонӣ расонида шуд, ки нисбати соли 2000 311,56 сомонӣ зиёдтар аст.

**Ҷадвали 2.3.7.**

**Музиди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи номиналии меҳнат ва нафақа (сомонӣ)**

| Номи шаҳр ё ноҳия | Музиди наминалии меҳнат | Нафақаи миёна | Музиди наминалии меҳнат | Нафақаи миёна | Музиди наминалии меҳнат | Нафақаи миёна | Музиди наминалии меҳнат | Нафақаи миёна | Музиди наминалии меҳнат | Нафақаи миёна |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2000** | | **2005** | | **2010** | | **2015** | | **2020** | |
| **ш. Душанбе** | 31,00 | 7,11 | 168,06 | 43,26 | 717,28 | 171,38 | 1526,64 | 316,48 | 2080,81 | 425,99 |
| **ш. Ваҳдат** | 11,79 | 3,17 | 58,65 | 23,52 | 236,76 | 111,44 | 708,95 | 210,94 | 1520,70 | 287,92 |
| **ш. Турсунзода** | 52,07 | 4,53 | 188,37 | 44,75 | 506,03 | 146,28 | 841,31 | 236,89 | 1093,08 | 305,44 |
| **н. Варзоб** | 8,46 | 3,99 | 53,46 | 30,58 | 218,08 | 137,93 | 722,92 | 237,79 | 1132,93 | 331,67 |
| **ш. Ҳисор** | 12,87 | 3,09 | 63,60 | 21,97 | 215,29 | 108,53 | 703,69 | 202,75 | 1026,03 | 287,92 |
| **н. Рӯдакӣ** | 13,20 | 3,31 | 74,31 | 23,71 | 266,78 | 115,93 | 912,13 | 204,54 | 1114,22 | 283,10 |
| **н. Файзобод** | 8,87 | 3,26 | 54,09 | 19,64 | 236,93 | 110,05 | 598,03 | 198,64 | 887,62 | 286,90 |
| **н. Шахринав** | 10,44 | 3,60 | 35,95 | 29,23 | 152,01 | 124,36 | 522,72 | 222,44 | 810,95 | 315,72 |
| **Ҳамаги** | **18,58** | **4,00** | **87,06** | **29,58** | **318,64** | **128,23** | **816,67** | **228,80** | **1208,29** | **315,58** |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 74.**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор 58,5% аҳолӣ дар деҳот истиқомат намуда, он ба дараҷаи таъминоти аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад. Шумораи деҳотҳои хурд хеле зиёд буда, зиёда аз 80% аҳолӣ дар соҳаи кишварзӣ бо кор банд мебошанд. Аз ҷиҳати таносуби аҳолии шаҳр дар миёни ноҳияҳои маъмурии таҳқиқшаванда, Ваҳдат ва Турсунзода пешсаф мебошанд.

Аҳолии ноҳия нобаробар ҷойгир шуда, ба он хусусиятҳои таърихӣ ва табиӣ, инчунин сиёсати демографии собиқ Шуравӣ, рушди илму техника ва соҳаҳои хизматрасонӣ низ, таъсири зиёд расонидааст.

Агар зиччии аҳолӣ дар соли 1994 дар 1 км$^2$ 78 нафарро ташкил медод, соли 2014 ин нишондиҳанда 214 нафар ва соли 2020 ба 238,8 нафар расидааст.

Дар байни ноҳияҳои маъмурии минтақа аз ҷиҳати зичии аҳолӣ дар 1 км$^2$ ноҳияҳои Ҳисор, Рӯдакӣ ва Турсунзода пешсаф мебошанд (Ҷадвали 2.3.4.). Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км$^2$ соли 2020 дар ноҳияи Турсунзода (якҷоя бо шаҳри Турсунзода) – 254,0 нафар, н. Ҳисор (якҷоя бо шаҳри Ҳисор) – 315,6

нафар ва дар ноҳияи Рӯдакӣ – 295,4 нафарро ташкил дода, дар шаҳри Душанбе бошад, зиёда аз 8 808 нафарро ташкил медиҳад.

Дар ҳамин давра шумораи нафақахӯрон дар ноҳия 16 166 нафарро ташкил дода, давоми 20 сол ин нишондиҳанда ба 20 955 нафар баробар гардидааст, ки 4 789 нафар афзудааст.

Музди миёнаи меҳнати моҳона дар ноҳия соли 2000 ба 18,58 сомонӣ баробар буд, ки ин нишондиҳанда соли 2020 ба 1 208,29 сомонӣ баробар гардид.

Музди миёнаи нафақа мувофиқи маълумотҳои оморие соли 2021 дар ноҳия соли 2000 ба 4,00 сомонӣ баробар буд ва айни замон ба 315,58 сомонӣ расонида шудааст, ки 311,56 сомонӣ зиёдтар гардидааст.

Зимни таҳлили масъалаи мазкур чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор яке аз проблемаҳои муҳимми ноҳия ба шумор меравад.

Бо вуҷуди он, ки захираҳои меҳнатӣ ҳамасола дар ноҳия афзоиш меёбанд, ба машғулиятҳои расмӣ фаро гирифтани аҳолии ноҳия, ҳамоно ташвишовар боқӣ мемонад.

Бо вуҷуди афзоиши корхонаҳои саноатӣ дар ноҳия ва баланд гардидани нишондиҳандаҳои иқтисодии ноҳия, аҳолии ноҳия ҳанӯз бо ҷойи кор ба пурагӣ таъмин нашудаанд.

Ба ақидаи мо ягона роҳи ҳалли масъалаи мазкур дарёфт ва ташкили ҷойҳои кории холӣ бо роҳи сохтмони корхонаҳои саноатии меҳнатталаб ба шумор меравад.

# БОБИ III. ДУРНАМОИ РУШД, ҶОБАҶОГУЗОРИИ ҚУВВАҲОИ ИСТЕҲСОЛКУНАНДА ВА ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ ДАР НОҲИЯИ ИҚТИСОДИИ ҲИСОР

## 3.1. Истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ ва таъсири онҳо ба дурнамои рушди соҳаҳои саноати ноҳия

Дурнамои рушди соҳаҳои саноат аз истифодаи мақсадноки захираҳои мавҷудаи табиӣ, ашёи хоми саноат ва мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ вобаста аст.

Маҳз ноҳия дорои шароитҳои мусоиди табиӣ, захираҳои бузурги табиӣ, захираҳои меҳнатӣ ва истемолкунандагон мебошад.

Яке аз имкониятҳои рушди минбаъдаи соҳаҳои саноати ноҳия, ин истифодаи комплексии канданиҳои фоиданок ва захираҳои меҳнатӣ мебошад.

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор дорои захираҳои бойи сарватҳои табиӣ мебошад, ки баъзе аз онҳо хеле нодиранд. Ин пеш аз ҳама захираҳои имконпазири обию гидроэнергетикӣ, сӯзишворӣ, ашёи хоми коксу химия, металҳои ранга ва нодир, металҳо ва сангҳои қимматбаҳо мебошанд. Аз рӯйи захираи баъзе намуди канданиҳои фоиданок, ноҳия дар ҷумҳурӣ мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Яке аз хусусиятҳои мусоиди минтақаи таҳқиқшаванда, ин бо сарватҳои табиӣ ва захираҳои меҳнатӣ таъмин будани он мебошад. Имрӯз қисми зиёди аҳолии қобили меҳнат дар муҳоҷирати меҳнатӣ, берун аз ҷумҳурӣ кор ва фаъолият доранд. Дар ҳолати ташкили ҷойҳои корӣ ва музди меҳнати баланд, онҳоро метавон ба ҷумҳурӣ баргардонид. Омӯзиши иқтидори табиӣ ва захираҳои меҳнатии минтақа нишон медиҳанд, ки дар оянда рушд додани комплекси сӯзишворию энергетикӣ, металургияи ранга, саноати коксу химия, саноати сабук, хӯрокворӣ, саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ мувофиқи мақсад аст.

Иқтидори умумии захираҳои гидроэнергетикӣ дар ноҳия 3 362 ҳазор кВт/с арзёбӣ гардидааст. Захираи эҳтимолии гидроэнергетикии баҳисобгирифташудаи дарёҳои калону миёна ва хурди ноҳия 10,4%

захираҳои гидроэнергетикии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Зиёда аз 90% захираҳои эҳтимолӣ ва 95% захираҳои аз нигоҳи техникӣ имконпазир ба ҳавзаҳои дарёҳои Варзоб ва Кофарниҳон рост меоянд.

Гуфтан зарур аст, ки сохтани фақат як гиреҳи гидроэнергетикии бо иқтидари 1300 ҳазор кВт дар дарёи Кофарниҳон имконият медиҳад, ки беш аз даҳҳо ҳазор га замин обёрӣ карда шавад (Расми 3.1.1.).

**Расми 3.1.1.**

**Дурнамои азхудкунии захираҳои гидроэнергетикии дарёи Кофарниҳон**




**Манбаъ: Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (баромади Билолов Ф. – муовини раис).**

Захираҳои энергияи обии дарёҳои хурд аз рӯйи иқтидор 10% захираҳои эҳтимолии ноҳияро ташкил медиҳанд. Дарёи Кофарниҳон ва Варзоб аҳаммияти калони энергетикию обёрӣ доранд.

Мувофиқи ҳисоботҳои мутахассисон, вобаста ба шароитҳои мавҷудаи дарёҳои Варзоб ва Кофарниҳон дар онҳо сохтмони 50 адад НБО – и хурду миёна имконпазир аст. Истеҳсоли умумии энергияи силсила НБО – ҳои Варзоб соли 2012, баъди аз таъмири пурра баровардани НБО – и Варзоб – 1 иқтидори энергияи ҳар се нерӯгоҳҳо ба 27 360 кВт/с баробар гардид.

Ҳаҷми миёнаи истеҳсоли нерӯи барқ дар дарёи Кофарниҳон ба 3,93 мВт баробар аст[149]. Танҳо НБО – и Вагҷигдин имконият медиҳад, ки майдони беш аз 140 ҳазор га замин обёрӣ карда шавад[150]. Иқтидори гидроэнергетикии дарёи Кофарниҳон ба 12,5 млрд кВт/соат баробар аст[151], ки оянда бунёди силсила НБО ба нақша гирифта шудааст.

**Ҷадвали 3.1.1.**

**Лоиҳаи неругоҳҳое, ки дар дарёи Кофарниҳон бунёд карда мешавад.**

| № | Дарёи Кофарниҳон | Тавонаи МВт | Истеҳсоли солона млн кВт/соат |
|---|---|---|---|
| 1 | **Вистан** | 200 | 0,6 |
| 2 | **Саривазор** | 250 | 0,8 |
| 3 | **Явроз** | 400 | 1,1 |
| 4 | **Ромит** | 450 | 1,4 |
| 5 | **Кофарниҳони поён** | 120 | 0,048 |
| 6 | **Вагдиҷон** | 150 | 0,6 |
| **Ҳамагӣ** | | **1 570** | **4,54** |

**Манбаъ: Петров Г.Н., Ахмедов Х.М. Комплексное использование водно-энергетических ресурсов трансграничных рек Центральной Азии / Современное состаяние, проблемы и пути решения. – Дунанбе, 2011. – С. 30.**

Дар дарёи Варзоб бунёди 3 – НБО ба нақша гирифта шудааст, ки бояд дар солҳои наздик ба истифода дода шаванд.

**Ҷадвали 3.1.2.**

**Лоиҳаи неругоҳҳое, ки дар дарёи Варзоб бунёд карда мешавад**

| № | Дарёи Варзоб | Тавонаи МВт | Истеҳсоли солона млн кВт/соат |
|---|---|---|---|
| 1 | **Ғузғарф** | 220 | 0,55 |
| 2 | **Пуғуз** | 400 | 1,9 |
| 3 | **Сиома** | 250 | 0,6 |
| **Ҳамагӣ** | | **870** | **3,05** |

**Манбаъ: Петров Г.Н., Ахмедов Х.М. Комплексное использование водно-энергетических ресурсов трансграничных рек Центральной Азии / Соврименное состаяние, проблемы и пути решения. – Дунанбе, 2011. – С. 30.**

[149] Ниг.: Петров Г.Н. Эканомика гидроэнергетики. – Душанбе, 2009. – С. 57.
[150] Ниг.: Ғаффоров Ш., Хоҷаев Ғ., Эшбоев А. Захираҳои табиӣ ва вазъи истифодабарии онҳо. – Душанбе: Ҳумо, 2004. – С. 144.
[151] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – С. 180.

Дар оянда пас аз сохтани ин нерӯгоҳҳои обии баркӣ аҳолии водӣ ба пуррагӣ бо қувваи барқ ва ҷойҳои корӣ таъмин мегарданд.

Иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ ва мавҷудияти захираи ангишт дар ноҳия имкон медиҳад, ки сохтмон ва ба кор даровардани нерӯгоҳҳои нави обӣ ва алавии иқтидорашон гуногун роҳандозӣ гардад. Сохтмони НБО имкон медиҳад, ки аҳолӣ бо қувваи барқ таъмин гардида, корхонаҳои нави барқталаб дар ноҳия бунёд карда шаванд.

**Харитаи 3.1.1.**

**Дурнамои гидроэнергетика**




**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси атласи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Кумитаи давлатии идораи замин ва гиодезияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Корхонаи воҳиди давлатии «Фабрикаи харитасоз». – Душанбе, 2021. – С. 20).**

Сохтмони НБО ғайр аз истеҳсоли қувваи барқ, инчунин дар оббёрӣ кардани заминҳо, ташкил намудани хоҷагии моҳипарварӣ, мавзеъҳои истироҳатӣ ва сайёҳӣ, нигоҳдории сел ва дигар мақсадҳо мусоидат менамоянд.

Ноҳия дорои захираи бузурги ангишт буда, барои бунёд намудани НБА имкониятҳои мусоид дорад.

Барои ба кор даровардани НБА дар асоси ангишт бо иқтидори 500 ҳаз кВт/с, дар ҳаҷми 0,8 – 1,0 млн тонна ангишсанг, дар як сол лозим мешавад.

Чунин неругоҳ то 2,8 млрд кВт/соат қувваи баркро дар як сол истеҳсол карда метавонад. Агар як адад чунин неругоҳ дар шаҳри Ваҳдат ва ноҳияи Варзоб сохта шавад, он гоҳ ноҳия метавонад проблемаи норасогии кувваи баркро дар давраи зимистон пурра бартараф карда, аҳолиро бо гармӣ таъмин намояд.

Сохтмони чунин НБА имкон медиҳад, ки водиҳои аз ангишт бойи мамлакат бо қувваи барқи худӣ таъмин гардад. Истеҳсоли қувваи барқ дар ҳаҷми калон, дар рушди соҳаҳои саноати энергияталаб як таконе медиҳад.

Бо оғози татбиқи «Лоиҳаи минтақавии интиқоли нерӯи барқи CASA – 1000 соли 2016 дар шаҳри Турсунзода асос гузошта шуд.

CASA – 1000 аввалин тарҳи муштараки байниминтақавии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ буда, пайвасти шабакаҳои барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистонро дар бар мегирад.

Дар назар аст, ки фурӯшандагони нерӯи барқ – Тоҷикистон ва Қирғизистон дар моҳҳои май – сентябр то 5 миллиард киловат соат, аз ҷумла 3 миллиард киловат соат Тоҷикистон ба харидорон – Афғонистон ва Покистон таҳвил кунанд[152].

Маблағи умумии лоиҳаи CASA – 1000 1 миллиард доллар арзёбӣ мегардад. Барои иҷрои ин тарҳ Тоҷикистон ба миқдори 320 миллион доллари амрикоӣ сармоя ҷалб мекунад. Сармояҳои Қирғизистон 209 миллион, Афғонистон 354 миллион ва Покистон 209 миллион долларро ташкил медиҳанд[153].

Тибқи ҳамаи даҳ қарордодҳои сохтмонӣ, корҳо дар майдонҳои сохтмонӣ дар чаҳор кишвари CASA – 1000 – Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон идома доранд. Пешравии устувор дар лоиҳаи инфрасохтори 1,2 миллиард

---

[152]. Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17 январи 2023).
[153]. Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17 январи 2023).

доллар, ки ба нақша гирифта шудааст, дар соли 2024 ба фаъолияти тиҷоратӣ шуруъ мекунад[154].

Дар дурнамо ғайр аз саноати электроэнергетика, дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор, инчунин рушд додани саноати сӯзишворӣ низ, имконпазир аст.

Дар сохтори захираҳои сӯзишворӣ – энергетикии ноҳияи иқтисодии Ҳисор мавқеи захираи ангишт, нефт ва гази табиӣ зиёд аст. Захираи умумии геологии ангишт 46 млн тонна буда, 21 млн тоннаи он захираи боваринок (балансӣ) мебошанд[155]. Қариб 70% захираи эҳтимолии ангишт дар кони Зиддӣ ҷойгир аст. Конҳои ангишти Зиддӣ ва Сайёд захираи саноатии тасдиқшудаи боваринок доранд. Ҳуҷҷатҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашуда, нишон медиҳанд, ки истихроҷи ангиштро дар ин ҷо то ба 200 ҳазор тонна расонидан мумкин аст[156]. Ангиштро ҳамчунин барои истеҳсоли маҳсулоти химия (бензол, сулфати аммоний, нафталин ва ғайра) истифода бурдан мумкин аст.

Кони ангишти Зиддӣ (воқеъ дар ноҳияи Варзоб) каллорияи баланди гармӣ дорад. Ангишти ин кон, дар баробари сӯзишворӣ буданаш, ашёи хоми истеҳсоли электрод, карбиди калсий ва ғайраҳо буда метавонад.

Дар қаламрави ноҳияи иқтисодии Ҳисор конҳои на он қадар калони нефту газдори Комсомол, Шоҳамбарӣ, Андигон, Сариқамиш кашфу таҳқиқ карда шудаанд. Захираи баъзеи ин конҳо то ба 50 – 100 млрд м$^3$ гази табиӣ мерасад.

Дар базаи ин конҳо, дар оянда сохтмони 3 заводи истихроҷи нефт, дар ноҳияи Шаҳринав ва шаҳри Душанбе ба мақсад мувофиқ аст, ки яке аз онҳоро дар деҳаи Тоҷикистони ноҳияи Шаҳринав, дар майдони 10 га бунёд меёбад. Дар сохтмони корхона 120 нафар ва баъди ба кор даромадан то 500 нафар дар ин ҷо соҳиби кор хоҳанд шуд.

---

[154] Ниг.: Энергетика Центральной Азии [Электроннный ресурс]. – Режим доступа: https://www.usaid.gov/ru/central-asia-regional/fact-sheets/secretariat-casa-1000-power-transmission (дата обращение: 17.01.2023).
[155] Ниг.: Султонов С. Ресурсно-экономический потенциаль регионов РТ. – Душанбе, 1994. – С. 127.
[156] Ниг.: Султонов С. Ресурсно-экономический потенциаль регионов РТ. – Душанбе, 1994. – С. 127.

Корхона дар давраи аввал бо иқтидори коркарди 100 ҳазор тонна нафт дар як сол ба нақша гирифта шудааст. Минбаъд иқтидори он, бояд то 200 ҳазор тонна бардошта шавад[157].

Нишондиҳандаҳои баланди сифатнокии ангиштсангҳои ноҳия (имконияти додани кокси металургӣ, нимкокси камсулфур) аз он шаҳодат медиҳанд, ки онҳо ҳам барои истеҳсоли кокси одӣ ва ҳам барои коркард бо роҳу усулҳои нав, ба монанди истеҳсоли бефосилаи кокс ҷихати истеҳсоли сӯзишворӣ барои соҳаи металургӣ ва ғайриметаллургӣ, истифодаи энерготехнологӣ ва гази кимёвӣ ба кор меояд.

Дар ноҳия шароитҳои мусоид барои сохтмони заводи коксохимиявӣ мавҷуд аст. Албатта, ҳангоми рушди минбаъдаи саноати химиявӣ дар баробари гази табиӣ боз чунин маҳсулотҳо лозим мешаванд: карбогидридҳои хушбӯй, кислороди даврӣ ва пайвастагиҳои азотӣ, ки ба миқдори муайян дар асоси коркарди химиявии ангиштҳои мамлакат ба даст овардан мумкин аст.

Оянда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ташкил намудани комплекси бузурги саноатӣ имконпазир аст, ки дар он нақши асосиро соҳаи газ, истихроҷи ангишт, соҳаи коксохимиявӣ ва соҳаи химиявии саноати вазнин, инчунин саноати металлургияи ранга мебозанд.

Аз конҳои ангишти ноҳия баъди коркард сӯзишвории дизелӣ ва бензин истеҳсол намудан мумкин аст. Дигар самти истифодаи ангишти Зиддӣ ва Сайёд, ин ба газ мубаддал намудани онҳо ва сохтмони минбаъдаи заводи коксу химиявӣ бо иқтидори миёна шуда метавонад.

Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ғайр аз саноати энергетика, инчунин барои рушд додани комплексӣ металлургияи ранга замина ва имкониятҳои зиёд мавҷуд аст. Мавҷуд будани қувваи барқи арзон, захираи меҳнатӣ ва захираҳои бойи канданиҳои фоиданоки металлургияи ранга имкон медиҳанд, ки оянда дар ноҳия якчанд комплекси металлургияи ранга тароқӣ дода шавад. Бо пешгӯиҳо дар соҳаи саноат ба он соҳаҳое, ки дар бозори дохилӣ ва беруна рақобатпазир нестанд, аҳаммияти зиёд додан лозим аст. Махсусан,

---

[157] Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17 январи 2023).

мошинасозӣ ва коркарди метал дар мадди аввал аст[158]. Аз ҷиҳати сифат ва иқтидори истеҳсоли баъзе аз намудҳои маҳсулот ва ашёи хоми саноати металургияи ранга (алюминий, полиметалҳо) ҳоло Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир нест.

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор аз захираҳои тилло ва элементҳои камёфт бой буда, истихроҷ ва коркарди онҳо ба рушди иқтидори иқтисодии ноҳия мусоидат мекунад.

Масалан, азхудкунии кони полиметалии Такоб ва конҳои тиллои ноҳияи Ваҳдат – Пакрут конҳои ояндадор ба ҳисоб меравaнд. Сиёсати саноатиро дар ҷодаи рушди соҳаи истихроҷи маъдан, бояд на танҳо бо мақсади ба даст овардани консентрат, балки барои истеҳсоли маҳсулоти тайёр, ҳатто то истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ, алоқаманд кардан лозим аст. Ин имконият медиҳад, ки аз содироти консентратҳои маъдандори нархи арзондошта даст кашида, ба содироти маҳсулоти тайёри метали қимматбаҳо гузарем Аз ҳама муҳим он аст, ки дар давраи рушди минбаъдаи инқилоби илмӣ – техникӣ талабот ба метал ва элементҳои полиметалии камёб зиёд гардида, нархи онҳо дар бозори ҷаҳонӣ бо таври ҳамешагӣ баланд мегардад. Зиёд шудани талабот ба металҳои ранга водор месозад, ки дар оянда, дар назди конҳои дар боло номбаршуда, заводи металургӣ сохта шавад.

Ҷойгир намудани заводи металгудозӣ дар асоси ашёи хоми мавҷуда, ба ғанӣ гардонидани буҷетӣ маҳаллӣ мусоидат намуда, боиси паст гардонидани сатҳи камбизотӣ, пайдо гардидани ҷойҳои кории иловагӣ мегардад. Бо ин роҳ проблемаи бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолии қобилӣ меҳнатро метавон ҳал намуд.

Дар асоси конҳои волфрам бунёд намудани комбинати маъдантозакунӣ бо иқтидори 150 ҳазор тонна имконпазир аст[159]. Дар базаи ду комбинати маъдантозакунӣ ҷойгир намудани заводи металургӣ мувофиқи мақсад аст.

Дар назди саноатчиёни мамлакат вазифа гузошта шудааст, ки дар давраи миёнамуҳлат ҷиҳати васеъ ба роҳ мондани коркард ва фурӯши маҳсулот, зиёд

[158] Ниг.: Хоналиев Нахарали. Промышленность Таджикистана: соврименное состояние и перспективы развития. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 206.
[159] Ниг.: Султонов С. Ресурсно-экономический потенциаль регионов РТ. – Душанбе, 1994. – С. 128.

кардани номгӯйи молҳои содиротӣ, аз ҷумла, ноил шудан ба истеҳсоли на кам аз 20 номгӯйи молҳои ивазкунандаи воридот ва иловатан ба роҳ мондани истеҳсоли 20 намуди молҳои содиротӣ, ҳамаи имкониятҳоро сафарбар намоянд[160].

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор барои тараққӣ додани саноати химия ва коксу химия шароити мусоид дорад. Дар ноҳия захираҳои зиёди ашёи хоми саноати химия мавҷуд аст. Ноҳияи иқтисодии Ҳисор ноҳияи индустриаливу аграрӣ буда, соҳаи аграрӣ дар иқтисодиёти ноҳия мавқеи хос дорад. Саҳми кишоварзӣ дар иқтисодиёти ноҳия назаррас буда, ҳамчун базаи ашёи хом барои саноати сабук ва хӯрокворӣ нақши муҳим дорад. Бе рушди маҳсулотҳои химиявии ватанӣ ба рушди баланди истеҳсолоти кишоварзӣ расидан ғайриимкон аст.

Ашёи хоми маъданӣ барои ҷобаҷогузорӣ ва рушди саноати химия, фосфоритҳо ва ангишт ба ҳисоб меравад. Дар ноҳия захираҳои калони ангишт ва фосфоритҳо кашф гардидаанд. Мавҷуд будани захираҳои энергетикӣ, меҳнатӣ, фосфор ва ангишт омили муҳимми рушди афзалиятноки саноати коксу химия мегарданд. Яке аз хусусиятҳои асосии суст ташакул ёфтани соҳаҳои кишоварзӣ дар ноҳия ва ҷумҳурӣ, ин дастрас набудан ва арзиши баланду сифати паст доштани нуриҳои минералии воридшаванда мебошад.

Барои таъминоти эҳтиёҷоти минтақа бо маҳсулоти химиявӣ, дар пояи конҳои ангишти Зиддӣ ва Сайёди ноҳия, сохтмони завод оид ба истеҳсоли маҳсулотҳои химиявӣ зарур ва ҳатмӣ мебошад.

Ноҳия барои ҷобаҷогузорӣ ва тараққӣ додани саноати масолеҳи сохтмонӣ имкониятҳои зиёд дорад. Захираҳои ашёи хоми бемаҳдуд (ба истиснои конструксияҳои металу арматур) дорад. Лекин рушди соҳаи мазкур дар навбати аввал аз талабот ба маҳсулоти он дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ вобаста аст. Дар солҳои наздик вазифаи асосии соҳа аз барқарорсозии

[160] Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17 январи 2023).

таъмир ва таҷдид, азнавсозии иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолӣ, беҳдошти сифати маҳсулот ва бароmадан аз буҳрони иқтисодӣ ба ҳисоб мерафт.

Барои дар амал табиқ намудани барномаи васеи сохтмонӣ, дар базаи ашёи хоми маҳаллӣ ҷойгир ва тараққӣ додани саноати масолеҳи сохтмонӣ лозим аст. Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор имкониятҳои табиӣ барои истеҳсоли оҳак, сангҳои сохтмонӣ, истеҳсоли хишт ва семент, рангҳои минералӣ ва ғайра мавҷуд аст. Сангҳои табииро барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонии ороиши, сохтмони роҳҳо истифода бурдан мумкин аст.

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор дорои захираи зиёди сангҳои ороишӣ, суфташаванда мебошад. Ба гуруҳи сангҳои суфташаванда сангҳои нодир ва шаффоф дохил мешаванд, ки дорои устувории баланд, ранги зебо ва хусусиятҳои махсуси оптикӣ мебошанд. Кони сангҳои нимқимматбаҳо ва сангҳои ороишӣ мавҷуд аст.

Дар қаламрави ноҳия зиёда аз 32 конҳои масолеҳи сохтмонӣ ёфт шудааст. Дар заминаи ин конҳо сохтмони корхонаи масолеҳи сохтмонӣ ҷойгир намудан мувофиқи мақсад аст. Ҷойгир намудани ин корхона имкон медиҳад, ки як қисми аҳолии қобили меҳнат соҳиби ҷойи кор гардида, ворид намудани сангҳои сохтмонӣ бо нархи гарон аз берун қатъ шавад. Аз худ намудани ашёи хоми маҳаллӣ, боиси баланд гардидани иқтисодиёти ноҳия мегардад.

Ноҳия аз захираҳои ашёи хом барои истеҳсоли хишт ва семент бой мебошад. Ашёи хом барои истеҳсоли семент, оҳаксанг, мергел, регсанги квартсӣ ва гилхоки кварсӣ ба ҳисоб меравад. Онҳо дар ноҳияи Варзоб васеъ паҳн гардидаанд. Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор, инчунин конҳои гилхок ҷойгир шудаанд, ки ба сохтмон ва истифодабарии заводи семент бо иқтидори миёна мусоидат менамояд.

Дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки зиёдшавии мунтазами шумораи аҳолӣ, афзоиши бекорӣ, баландравии арзиши захираҳои энергетикӣ ва истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои замину об боиси баландшавии нархи маҳсулоти озуқаворӣ гардадааст, ки ин ҳолатро ҳамчун шуруъшавии мушкилоти саноатӣ дар минтақа арзёбӣ намудан мумкин аст.

Дар оянда барои ба анҷом расонидани корҳои сохтмонӣ, аз қабили сохтмони корхонаҳои гидроэнергетикӣ, хоҷагии об ва сохтмонӣ роҳҳо, устуворсозии соҳилҳо, сохтмони манзил, корхонаҳои саноатӣ, фарҳангӣ ва маишӣ дар ҳаҷми хеле калон семент ва маҳсулоти сохтмонӣ сарф хоҳад шуд. Барои таъмин намудани талабот ва васеъ ба роҳ мондани савдои хориҷӣ сохтмони заводи семент ва корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ лозим аст.

Дар ноҳия бунёди корхонаҳои истеҳсоли гач, оҳак, хишт ва семент дар базаи ашёи хом мувофиқи мақсад аст. Дар заминаи заводҳои семент сохтмонӣ заводи шифер ва хишт низ, аҳаммияти калони иқтисодӣ дорад.

Дар саноати хӯроквории ноҳия бо вуҷуди динамикаи мусбат, таъминот бо маҳсулоти алоҳида дар сатҳи паст қарор дорад. Дар мавриди шиддат гирифтани мушкилоти норасоии озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ ва ҷаҳон, худтаъминкунии нопурра бо озуқаворӣ пайдо мегардад, ки монеаҳои эҳтимолӣ барои ворид намудани маҳсулотҳои озуқаворӣ дар ноҳия ба миён меоянд.

Мушкилоти асосие, ки дар самти энергетикаи ноҳия ба мушоҳида мерасад, ин норасогии хатҳои интиқоли барқ, танзими ноустувории шиддат, бахусус дар фасли зимистон, таъмирталаб гардидани таҷҳизотҳои истгоҳҳои барқӣ, ки ба азнавсозӣ ниёз доштани онҳо пайдо гардидааст.

Баромадан аз бумбасти камуникатсионӣ – энергетикӣ, ки имкон медиҳад, то рушди босубот ва самараноки ҳамаи зернизомҳои КСЭ – и ноҳия таъмин карда шавад.

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор дорои захираҳои бойи сарватҳои табиӣ буда, баъзе аз онҳо хеле нодиранд. Ин пеш аз ҳама захираҳои имконпазири обию гидроэнергетикӣ, сӯзишворӣ, ашёи хоми коксу химия, металҳои ранга ва нодир, металҳо ва сангҳои қимматбаҳо мебошанд. Омӯзиши иқтидори табиӣ ва захираҳои меҳнатии минтақа нишон медиҳанд, ки дар оянда рушд додани комплекси сӯзишворию энергетикӣ, металургияи ранга, саноати коксу химия, саноати сабук, хӯрокворӣ, саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ мувофиқи мақсад аст.

Иқтидори умумии захираҳои гидроэнергетикӣ дар ноҳия 3 362 ҳазор кВт/с арзёбӣ гардидааст. Захираи эҳтимолии гидроэнергетикии баҳисобгирифташудаи дарёҳои калону миёна ва хурди ноҳия 10,4% захираҳои гидроэнергетикии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Зиёда аз 90% захираҳои эҳтимолӣ ва 95% захираҳои аз нигоҳи техникӣ имконпазир ба ҳавзаҳои дарёҳои Варзоб ва Кофарниҳон рост меоянд. Гуфтан зарур аст, ки сохтани фақат як гиреҳи гидроэнергетикии бо иқтидари 1300 ҳазор кВт дар дарёи Кофарниҳон имконият медиҳад, ки беш аз даҳҳо ҳазор га замин обёрӣ карда шавад (Расми 3.1.1.).

Захираҳои энергияи обии дарёҳои хурд аз рӯйи иқтидор 10% захираҳои эҳтимолии ноҳияро ташкил дода, вобаста ба шароитҳои мавҷудаи дарёҳои Варзоб ва Кофарниҳон дар онҳо сохтмони 50 адад НБО – и хурду миёна имконпазир аст.

Иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ ва мавҷудияти захираи ангишт дар ноҳия имкон медиҳад, ки сохтмон ва ба кор даровардани нерӯгоҳҳои нави обӣ ва алавии иқтидорашон гуногун роҳандозӣ гардад. Сохтмони НБО имкон медиҳад, ки аҳолӣ бо қувваи барқ таъмин гардида, корхонаҳои нави барқталаб дар ноҳия бунёд карда шаванд. Сохтмони НБО ғайр аз истеҳсоли қувваи барқ, инчунин дар оббёрӣ кардани заминҳо, ташкил намудани хоҷагии моҳипарварӣ, мавзеъҳои истироҳатӣ ва сайёҳӣ, нигоҳдории сел ва дигар мақсадҳо мусоидат менамоянд.

Ноҳия дорои захираи бузурги ангишт буда, барои бунёд намудани НБА имкониятҳои мусоид дорад. Барои ба кор даровардани НБА дар асоси ангишт бо иқтидори 500 ҳаз кВт/с, дар ҳаҷми 0,8 – 1,0 млн тонна ангишсанг, дар як сол лозим мешавад. Чунин неругоҳ то 2,8 млрд кВт/соат қувваи барқро дар як сол истеҳсол карда метавонад. Агар як адад чунин неругоҳ дар шаҳри Ваҳдат ва ноҳияи Варзоб сохта шавад, он гоҳ ноҳия метавонад проблемаи норасогии кувваи барқро дар давраи зимистон пурра бартараф карда, аҳолиро бо гармӣ таъмин намояд. Сохтмони чунин НБА имкон медиҳад, ки водиҳои аз ангишт бойи мамлакат бо қувваи барқи худӣ таъмин гардад.

Дар дурнамо ғайр аз саноати электроэнергетика, дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор, инчунин рушд додани саноати сӯзишворӣ низ, имконпазир аст.

Дар сохтори захираҳои сӯзишворӣ – энергетикии ноҳияи иқтисодии Ҳисор мавқеи захираи ангишт, нефт ва гази табиӣ зиёд аст. Захираи умумии геологии ангишт 46 млн тонна буда, 21 млн тоннаи он захираи боваринок (балансӣ) мебошанд. Қариб 70% захираи эҳтимолии ангишт дар кони Зиддӣ ҷойгир аст. Ангиштро ҳамчунин барои истеҳсоли маҳсулоти химия (бензол, сулфати аммоний, нафталин ва ғайра) истифода бурдан мумкин аст. Кони ангишти Зиддӣ каллорияи баланди гармӣ дорад. Ангишти ин кон, дар баробари сӯзишворӣ буданаш, ашёи хоми истеҳсоли электрод, карбиди калсий ва ғайраҳо буда метавонад.

Нишондиҳандаҳои баланди сифатнокии ангиштсангҳои ноҳия (имконияти додани кокси металургӣ, нимкокси камсулфур) аз он шаҳодат медиҳанд, ки онҳо ҳам барои истеҳсоли кокси одӣ ва ҳам барои коркард бо роҳу усулҳои нав, ба монанди истеҳсоли бефосилаи кокс ҷихати истеҳсоли сӯзишворӣ барои соҳаи металургӣ ва ғайриметалургӣ, истифодаи энерготехнологӣ ва гази кимёвӣ ба кор меоянд.

Дар ноҳия шароитҳои мусоид барои сохтмони заводи коксохимиявӣ мавҷуд аст. Албатта, ҳангоми рушди минбаъдаи саноати химиявӣ дар баробари гази табиӣ, боз чунин маҳсулотҳо лозим мешаванд: карбогидридҳои хушбӯй, кислороди даврӣ ва пайвастагиҳои азотӣ, ки ба миқдори муайян дар асоси коркарди химиявии ангиштҳои мамлакат ба даст овардан мумкин аст.

Оянда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ташкил намудани комплекси бузурги саноатӣ имконпазир аст, ки дар он нақши асосиро соҳаи газ, истихроҷи ангишт, соҳаи коксохимиявӣ ва соҳаи химиявии саноати вазнин, инчунин саноати металургияи ранга мебозанд.

Аз конҳои ангишти ноҳия баъди коркард сӯзишвории дизелӣ ва бензин истеҳсол намудан мумкин аст. Дигар самти истифодаи ангишти Зиддӣ ва Сайёд, ин ба газ мубаддал намудани онҳо ва сохтмони минбаъдаи заводи коксу химиявӣ бо иқтидори миёна шуда метавонад.

Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ғайр аз саноати энергетика, инчунин барои рушд додани комплексӣ металургияи ранга замина ва имкониятҳои зиёд мавҷуд аст. Мавҷуд будани қувваи барқи арзон, захираи меҳнатӣ ва захираҳои бойи канданиҳои фоиданоки металургияи ранга имкон медиҳанд, ки оянда дар ноҳия якчанд комплекси металургияи ранга тараққӣ дода шавад.

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор аз захираҳои тилло ва элементҳои камёфт бой буда, истихроҷ ва коркарди онҳо ба рушди иқтидори иқтисодии ноҳия мусоидат мекунад. Масалан, азхудкунии кони полиметалии Такоб ва конҳои тиллои ноҳияи Ваҳдат – Пакрут конҳои ояндадор ба ҳисоб меравaнд. Сиёсати саноатиро дар ҷодаи рушди соҳаи истихроҷи маъдан, бояд на танҳо бо мақсади ба даст овардани консентрат, балки барои истеҳсоли маҳсулоти тайёр, ҳатто то истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ, алоқаманд кардан лозим аст. Ин имконият медиҳад, ки аз содироти консентратҳои маъдандори нархи арзондошта даст кашида, ба содироти маҳсулоти тайёри метали қимматбаҳо гузарем Аз ҳама муҳим он аст, ки дар давраи рушди минбаъдаи инқилоби илмӣ – техникӣ талабот ба метал ва элементҳои полиметалии камёб зиёд гардида, нархи онҳо дар бозори ҷаҳонӣ бо таври ҳамешагӣ баланд мегардад. Зиёд шудани талабот ба металҳои ранга водор месозад, ки дар оянда, дар назди конҳои дар боло номбаршуда, заводи металургӣ сохта шавад.

Ҷойгир намудани заводи металгудозӣ дар асоси ашёи хоми мавҷуда, ба ғанӣ гардонидани буҷетӣ маҳаллӣ мусоидат намуда, боиси паст гардонидани сатҳи камбизотӣ, пайдо гардидани ҷойҳои кории иловагӣ мегардад. Бо ин роҳ проблемаи бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолии қобилӣ меҳнатро метавон ҳал намуд.

Дар асоси конҳои волфрам бунёд намудани комбинати маъдантозакунӣ бо иқтидори 150 ҳазор тонна имконпазир аст[161]. Дар базаи ду комбинати маъдантозакунӣ ҷойгир намудани заводи металургӣ мувофиқи мақсад аст.

Саҳми кишоварзӣ дар иқтисодиёти ноҳия назаррас буда, ҳамчун базаи ашёи хом барои саноати сабук ва хӯрокворӣ нақши муҳим дорад. Бе рушди маҳсулотҳои химиявии ватанӣ ба рушди баланди истеҳсолоти кишоварзӣ

---

[161] Ниг.: Султонов С. Ресурсно-экономический потенциаль регионов РТ. – Душанбе, 1994. – С. 128.

расидан ғайриимкон аст. Яке аз хусусиятҳои асосии суст ташакул ёфтани соҳаҳои кишоварзӣ дар ноҳия ва ҷумҳурӣ, ин дастрас набудан ва арзиши баланду сифати паст доштани нуриҳои минералии воридшаванда мебошад. Барои таъминоти эҳтиёҷоти минтақа бо маҳсулоти химиявӣ, дар пояи конҳои ангишти Зиддӣ ва Сайёди ноҳия, сохтмони завод оид ба истеҳсоли маҳсулотҳои химиявӣ зарур ва ҳатмӣ мебошад.

Барои дар амал табиқ намудани барномаи васеи сохтмонӣ, дар базаи ашёи хоми маҳаллӣ ҷойгир ва тараққӣ додани саноати масолеҳи сохтмонӣ лозим аст. Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор имкониятҳои табиӣ барои истеҳсоли оҳак, сангҳои сохтмонӣ, истеҳсоли хишт ва семент, рангҳои минералӣ ва ғайра мавҷуд аст. Сангҳои табииро барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонии ороишӣ, сохтмони роҳҳо истифода бурдан мумкин аст.

Дар қаламрави ноҳия зиёда аз 32 конҳои масолеҳи сохтмонӣ ёфт шудааст. Дар заминаи ин конҳо сохтмони корхонаи масолеҳи сохтмонӣ ҷойгир намудан мувофиқи мақсад аст. Ҷойгир намудани ин корхона имкон медиҳад, ки як қисми аҳолии қобили меҳнат соҳиби ҷойи кор гардида, ворид намудани сангҳои сохтмонӣ бо нархи гарон аз берун қатъ шавад. Аз худ намудани ашёи хоми маҳаллӣ, боиси баланд гардидани иқтисодиёти ноҳия мегардад.

Ноҳия аз захираҳои ашёи хом барои истеҳсоли хишт ва семент бой мебошад. Ашёи хом барои истеҳсоли семент, оҳаксанг, мергел, регсанги квартсӣ ва гилхоки кварсӣ ба ҳисоб меравад. Онҳо дар ноҳияи Варзоб васеъ паҳн гардидаанд. Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор, инчунин конҳои гилхок ҷойгир шудаанд, ки ба сохтмон ва истифодабарии заводи семент бо иқтидори миёна мусоидат менамоянд.

### 3.2. Дурнамои рушди зерсоҳаҳои кишоварзӣ дар ноҳия

Сиёсати аграрӣ фаъолияти давлат аст, ки ба фароҳам овардани шароитҳои хоҷагию молиявӣ ва сиёсӣ дар бахши аграрӣ нигаронида шудааст.

Роҳи асосии сиёсати аграрии ноҳияи иқтисодии Ҳисор, ин мунтазам вусъат намудани истеҳсолот – иқтидори кишоварзӣ дар асоси маданияти баланди зироаткорӣ ва чорводорӣ, бо мақсади ба даст овардани ҳосили баланд, ба роҳ монда шудааст.

Барои бомуваффақият ҳал кардани барномаи озуқаворании ноҳия, пурра ва самаранок истифода бурдани замин нақши ҳалкунандаро мебозад. Ноҳия заминҳои киштшавандаи кам дорад, бинобар ин наметавон истифодаи заминҳои обиро барои ҷамъоварии ҳосили пасти зироат, истифода барем

Дар ноҳия сиёсати аграрӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истифодабарии заминҳои кишт, оқилона ҷойгир намудани истеҳсолоти кишоварзӣ, таъминоти аҳолӣ бо озуқа, бо ашёи хом таъмин намудани саноат ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дар назар гирифта шудааст.

Баланд бардоштани маҳсулнокии зироаткорӣ, ба даст овардани ҳосили баланд ба вуҷуд овардани манбаи ашёи хоми хӯроки чорво, гузаштан ба системаи нави хоҷагидорӣ – хоҷагиҳои фермерӣ (деҳқонӣ) мебошад. Дар ҳамаи хоҷагиҳои ноҳия, ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ бояд дуруст ба роҳ монда шавад. Аҳолии ноҳияро мунтазам бо маҳсулотҳои лозимӣ таъмин намуда, ҳарчӣ зудтар ҷорӣ намудани комёбиҳои пешрафтаи илмию техникӣ, ҳамаҷониба инкишоф додани химиконӣ ва мелиоратсияи заминҳо, механиконӣ ва электрикунонии комплексӣ, истифода намудани навъҳои баланди фаъоли зироатҳои кишоварзӣ ва технологияи пешрафтаи илмии парвариш пешбинӣ карда шудааст.

Технологияи нав ва истифодаи васеи комёбиҳои навтарини илм ва таҷрибаи пешқадам, самаранок истифода кардани фонди замин, воситаҳои кимиёвӣ, техникӣ ва нуриҳо асос меёбанд. Технологияи фаъоли парвариши навъҳои баланди маҳсулот, киштгардон кардани заминҳо, таъмин намудани ғизогирии маъдании растаниҳо барои ба даст овардани ҳосили пешбиникардашуда, истифода бурдани ҳамаи усулҳои комплексии (маҷмӯии) агротехникӣ, ки ба муҳофизати хок аз эрозия, нигоҳ доштани намнокӣ ва баланд бардоштани структураи хок нигаронида шудааст.

Заминҳои киштшавандаи ноҳия аз сабаби бе моддаҳои ғизоӣ ва нуриҳои маданӣ зиёд истифода бурданашон, аз онҳо ҳосили хуб гирифтан номумкин аст. Пас омили асосии баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои хоҷагии қишлоқ, ин растаниҳоро бо модаҳои ғизоии маданӣ ва об таъмин кардан мебошад.

Аз рӯйи ҳисоби мутахассисон ва таҳқиқотҳои гузаронида, дар қисми водии ноҳияи иқтисодии Ҳисор давоми сол 2 кишт гузаронида, ҳосили баланд гирифтан имконият дорад. Масалан, дар ҳолати кишти пахта баҳорон аз дермонии намнокӣ дар се рез аз ҳар га 1,5 – 2 с/га, аз кишти зироатҳои баҳорӣ 5 рез – 3,3 с/га ва саривақт нагузаронидани шудгор 2 – 3 с/га мо кам ҳосил ба даст меорем.

Чӣ тавре, ки дар боби 2 ваъзи кунунии хоҷагии қишлоқи ноҳияро таҳлил намудем маълум гардид, ки дар ноҳия деҳқонон заминҳои кишти пахтаро кам намудаанд, сабаби кам будани самаранокии кишти пахта дар заминҳои ноҳия мебошад.

Дар заминҳои лалмӣ, хусусан адир ва нишебиҳои куҳҳо, кишти растаниҳои ғалладонагӣ имконият медиҳад, ки аҳолии ноҳияро ба қадри имкон бо озуқаворӣ таъмин намояд. Лекин айни замон дар заминҳои лалмӣ ва нишебиҳои куҳҳо растаниҳои ғаладонагӣ кам кишт карда мешавад.

Зимни боронҳо дар куҳҳо ва адирҳо оби борон бо суръат ба пастхамиҳо ҷорӣ мешавад. Дар натиҷа эрозияи хок ба амал меояд, ки қабати ҳосилнокии хокро шуста мебарад. Дар чунин минтақаҳо шинонидани дарахтони мевадиҳандаи бисёрсола, хусусан бунёди боғҳои писта имкон медиҳад, ки эрозияи хок пешгирӣ кард шавад.

Солҳои охир чӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва чӣ дар ноҳия камшавии фонди замини кишт дида мешавад. Дар оянда барои баланд бардоштани самаронокии истеҳсолот, яке аз роҳҳои асосии дуруст истифода бурдани замини корам, пешрафтӣ кишоварзӣ ва тарракиёти он фаъол буда, истеҳсол ва самаронокии баланди маҳсулотро медиҳад.

Рушди соҳаи кишоварзӣ барои таъмини босуботи аҳолии ноҳия бо маҳсулоти кишоварзӣ, афзоиши мунтазами маҳсулот ва устувории истеҳсоли

маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани сатҳи даромаднокӣ ва бо кор таъмин намудани аҳолӣ мусоидат менамояд. Мутобиқи маълумоти оморӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ғалладонагиҳо, картошка, сабзавот, полезиҳо, меваҷот, афзоиши саршумори чорво ва парранда дар ноҳия боло рафта истодааст. Дар баробари ин, аҳолии ноҳия низ, дар афзоиш мебошад, ки аҳолии ноҳияро бо хурока ба пуррагӣ таъмин карда наметавонем

Дар давраи истиқлолият ҷиҳати рушди соҳаи кишоварзӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани ислоҳоти замин, таҷдиди хоҷагиҳо ва қабули барномаҳои давлатӣ оид ба рушди соҳаҳои растанипарварӣ, чорводорӣ, тухмипарварӣ ва таъминот бо техникаи кишоварзӣ ба рушди соҳа такони ҷиддӣ бахшид.

Баланд бардоштани некуаҳволии халқ талаб мекунад, ки ҳаҷми гӯшт, орд, равған, шир, тухм ва инчунин ашёи хоми чорводорӣ дар ноҳия дучанд гардад.

**Ҷадвали 3.2.1.**

**Истеҳсоли маҳсулоти чорвопарварӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо (бо тонна)**

| Ноҳия ва шаҳрҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 |
| ш. Ваҳдат | 9 517 | 1 949 | 1 006 | 4 986 | 6 225 | 10 663 | 12 646 |
| ш. Турсунзода | 4 126 | 3 004 | 2 272 | 3 502 | 4 664 | 4 945 | 6 428 |
| н. Варзоб | 1 744 | 1 282 | 390 | 867 | 725 | 906 | 1 192 |
| ш. Ҳисор | 9 276 | 1 697 | 4 587 | 4 473 | 4 664 | 4 945 | 6 428 |
| н. Рӯдакӣ | 6 611 | 4 127 | 588 | 2 558 | 4 893 | 6 804 | 7 908 |
| н. Файзобод | 3 157 | 1 679 | 616 | 806 | 840 | 1 316 | 1 675 |
| н. Шаҳринав | – | 444 | – | 1 030 | 1 243 | 1 569 | 2 859 |
| **Ҳамагӣ** | **34 431** | **14 182** | **9 459** | **18 222** | **23 254** | **31 148** | **39 136** |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 250.**

Афзоишёбии маҳсулоти чорво, бояд аз ҳисоби боз ҳам зиёд кардани саршумори чорво ва баланд бардоштани маҳсулотнокии он ба даст ояд. Барои баланд бардоштани маҳсулнокии чорво моро лозим аст, ки нигоҳубини чорворо беҳтар ба роҳ монем Афзоишёбии маҳсулоти чорворо аз

солҳои 1991 то соли 2020 муқоиса намудем, ки дар он тағйироти зиёд дида мешавад ва ин тағйиротҳо дар ҷадвали 3.2.1. оварда шудааст.

Яке аз роҳҳои асосии зиёд кардани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, афзун гардонидани маҳсулнокии зироаткорӣ ва сифати маҳсулот дар баробари ҷорӣ кардани навъҳои нав ва серҳосилу хушсифати зироатҳо мебошад. Ривоҷ додани тухмипарварӣ аз рӯйи навъи зироатҳо, барои баланд бардоштани самараи заминҳои корам ва умуман истеҳсолоти кишоварзӣ аҳаммияти калон дорад.

**Ҷадвали 3.2.2.**

**Хоҷагиҳои соҳибкории парвариши тухмӣ ва чорвопарварӣ**

| № | Номи шахси ҳуқуқӣ ё ном, насаб ва номи падари соҳибкори инфиродӣ | Номгӯйи молу маҳсулоти истеҳсолшаванда | Суроғаи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии «Аспparвар-Ф» | Парвариши асп | н. Рӯдакӣ, ҷ. Султонободи д. Бурма |
| 2 | Хоҷагии ниҳолпарварии шаҳри Ваҳдат | Парвариши зироат, сабзавот, боғпарварӣ | н. Ваҳдат, ҷ. Абдулвасиеви д. Навниҳол |
| 3 | Корхонаи воҳиди давлатии «Балҷувон» | Парвариши зироат дар якҷояги бо чорвопарварӣ (омехтаи кишоварзӣ) | ш. Ваҳдат, ҷ/ш н. Розик, к. Навруз |
| 4 | Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Тарз» | Парвариши дигар намуди чорво | ш. Ваҳдат |
| 5 | Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Баҳори пурфайз» | Парвариши дигар намуди чорво | ш. Ваҳдат |
| 6 | Ҷамъияти саҳомии фаръии «Заводи зотпарварии тухми кирмаки шаҳри Ваҳдат»–и «Ҷамъияти саҳомии кушодаи пиллаи тоҷик» | Кирмакпарварӣ | н. Ваҳдат, кӯч. Рӯдакуӣ 53а |
| 7 | Ҷамъияти саҳомии фаръии «пиллаи Ҳисор»–и ҶСК «Пиллаи тоҷик» | Кирмакпарварӣ | ш. Ҳисор, кӯч. Омӯзгор 70 |
| 8 | Ҷамъияти саҳомии фаръии «Заводи тухми кирмаки шаҳри Душанбе»–и ҶСК «Пиллаи тоҷик» | Кирмакпарварӣ | н. Рӯдакӣ, ҷ. Сарикиштӣ, д. Табачний |
| 9 | Корхонаи воҳиди давлатии эфиронос | Парвариши зироат, сабзавот, боғпарварӣ | ш. Турсунзода, ҷ. Пахтаобод |
| 10 | Корхонаи ниҳолпарварии «Искич» | Боғпарварии махсусгардонидашуда ва истеҳсоли маҳсулоти парваришхонаҳо | ш. Ҳисор, ҷ. Хонақои кухӣ, д. Искич |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти https://energonadzor.tj**

Дар ноҳия парвариши тухмиҳои баландсифат, селексиякунонӣ, хушзоткунии чорво ва парранда қариб дар 20 хоҷагиҳои соҳибкорӣ гузаронида мешавад, ки дар ҷадвали 3.2.2. оварда шудааст.

Солҳои охир дар соҳаи зироатпарварии кишоварзӣ тухмиҳои навъи нави санҷидашудаи калондона, серҳосил, ба касалиҳо ва офатҳои табиӣ тобоварро истифода мебаранд. Алҳол дар бисёр заминҳои хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия зироатҳои ғалладона, ҷуворимакка, зағер ва картошка бо тухмиҳои навъи босифат кишт карда мешаванд. Лекин моро зарур аст, ки навъи тухмиҳои босифату серҳосилро дар ҳамаи заминҳои корами ноҳия кишт намоем.

Дар бобати беҳтар кардани сифати тухмиҳои навъҳои ғалладона, ҷуворимакка, картошка ва дигар зироатҳо аз ҷониби институти кишоварзӣ ва вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон кори бисёре карда шудаистодааст.

Барои самаранок истифода бурдани замин ва ба таври фаъол пеш бурдани соҳаҳои зироаткории кишоварзӣ ва пурра ҷорӣ кардани киштгардонии аз ҷиҳати илмӣ асоснок, аҳаммияти хело калони иқтисодӣ дорад.

Дар пахтакорӣ ҷорӣ намуданӣ киштгардонӣ аҳаммияти хеле калон дорад. Ба таври фаъол пеш бурдани соҳаи пахтакорӣ ва дар он пурра ҷорӣ кардани киштгардонӣ – пахтаю юнучқа имконият медиҳад, ки хосилнокии заминҳо хеле баланд шаванд. Дар натиҷаи ҷорӣ намудани киштгардонии пахтаю юнучқа ва дигар зиротҳои хӯроки чорво, замин ба миқдори зиёд нуриҳои органикӣ ва азотӣ захира мекунад. Ба ғайр аз ин, киштгардонӣ заминро аз эрозия ва боду борон ҳимоя мекунад. Мутаассифона, солҳои охир соҳаи пахтакорӣ ба вазъияти мушкил гирифтор гардида, дар пешрафти дигар соҳаҳо низ, монеъа эҷод мекунад. Имрӯз аз сабаби коҳишёбии ҳосилнокӣ ва даромаднокии пахта, нишондиҳандаҳои соҳа ниҳоят паст мебошанд.

Бисёр ҳолат деҳқонони ноҳия дар вақти киштгардонии замин юнучқаро беҳтар медонанд ва онро зиёдтар кишт менамоянд. Масалан, дар ҳолати кишти пахта, аз рӯзи омода намудани замин то кишти пахта ва даври чинаки он, дар 1 га замин 13 900 сомонӣ сарф мегардад. Агар аз 1 га замин аз 30 то

30,5 с/га ҳосил бардошта шавад ва нархи он дар бозори ҷумҳурӣ бо 10 сомони (соли 2022) баробар аст. Ҳосили пахта агар то 3,5 с/га ҳосил диҳад, онро бо нархи 10 – сомонӣ ба фуруш бароварда, мо 35 000 сомонӣ ба даст меорем, ки 13 900 самонии он масраф буда, 21 100 сомонӣ даромади хоҷагӣ ба шумор меравад.

Агар дар 1 га замин юнучқа кишт намоем, ҳамаги 6 000 сомонӣ сарф мегардад ва дар давоми сол мо чор маротиба дарав менамоем ва дар ҳар як дарав то 300 прес ғун медорем, ки ҳар як прес бо нархи 25 сомонӣ ба фуруш баровада мешавад ва даромади солонаи мо 30 000 сомонӣ мегардад, ки сарфи мо ҳамагӣ 6 000 сомонию даромади софи мо 24 000 сомонӣ аст. Дар ҳолати муқоисаи даромади пахта ва юнучқа маълум гардид, ки юнучқа нисбати пахта даромадаш зиёдтар аст ва қувваи корӣ кам сарф мегардад.

Солҳои охир деҳқонони ноҳия маҳсулотҳоеро кишт менамоянд, ки даромади нисбатан зиёдтар дошта бошанд.

Динамикаи ноустувори ҷамъоварии ҳосили баланди маҳсулот, хусусан меваҷот ва ангур, зироатҳои полезӣ аз сармои барвақтии баҳорӣ вобастагии калон дорад, ки тули чанд соли охир дар кишвар ин масъала ташвишовар гардидааст. Дар ноҳия аз сабаби зиёд кардани боғҳои мева ва ангур ҳосил дучанд гардидааст.

Лекин тайи солҳои охир афзоиши ҳосилнокии аксарияти зироатҳои кишоварзӣ коҳиш ёфтаистодааст.

Дар боби 2 – юм оид ба вазъи кунунии соҳаҳои кишоварзӣ таҳқиқот гузаронида шудааст, дар натиҷа маълум гардид, ки дар ноҳия бунёди боғҳои интенсивӣ ва токпарварӣ хуб рушд ёфтаистодааст ва дурнамои тараққиёти ҳудудии онҳо сол то сол афзудаистодааст. Дар асоси соҳаи токпарварии ноҳия, дар шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор ва Шаҳринав корхонаҳои нав оид ба коркарди саноатии ангур ва истеҳсоли коняк, вино бунёд шудаистодааст, ки ҷавобгӯи омилҳои географӣ мебошад. Дар натиҷа корхонаҳои хурди саноатӣ дар асоси хоҷагиҳои деҳконии боғдорӣ ва ангурпарварии шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор ва ноҳияи Шаҳринав ва Файзобод рушт дода метавонем.

Агар дар ноҳия ҳамаи он корҳои болозикр ташкил карда шаванд, мо метавонем, ки дар шаҳрҳои Турсунзода ва Ҳисор, инчунин ноҳияи Шаҳринав равияи сайёҳии эносайёҳӣро ба роҳ монем

Бо дарназардошти ҳамаи унсурҳои эносайёҳӣ, бояд эътироф кард, ки консепсияи тараққиёти онро яке аз консепсияҳои тараққиёти деҳот эътироф кардан мумкин аст. Рушди эносайёҳӣ, махсусан барои ноҳияҳое, ки ангурпарварӣ махсус гардонида шудааст, муфид аст, ки дар ин соҳаи сайёҳӣ истеҳсоли вино нақши муҳимро мебозад.

Дар бунёд ва нигоҳубини «машруботи вино» бисёр хоҷагиҳо ва ҷамъиятҳо иштирок менамоянд, аз қабили:

– муассисаҳоӣ роҳсозии маҳалӣ;

– соҳаҳои истеҳсоли шароб;

– шахсоне, ки хизматрасонии агросайёҳиро пешкаш мекунанд;

– тарабхонаҳо;

– меҳмонхонаҳо;

– бюроҳои сайёҳии ноҳия (агентҳо, туроператорҳо);

– фирмаҳое, ки ба истеҳсоли атрибутҳои иловагӣ, барои рушди эносайёҳӣ машғуланд;

– ташкилотҳое, ки ба сайёҳӣ, истироҳат, фарҳанг, экология, варзиш ва гастрономия машғуланд;

– мактабҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ.

Ҳамаи соҳаҳое, ки дар боло зикр намудем ҷалбкунандаи асосии қувваҳои истеҳсолкунанда мебошанд. Дар ҳамин асос дар ноҳия мо метавонем ҷойҳои кории нав ташкил намоем.

Аз сабаби кам будани заминҳои кишт ва аҳолии барзиёд, дар заминҳои лалмӣ ва доманакуҳҳо ташкил намудани боғу токпарварӣ ва заминдорӣ бо усули ташкили террасаҳо, мувафиқи мақсад аст. Аз ҷумла, гандум, марҷумак, ҷуворимакка, шолӣ, арзан, заъфарон, зира, лӯбиёгиҳо, дарахтони себ, нок, бодом, писта, инчунин бунёди боғҳои ангур ва ғайра.

Системаҳои террасаи зина, аз берун ба курсиҳо ё зинапояҳо шабоҳат доранд, ки дар нишебӣ бо платформаҳои ҳамвор ё қариб ҳатто киштшуда, дар масофаи якхела аз ҳамдигар ҷойгиранд.

Тарафҳои манфии бунёди террасаҳои зинадор инҳоянд:

1. киштзор аз обхезӣ таъсири бад мебинад;
2. дар мавзеи замин лағжишҳо ба вуҷуд меоянд;
3. дар ноҳия боришоти зиёд ба амал меояд.

Тарафҳои мусбии кишоварзии террассавӣ дар он аст, ки ҳосилнокии майдонҳои нишебиро зиёд мекунад, инчунин:

1. ба сарфаи захираҳои об мусоидат мекунад;
2. шиддати чараёни обро суст ва кам мекунад;
3. оби боронро нигоҳ медорад;
4. ба пайдо шудани ҷӯйҳо ва эрозияи оби қабати хокро пешгирӣ мекунад;
5. ба муҳофизати сарватҳои замин ҳисса мегузорад;
6. ҷамъшавии лой ва ифлосшавии обанборҳоро кам мекунад;
7. дар баробари ин, муҳлати обхезӣ ба киштзорҳои поёниро нигоҳ медорад;
8. истеҳсоли озуқа дар ноҳия меафзояд;
9. гуногунии биологии экосистемаҳоро зиёд мекунад.

### 3.3. Проблемаҳои иқтисодӣ – географӣ ва имкониятҳои рушди соҳаҳои нақлиёт

Омили асосие, ки дар ташаккули минтақа ва ба ҷойгир намудани соҳаҳои истеҳсолот таъсир мерасонад, ин нақлиёт мебошад. Нақлиёт ҳамчун соҳаи муҳимми хоҷагии халқ, вазифаи бор ва мусофиркашониро иҷро менамояд. Ҳаҷми бор ва мусофиркашониро андоза ва тароқӣ кардани шабакаи нақлиёт муайян менамояд. Дар ҷумҳурӣ рушди соҳаҳои нақлиёт, пеш аз ҳама ба хусусияти релеф вобаста мебошад ва дар ҳама қисмҳои қаламрави ноҳия як хел ташаккул наёфтааст. Вобаста ба релефи маҳал дар минтақаҳои кӯҳӣ нақлиёт нисбатан суст тароқӣ кардааст.

Фаъолияти бомувафаққият ва тараққиёти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт аз кори нақлиёт вобастагии зиёд дорад. Сатҳи тараққиёт ва самаранокии фаъолияти иқтисодиёт низ, ба рушди соҳаҳои нақлиёт таъсири калон мерасонад. Ҳаҷми кори нақлиёт аз кори соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт вобаста аст. Чунки нақлиёт маҳсулоти дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт истеҳсолшударо мекашонад. Нақлиёт сатҳи фаъолнокии иқтисодиётро бо соҳаи истеъмолӣ мепайвандад. Муттасилии раванди истеҳсолот аз тарзи ташкили робитаҳои нақлиёт, интиқоли ашёи хом, маҳсулоти тайёр ва нимтайёр вобастагии зиёд дорад, зеро нақлиёт ҳамлу нақли намудҳои мухталифи ашёи хом, сӯзишворӣ, маҳсулоти тайёрро аз маҳалҳои истеҳсолот ба маҳалҳои истеъмолот ба ҷо оварда, раванди истеҳсолотро дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт пайваст менамояд.

Фаъолияти иқтисодӣ ба қонеъ гардонидани талаботҳои аҳолӣ равона шудааст. Дар шароити кунунӣ қисми ками талаботҳо бидуни иштироки нақлиёт қонеъ гардонида мешаванд. Нақлиёт қисми фаъолияти иқтисодӣ буда, тавасути он қонеъгардонии талаботи одамон бо мол ва сафар нисбати тағйирёбии мавқеи географӣ, ба ҷо оварда мешавад. Аз дараҷаи тараққиёт ва истифодаи оқилонаи системаи нақлиёти автомобилӣ самаранокии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии калон дорад.

Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор бо сабаби шароити хоси ташаккулёбии системаи нақлиётӣ, релефи куҳӣ доштани қисми зиёди ҳудуди он, имконияти истифодаи намудҳои мухталифи нақлиёт, хусусан нақлиёти автомобилӣ намуди асосӣ ба ҳисоб меравад.

Нақлиётро артерияи ҳар як мамлакат меноманд, ки таввасути он робитаҳои дохилию беруниро амалӣ ва ба пешрафти хоҷагӣ мусоидат мекунад. Системаи нақлиётӣ гуфта – ин робитаи нақлиётҳои гуногунро дарякҷоягӣ меноманд. Ба системаи нақлиётии ноҳия нақлиёти роҳи оҳан, нақлиёти автомобилӣ, нақлиёти ҳавоӣ, қубурӣ ва хатҳои интиқоли барқ шомиланд.

Нақлиёт инфраструктура (зерсохтор) – и истеҳсолот буда, хизматрасонии тамоми соҳаҳои иқтисодиро фаро мегирад. Истихроҷ, саноат ва фаъолияти

хоҷагидорон аз нақлиёт вобастагии калон дорад. Дар баробари ин, нақлиёт тамоми воситаҳои алоқа, системаи таъминоти моддию техникӣ ва манбаҳои пайдоиши энергияро дар бар гирифта, қисми ҷудонашавандаи истеҳсолот ва истеъмолот мебошад.

**Харитаи 3.3.1.**

**Нақлиёт**




**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси атласи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Корхонаи воҳиди давлатии «Фабрикаи харитасоз». – Душанбе, 2021. – С. 26-27).**

Нақлиёт инфраструктура (зерсохтор) – и истеҳсолот буда, хизматрасонии тамоми соҳаҳои иқтисодиро фаро мегирад. Истихроҷ, саноат ва фаъолияти хоҷагидорон аз нақлиёт вобастагии калон дорад. Дар баробари ин, нақлиёт тамоми воситаҳои алоқа, системаи таъминоти моддию техникӣ ва манбаҳои пайдоиши энергияро дар бар гирифта, қисми ҷудонашавандаи истеҳсолот ва истеъмолот мебошад.

**Нақлиёти автомобилӣ** дар шароити кӯҳсори ҷумҳурӣ аҳаммияти бузург дорад. Вобаста ба талаботи хоҷагӣ, роҳҳои автомобилӣ дар давраҳои гуногун

бунёд гардиданд. Аз солҳои Ҳокимияти Шуравӣ баробари сохтани роҳҳои оҳан ба сохтани роҳҳои автомагистрал оғоз намуданд. Роҳҳои автомобилгард на фақат водиҳо, инчунин қаторкуҳҳоро (бо воситаи ағба) бурида гузаштанд[162].

Аввалин роҳи автомобилгард соли 1925 – 1927 Сталинобод – Термиз, Сталинобод – Қурғонтеппа, Саройкамар – Кӯлобро ба ҳам пайваст. Ин роҳҳо бе рӯйпӯш сохта шуда буданд. Соли 1940 шоҳроҳи Душанбе – Хоруғ кушода шуд, ки 556 км дарозӣ дошта, Вилояти Мухтори Бадахшони Куҳиро ба маркази ҷумҳурӣ пайваст намуд. Ин роҳ нисбат ба роҳи Хоруғ – Ош – Сталинобод чор маротиба кӯтоҳ аст. Соли 1935 роҳи ағбаҳои Анзоб ва Шаҳристон ба кор даромад ва ин роҳ нафақт Сталинобод – Ӯротеппа Хӯҷандро бо ҳам пайваст намуд, балки барои беҳтар шудани алоқаи иқтисодии водии Зарафшон ва инкишоф ёфтани хоҷагии он мусоидат намуд. Ин роҳ масофаи Тоҷикистони шимолӣ ва ҷанубиро чор маротиба кӯтоҳ намуд[163].

Соли 1937 роҳи Сталинобод – Қурғонтеппа – Ҷилликул ва Сталинобод – Оби Гарм – Ғарм сохта шуданд. Дар давоми ҳамин солҳо роҳи даврии Сталинобод – Қурғонтеппа – Кировобод – Кӯлоб – Сталинобод таҳти истифода қарор гирифт. Ҳамин тавр, шабакаи роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ, асосан солҳои 20 – 30 – юми асри XX сохта шудаанд. Солҳои минбаъда онҳо васеъ карда шудаанд[164].

Давоми солҳои 1965 – 1970 мумфаршкунии роҳҳои автомобилгард оғоз гардид[165]. Ба ин мақсад дар зарфи солҳои 1970 – 1974 роҳҳои Душанбе – Қурғонтеппа, Душанбе – Ғарм, Душанбе – Кӯлоб, Душанбе – Ленинобод, Душанбе – Хоруғ мумфарш карда шуданд[166].

---

[162] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон . – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 249.
[163] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 249.
[164] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 250.
[165] Ниг.: Ҳайдарова Р.Н. Экономико-географическая проблема развития Гиссара-Вахшского промышленного района. – Душанбе: Издательство «Ирфон», 1976. – С. 90.
[166] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 250.

Барои оне, ки ҳаракати автомобилҳо дар давоми сол бехатар дар шоҳроҳи Душанбе – Хуҷанд ба қаторкуҳи Ҳисор нақби 5 км ва дар куҳи Туркистон нақби 7 км қубур кардан зарурият пеш омад[167].

Барои ҳалли ин мушкилот дар ағбаҳои Анзоб, Шаҳристон, Шаршар, Чормағзак нақбҳо сохта шудаанд. Соли 2006 мутахассисони Эронӣ ширкати «Собир» нақби «Истиқлол» бо дарозии 5,2 км кушоданд, ин нақб роҳи Душанбе – Хуҷандро 30 км кутоҳ намуд, ки робитаи ноҳияҳои ҷанубу шимоли Тоҷикистон дар тамоми сол кушода шуд. Бояд қайд намуд, ки баландии ин нақб 7,85 метр ва паҳноияш 8,5 метр буда, ин имкон медиҳад, ки нақлиёт дар як соат 50 км ҳаракат намояд[168]. Барои ба гармӣ ва равшанӣ таъмин намудани нақб хати барқи баландшидати 110 кВт ба воситаи дараи Варзоб аз шаҳри Душанбе кашонида шудааст[169]. Маблағи умумӣ барои сохтани нақби истиқлол 39 млн долори амрикоӣ, ки 10 млн долар грант аз тарафи давлати Эрон, 7,8 млн долар аз тарафи Тоҷикистон ва 21,2 млн долар кредит аз тарафи давлати Эрон ҷудо гардид[170].

Нақби ағбаи Шар – Шар аз ҷониби мутахассисони Чинӣ соли 2009 пурра сохта шуда, ба истифода дода шуд, ки дарозии ин нақб 2235 м, баланди 5 м ва бараш 9,5 м буда, лоиҳа бо маблағи 130 млн сомонӣ ба анҷом расид, ки 12 млн сомонии он гранти бебозгашт аз тарафи давлати Чин мебошад. Ин нақб роҳи автомабилгарди Ваҳдат – Данғара – Панҷро ба масофаи 10 км наздиктар гардонид[171].

Соли 2010 сохтмони нақби ағбаи Чормағзак оғоз ёфт, ки ширкати ҷумҳурии Хитой онро бар уҳда дошт. Сохтмони ин нақб ҳам ба анҷам расид. Сохтмони ин гуна нақбҳо барои фасли зимистон кушода будани роҳҳо ва кӯтоҳ кардани роҳҳо аст, ки боиси пешрафти хоҷагии халқи ноҳия ва ҷумҳурӣ мегардад[172].

---

[167] Ниг.: Мухабатов Х.М., Яблоков А.А. Снежный покров Таджикистана. – Душанбе: «Ирфон», 2008. – С. 92.
[168] Ниг.: Мухабатов Х.М., Яблоков А.А. Снежный покров Таджикистана. – Душанбе: «Ирфон», 2008. – С. 92.
[169] Ниг.: Мухабатов Х.М., Яблоков А.А. Снежный покров Таджикистана. – Душанбе: «Ирфон», 2008. – С. 93.
[170] Ниг.: Таджикистан. Иран. Транспорт [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: news.tj, 1 августа 2016, №1847753 (санаи муроҷиат: 26.12.2022).
[171] Ниг.: Саидов Худоиназар. Экономика – географические особенности развития транспортного комплекса Республики Таджикстана: дис. … канд. геогр. наук. – Душанбе, 2010. – С. 132.
[172] Ниг.: Ибодов Ш.М. Проблемаҳои иқтисодӣ – географӣ рушди соҳаҳои нақлиёт дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор / Ш.М. Ибодов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиши

Соли 1999 ба муносибати 1100 – солагии давлати Сомониён таввасути ағбаи Қулма роҳи нав Кӯлоб – Қалъи хумб – Мурғоб – Кулма сохта шуд, ки ба шоҳроҳи байналмиллалии Кароқорум пайваста шуд.

Шоҳроҳҳои асосӣ, ин роҳҳои Душанбе – Термез, Душанбе – Бохтар, Душанбе – Кӯлоб, Душанбе – Хуҷанд, Душанбе – Хоруғ, Хоруғ – Ош мебошанд.

Шоҳроҳи Душанбе, Ҳисор, Шаҳринав, Турсунзода, сарҳади Узбекистон аз дарвозаи ғарбии Душанбе то шаҳри Турсунзода оғоз ёфта, 45,3 километраш бо паҳноии 25,5 метр ва 4 хаттаи ҳаракати нақлиёт бунёд ёфтааст. Боқимондаи қисми роҳ бошад, бо паҳноии 15 метр ва ду хаттаи ҳаракати нақлиёт мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт[173].

Арзиши умумии лоиҳаи беҳтар кардани ҳолати роҳи мошингарди Душанбе – Турсунзода дар маҷмуъ 131, 2 миллион доллари амрикоиро ташкил намуда, бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гранти Бонки Осиёи Рушд амалӣ гардид. Тибқи лоиҳа дар шоҳроҳ 9 купрук бунёд гардида, бо назардошти талабот 213 адад қубури обгузар хобонда шудааст[174].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон ифтитоҳи роҳу пул, нақб ва дигар иншооти муҳими коммуникатсиониро яке аз ҳадафҳои аслии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баромадан аз бунбасти коммуникатисонӣ арзёбӣ намуда, изҳор дошт, ки минбаъд низ, ба хотири фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ ба мардум чунин тадбирҳои муҳим амалӣ карда мешавад[175].

---

фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» инчунин, 80 солагии профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Алишер Ҷӯраев дар мавзуи «Рушди илмҳои табиатшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2021. – С. 12-19.

[173] Ниг.: Ибодов Ш.М. Проблемаҳои иқтисодӣ – географӣ рушди соҳаҳои нақлиёт дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор / Ш.М. Ибодов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» инчунин, 80 солагии профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Алишер Ҷӯраев дар мавзуи «Рушди илмҳои табиатшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2021. – С. 12-19.

[174] Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17 январи 2023).

[175] Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17 январи 2023).

Умуман, дар доираи сохтмон ва таҷдиди шоҳроҳҳои Душанбе – Чанок, Душанбе – Кӯлоб – Хоруғ – Қулма, Душанбе – Турсунзода, Душанбе – Қӯрғонтеппа – Панҷи Поён ва роҳҳои Душанбе – Айнӣ – Ҳисор, Душанбе – Рӯдакӣ – Лоҳур беш аз 42 километр роҳҳои шаҳри Душанбе, ба маблағи 270 миллион сомонӣ азнавсозӣ карда шудаанд[176].

Бо вуҷуди дар даврони истиқлолият таҷдиду азнавсозӣ гардидани 185 километр хиёбону роҳҳо ва 123 километр роҳҳои пиёдагард боз 550 километр кӯчаву роҳҳо ва 230 километр роҳҳои пиёдагард ба таъмиру азнавсозии ҷиддӣ эҳтиёҷ доранд ва на ҳамаи роҳҳои шаҳри Душанбе ба талаботи шаҳри муосир ва пойтахти мамлакат ҷавобгӯянд[177].

Яке аз омилҳои суст ба роҳ монда шудани азнавсозии инфрасохтори коммуникатсионии шаҳри Душанбе бесабаб тӯл кашидани ҷараёни сохтмону таҷдиди роҳҳо, сатҳи пасти касбияти ширкатҳои ғолиби озмунҳо буда, илова бар ин, сифати корҳои анҷомдодашуда ба талаботи замона мутобиқ нест.

Бинобар ин, зарур аст, ки роҳу усулҳои истифодаи нақлиёти замонавӣ бо технологияҳои муосир ҷустуҷӯ карда шаванд, то ки хизматрасонӣ ба мусофирон сари вақту босифат ва бо харҷи ками маблағҳои дотатсионӣ ба роҳ монда шавад.

Дар баробари ин, шумораи воситаҳои нақлиёте, ки дар шаҳр ба қайд гирифта шудаанд, қариб 70 ҳазорро ташкил дода, ин рақам мунтазам афзоиш ёфта истодааст. Бо сабаби аз шаҳри Душанбе гузаштани 160 – 170 ҳазор нақлиёти боркашон ва мусофирбар ҳамарӯза ҳолатҳои тамбашавӣ ва садамавӣ ба амал омада, чунин вазъ ба ифлосшавии муҳити зист ва ҳавои шаҳр боис гардидааст[178].

Ширкати Чинии (Xinjiang Beixin Road & Bridge Group Co., Ltd.) бо маблағи 25,5 млн долари амрикоӣ сохтани пули 3 – қабата дар маҳалаи 82 – юми шаҳри Душанбе сохта ба истифода доданд.

---

[176] Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи мурочиат: 17 январи 2023).
[177] Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи мурочиат: 17 январи 2023).
[178] Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи мурочиат: 17 январи 2023).

Нақлиёти автомобилӣ бо суръати тарақиёт нисбат ба дигар намудҳои нақлиёт фарқ мекунад. Аз ҷиҳати мусофиркашонӣ дар мамлакат ҷойи якумро ишғол мекунанд. Ба сабаби он, ки ҳаҷми борҳое, ки ба воситаи нақлиёти автомобилӣ кашонида мешаванд, бо масофаи на он қадар дур кашонда мешаванд, бинобар ин, дар гардиши умумии боркашонӣ ҳиссаи нақлиёти автомобилӣ, нисбат ба нақлиёти роҳи оҳан, он қадар зиёд нест. Нақлёти автомабилӣ борҳоро ба масофаи наздик, байни шаҳрҳо, деҳаҳо, ноҳияҳо аз истеҳсолкунанда бевосита ба истеъмолкунанда бурда мерасонад[179].

Қариб 90% – и боркашонии дохили ноҳия таввасути нақлиёти автомобилӣ иҷро мешавад. Нақлиёти автомабилӣ нисбати роҳи оҳан ва ҳавопаймо дар ноҳия афзалияти зиёд дорад. Инчунин, мусофироне, ки дар дохили ноҳия зиндагонӣ ва фаъолият мекунанд қариб 99% аз нақлиёти автомобилӣ истифода мебаранд[180].

Барои бехатарӣ дар роҳҳо 31 – уми октябри соли 2014 дар шаҳри Душанбе камераҳои назоратии «Шаҳри бехатар» насб шудаанд, ки дар давоми ним соли 2016, 160 ҳазор қонунвайронкунӣ сабт шуд, ки ҷаримаҳои онҳо ба 10 млн 3 – ҳазор сомонӣ баробар гардид. Дар давоми 2 – сол ҷаримаҳои аз қонунвайронкунӣ дар роҳҳои автомобилӣ ба 64 млн сомонӣ баробар гардид. Ин лоиҳа бо арзиши 22 млн долари амрикои харидорӣ карда шудааст, ки 20,9 млн долар қарзи дарозмуддат аз кишвари Хитой ва 1,1 млн аз тарафи Тоҷикистон пардохт карда шудааст. Ин маблағ дар давоми 20 сол аз ҳисоби ҷаримаҳаи автомабилӣ баргардонида мешавад[181].

Муҳимтарин занҷираи автомобилӣ дар ноҳия, ин занҷираи роҳҳои Душанбе мебошад. Барои хизматрасонии сокинони ш. Душанбе ҷойи намоёнро нақлёти автомабилӣ ишғол менамояд, ки дар он 4 ширкати комуналии дорои 477 автобус ва 151 тролебус, 23 ширкатҳои хусусии мусофиркашонӣ, дар 93 сайрхат ҳаракат мекунанд. Аз ин 19 сайрхати

---

[179] Ниг.: Кабутов М. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон. – Душанбе, 2005. – С. 164.
[180] Ниг.: Ибодов Ш.М. Проблемаҳои иқтисодӣ – географӣ рушди соҳаҳои нақлиёт дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор / Ш.М. Ибодов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» инчунин, 80 солагии профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Алишер Ҷӯраев дар мавзӯи «Рушди илмҳои табиатшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2021. – С. 12-19.
[181] Ниг.: Таджикистан. Транспорт [Электронный ресурс]. – Режим доступа: news.tj, 22 июля 2016, №1833702 (дата обращение: 1.02.2022).

автобус, 11 сайрхати тролебус, 63 сайрхати микроафтобус ба сокинон хизмат мерасонанд. Ҳамаруза дар ин хатсайрҳо 210 автобус, 58 тролебус, 54 микроавтобусҳои давлатӣ ва 2115 микроафтобусҳои ширкатҳои хусусӣ ба сокинони ш. Душанбе хизмат мерасонанд[182].

Дар ш. Душанбе автовакзали мусофиркашонӣ ҷойгир шудааст, ки он соли 1976 сохта шуда, соли 2013 азнавсозӣ карда шуд. Айни ҳол ширкати Asian Express ба тамоми самтҳои кишвар нақлиёти автобусиро ҷорӣ намудааст.

Душанбе нисбати дигар шаҳрҳои ҷаҳон вобаста ба ҳолати экологӣ тозатар ба шумор меравад. Бинобар маълумоти БДА ВКД ҶТ соли 2020, 66 800 автомабил ба қайд гирифта шудааст, ки 52 300 ё ин, ки 85,7% он автомабилҳои шахсӣ мебошанд[183].

Дар айни ҳол ба шароити иқтисодӣ нигаронида, ба сохтани муҳарикҳои барқӣ ва гузаштан ба қувваҳои дигари алтернативӣ лозим меояд, то ин ки ҳолати экологии ноҳия, Тоҷикистон ва саёраи мо хуб гардад.

Ҳамин тавр, дар асоси талаботи меёърҳои ҷаҳонӣ, сохтан, таъмир ва васеъ намудани роҳҳои мошингард ва шохаҳои он, нафақат ягонагии сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии мардуми моро пурзур менамояд, балки имконияти иқтисодиёти Тоҷикистонро бо иқтисодиёти ҷаҳон ҳамгиро намуданро пайдо менамояд[184].

Айни замон дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор истифодаи оқилона ва комили парки автомобилҳо; тезонидани интиқоли борҳо; камкунии вақти таваққуф ҳангоми борборкунӣ ва борфарорӣ; истифодаи технологияҳои нав ва комили боркашонӣ ва хизматгузории нақлиётӣ; ташкили босифат ва саривақтии хизматрасонии техникӣ ва таъмири ҷории автомобилҳо; истифодаи имкониятҳои сершумори баланд бардоштани чобукӣ ва зудамалкунӣ

---

[182] Ниг.: Таджикистан. Транспорт [Электронный ресурс]. – Режим доступа: news.tj, 20 апреля 2016, №1735207 (дата обращение: 1.02.2022).

[183] Ниг.: Таджикистан. Экология. Транспорт [Электронный ресурс]. – Режим доступа: news.tj, 20 сентября 2016, №1906683 (дата обращение: 1.02.2022).

[184] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 253.

ҳангоми ҳамлу нақли бор ва хизматгузории нақлиётиро хуб ба роҳ мондан зарур аст[185].

**Нақлиёти роҳи оҳан** аз ҷиҳати боркашонӣ дар дохили ноҳия, дар зинаи дуюм ва дар боркашонии беруна мавқеи асосиро ишғол менамояд.

Роҳи оҳан бо ҳаракати мунтазами худ, новобаста ба фаслҳои сол, бо суръати баланд, ҳаҷми зиёди бор ва шумораи зиёди мусофиронро, ба арзиши аслии нисбатан пасти боркашонӣ, аз дигар намудҳои нақлиёт афзалият дорад. Ин намуди афзалиятҳо аҳаммияти нақлиёти роҳи оҳанро дар кашонидани ҳамаи намудҳои борҳои байниноҳиявӣ, мусофиркашонии наздишаҳрӣ, маҳаллӣ ва алоқаҳои дур ҳаматарафа зиёд мегардонад[186].

Тавассути роҳи оҳан қариб 90% боркашонии берунаи ноҳия рост меояд. Роҳи оҳани Термиз – Душанбе соли 1926 – 1929 сохта шуд[187], ки дарозиаш ба 250 км мерасид ва ин роҳи оҳан мушкилоти алоқаи ноҳияро бо шабакаи роҳи оҳани собиқ ИҶШС ҳал намуд. Роҳи оҳан дар дохили ноҳия дорои 9 – истгоҳ аст (Пахтаобод, Регар, Чептура, Хонақо, Айнӣ, Душанбе – 2, Душанбе – 1, Роҳатӣ, Янги – Бозор) ва 65% боркашонӣ таввасути ин роҳи оҳан интиқол мегардад[188].

Нақлиёти роҳи оҳан асосан барои боркашонии байниноҳиявӣ ва бурунмарзӣ истифода мешавад[189]. Бо воситаи роҳи оҳан ба ноҳияи иқтисодии Ҳисор аз дигар мамлакатҳо метал, мошин, нуриҳои минералӣ, чӯбу тахта, маҳсулотҳои нефтӣ, ашёи хом, ғалла, қанд, матоъҳои пахтагин, пояфзол ва ғайра ворид мегардад.

Аз ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба хориҷ консентрати металҳои ранга, алюминий, кабел, мева, сабзавот, пахта, консерваҳои меваву сабзавот, пӯст ва ғайра интиқол мешавад. Ғайр аз ин, роҳи оҳан барои мусофиркашонӣ

---

[185] Ниг.: Ибодов Ш.М. Проблемаҳои иқтисодӣ – географӣ рушди соҳаҳои нақлиёт дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор / Ш.М. Ибодов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» инчунин, 80 солагии профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Алишер Ҷӯраев дар мавзӯи «Рушди илмҳои табиатшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2021. – С. 12-19.

[186] Ниг.: Кабутов М. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии тоҷикистон. – Душанбе, 2003. – С. 163.

[187] Ниг.: Ҳайдарова Р.Н. Экономико-географическая проблема развития Гиссара-Вахшского промышленного района. – Душанбе: Издательство «Ирфон», 1976. – С. 88.

[188] Ниг.: Саидов Худоиназар. Экономика – географические особенности развития транспортного комплекса Республики Таджикстана: дис. … канд. геогр. наук. – Душанбе, 2010. – С. 130.

[189] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 248.

истифода мешавад. Қаторaҳои мусофиркашӣ байни ноҳияҳои Конибодом – Душанбе, Турсунзода – Душанбе амал мекунанд.

Шохаҳои асосии роҳи оҳани ноҳияи иқтисодии Ҳисор – Термиз – Душанбе ба ҳисоб меравад. Сохтмони ин роҳҳо барои инкишофи минбаъдаи соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия ва аз худ намудани сарватҳои табии ноҳия зарур аст.

Соли 2009 сохтмони роҳи оҳани Душанбе – Бохтар оғоз гардид. Инчунин, соли 2016 роҳи оҳани Душанбе – Бохтар – Кӯлоб ба истифода дода шуд. Бо сохтан ва ба истифода додани роҳи оҳан дарозии он қариб 4 баробар кам шуда, ҳамагӣ 119 километрро ташкил медиҳад[190]. Маблағи умумие, ки дар ин роҳ сарф шудааст, 985 млн сомониро ташкил медиҳад[191]. Мувофиқи ҳисоби мутахассисон самараи солонаи иқтисодии роҳи оҳани мазкур 46 миллион сомониро ташкил медиҳад[192].

Дар солҳои баъди сохтмони роҳҳои оҳани нави байни давлатҳои:

1. Руссия – Қазоқистон – Қирғизистон – Тоҷикистон;
2. Хитой – Қирғизистон – Тоҷикистон – Афғонистон – Эрон;
3. Тоҷикистон – Афғонистон – Туркманистон, бояд ба роҳ монда шавад.

Мақсади бунёди роҳи оҳани Руссия – Қазоқистон – Қирғизистон – Тоҷикистон.

1. Пайвасти роҳҳои оҳани давлатҳои зерин;
2. Баромадани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бумбасти комуникатсионӣ;
3. Пайвасткунии қисмати шимолӣ ва ҷанубии Ҷумҳурии Қирғизистон.

Мақсади бунёди роҳи оҳани Хитой – Қирғизистон – Тоҷикистон – Афғонистон – Эрон, ин сохтани роҳи нави Хитой – Аврупо ва зиёд кардани транзити давлатҳои иштироккунанда аст.

Роҳи оҳан асосан ба минтақаҳои зерин мегузарад: (Чин) Кошғар – Иркештам (Қирғизистон), Иркештам – Сари Тош – Қарамиқ (Тоҷикистан)

---

[190] Ниг.: Таджикистан. Транспорт [Электронный ресурс]. – Режим доступа: news.tj, 24 августа 2016, №1870898 (дата обращение: 1.02.2022).

[191] Ниг.: Таджикистан. Транспорт [Электронный ресурс]. – Режим доступа: news.tj, 24 августа 2016, №1870898 (дата обращение: 1.02.2022).

[192] Ниг.: Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17 январи 2023).

Қарамиқ – Ваҳдат – Бохтар – Калхозобод – Панҷи поён – Шерхон Бандар (Афғонистан) шаҳри Кундуз – Хулм – Мазори Шариф – Шибирғон – Маймана – Бодгис – Ҳирот – Чойсурх (Эрон) – Ҳоф – Сангон[193].

Дар охир сохтани роҳи оҳани Тоҷикистон – Афғонистон – Туркманистон мебошад, ки самти асосии он Атамурад – Имомназар – Акина–Андхой – Шибирғон – Мазори Шариф – Хулм – Қундуз – Шерхон Бандар – Панҷи поён – Колхозобод мебошад. Мақсади сохтани ин роҳи оҳан, пайваст кардани се давлат ва берун кардани Тоҷикистон аз бумбасти комуникатсионӣ мебошад[194].

**Нақлёти ҳавоӣ.** Дар шароити имрӯза ҳавопаймо дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор бо мақсади гуногун истифода бурда мешавад.

Аҳаммияти нақлиёти ҳавоӣ дар хоҷагии халқ ниҳоят калон аст. Ғайр аз ин, нақлиёти ҳавоӣ барои кашонидани борҳои маҳсулотҳои зудвайроншаванда, боғҷкашонӣ, мусофиркашонӣ ба масофаи дур, намуди ягонаи нақлиёт мебошад[195].

Пеш аз ҳама, ин намуди нақлиёт мусофиркашонии дохилӣ ва берунӣро таъмин менамояд. Дар мавридҳои зарурӣ ба деҳаҳои куҳӣ, ғайр аз мусофирон ва почта, инчунин бор (хӯрокворӣ ва ғайра) мекашонанд. Солҳои оянда барои сохтмони хатҳои баландшиддати барқ, истгоҳҳи барқӣ ва нест кардани ҳашаротҳои зиёновари кишоварзӣ истифода бурдан мумкин аст. Инчунин, нақлиёти ҳавоиро барои таҳқиқи сарватҳои табиӣ, нақшагирии маҳал ва ёрии тиббӣ васеъ истифода бурдан мумкин аст.

Аввалин хатсайри ҳавоии Душанбе – Тошкент мебошад, ки соли 1924 анҷом дода шуд. Соли 1928 хатсайри Ташкент – Самарқанд – Термиз – Душанбе бо дарозии хати 1083 км кушода шуд.

Соли 1929 хатсайрҳои ҳавоии Душанбе – Ғарм, Душанбе – Кӯлоб, Душанбе – Панҷ, Душанбе – Қурғонтеппа – Қабодиён, Душанбе – Уротеппа –

[193] Ниг.: Доклад зам. начольника управления наземного транспорта Министерства транспорта Республики Таджикистан – Кадиров Сайфулло от 24.11.2015 г. в г. Банкок.
[194] Ниг.: Доклад зам. начольника управления наземного транспорта Министерства транспорта Республики Таджикистан – Кадиров Сайфулло от 24.11.2015 г. в г. Банкок.
[195] Ниг.: Кабутов М. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии тоҷикистон. – Душанбе, 2003. – С. 165.

Хуҷанд ва соли 1945 сафари ҳавоӣ ба Маскав – Душанбе, аз соли 1949 сафари ҳавоии Боку – Душанбе ба фаъолият шуруъ намудаст[196].

Моҳи феврали соли 1930 бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ сохтани фурудгоҳ ба маблағи 100 000 рубл шуруъ карда шуд. Сипас дар шаҳри Кӯлоб, Ғарм, Панҷ, Данғара сохта шуд.

Баъди ба даст овардани истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боз як терминали нави фурудгоҳи байналмилалии Душанбе соли 2014 ба истифода дода шуд. Ба кор даромадани чунин иншооти муосири зербиноӣ, дар соҳаи хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ, тухфаи пурарзиш ба истиқболи 90 – умин солгарди таъсиси авиатсияи граждании тоҷик номида шуд.

Корҳои сохтмон ва таҷҳизи терминали нави фурудгоҳи Душанбе бо харҷи 280 миллион сомонӣ анҷом дода шудааст, ки наздик ба нисфи он аз ҷониби худи фурудгоҳ пардохт шуда, боқӣ гранти давлати Фаронса аст.

Фурудгоҳи ш. Душанбе ҳавопаймоҳои дохилӣ, инчунин ҳавопаймоҳои хориҷиро қабул мекунад. Ин нишон медиҳад, ки нақлиёти ҳавоӣ дар оянда, дар системаи ягонаи нақлиёти ноҳияи иқтисодии Ҳисор мавқеи муҳимро ишғол хоҳад кард.

Айни замон роҳи ҳавоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 4,8 ҳазор км – ро ташкил медиҳад[197]. Кашонидани бор тавассути ҳавопаймоҳои махсуси боркашонӣ суръати парвозашон паст, лекин борбардориашон калон арзиши аслии боркашониро нисбат ба боркашонии таёраҳои мусофиркашон беш аз ду маротиба паст мекунад[198]. Ин намуди нақлиёт барои Тоҷикистони куҳии мо бениҳоят муҳим буда, дар оянда барои вусъат додани ин намуди нақлиёт чораҳои зарурӣ андешидан зарур аст. Ин намуди нақлиёт, хусусан барои маҳсулотҳои тезвайроншавандаи хоҷагии халқ аҳммияти калон дорад.

---

[196] Ниг.: Саидов Худоиназар. Экономика – географические особенности развития транспортного комплекса Республики Таджикстана: дис. … канд. геогр. наук. – Душанбе, 2010. – С. 18.

[197] Ниг.: Информационно-познавательный портал о Таджикистане. Экономика, финансы, государственное устройство, история, национальные традиции, местные достопримечательности, международная помощь, курсы валют, погода [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http:// www.tojik- qateway. Orq/wp/wp-cahteht/ upioads/2013/09/trahsporti. Phq (дата обращение: 17.01.2023).

[198] Ниг.: Шарифов З.Р., Ҷураев А.Ҷ., Аброров Ҳ.А. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакатҳои хориҷӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2011. – С. 153.

Нақлиёти ҳавоии ноҳияи иқтисодии Ҳисор мунтазам такмил ёфта, бо ҳавопаймоҳои нав мукаммал мегардад. Дар ҷумҳурӣ 2 – ширкати ҳавопаймоӣ: «Тоҷик Эйр» (ширкати давлатӣ) ва «Сомон Эйр» (ширкати хусусӣ) фаъолият мекунанд. Ҳоло аз шаҳри Душанбе қариб ба аксарият давлатҳои ИДМ ва дунё робитаҳои ҳавоӣ амал мекунад.

**Нақлиёти қубурӣ** аввалин маротиба соли 1964 пас аз сохтмони лулаҳои гази Келиф – Душанбе дар Тоҷикистон пайдо шуда, лулаи газ 295 км дарозӣ дошта, як қисмати ш. Душанберо бо гази табиӣ таъмин менамуд. Истеъмолкунандаи бевоситаи гази табиӣ марказҳои сӯзишвориву электрикии Душанбе, комбинати сементи Душанбе, муасисаҳои комуналиву маишии пойтахт мебошанд[199].

Ин намуди нақлиёт, асосан барои кашонидани гази табиӣ ва нефт хизмат мекунад. Нақлиёти қубурӣ (трубопровод) аз дигар намудҳои нақлиёт бо якчанд хусусиятҳои худ афзалият дорад. Масалан, хароҷотҳо барои сохтмони қубурҳои газу нефтгузар, нисбат ба сохтмони роҳҳои автомобилӣ ва ё роҳи оҳан мутобиқан ба қобилияти кашонидани бор 2 маротиба кам мебошад. Дигар афзалияти ин намуди нақлиёт аз он иборат аст, ки истифодабарии қубурҳо боэътимодтар буда, ҷараёни боркашӣ пурра автоматикӣ карда мешавад ва дар кашонидани маҳсулот сарфакории ниҳоят баланд таъмин карда мешавад[200].

Нақлиёти қубурӣ аз ҷиҳати арзиши аслии боркашонӣ, нисбат ба дигар намудҳои нақлиёт арзиши паст дошта, барои буҷети давлат муфид аст.

Ҳангоми омӯзиши проблемаҳои иқтисодӣ – географии соҳаҳои нақлиёт дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор, ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

– Бунёди автомагистрал дар атрофи шаҳри Душанбе барои нақлиёте, ки аз қисмати шимол ба ҷануби кишвар ҳаракат мекунанд ва баракс, ки он ба бартараф намудани мушкилотҳо дар роҳҳои марказии ш. Душанбе мегардад;

– Зудтар ба анҷом росонидани сохмони роҳҳои оҳане, ки дар байни Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоя ба нақша гирифта шудааст;

[199] Ниг.: Муҳаббатов Х. Ганҷинаи табиати Тоҷикистон. – Душанбе: «Ирфон», 1987. – С. 65.
[200] Ниг.: Кабутов М. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон. – Душанбе, 2003. – С. 166.

– Сохтани фурӯдгоҳи иловагӣ ва минбаъд таъмини онҳо бо ҳавопаймоҳои давлатӣ;

– Паст намудани нархи нефт ва ё гузаштан ба истифодаи қувваҳои алтернативӣ, бо мақсади беҳтар намудани сатҳи зиндагонии сокинони ноҳия;

– Бунёди метро дар шаҳри Душанбе, барои беҳтар намудани вазъи нақлиёти мусофиркашонӣ дар ноҳия.

### 3.4. Дурнамои рушди сайёҳӣ ва рекреатсия

Аҳаммият ва нақши сайёҳиро дар самти рушди иқтисодии кишвар, қонеъ намудани талаботҳои шахсӣ, бо ҳам алоқамандии муносибатҳои иҷтимоии байни кишварҳо, бо таври воқеӣ баҳогузорӣ намудан кори бисёр ҳам мушкил аст. Дар дурнамо барои баланд бардоштани иқтисодиёти ноҳияи иқтисодии Ҳисор рушд додани соҳаҳои сайёҳӣ ва рекреатсия мувофиқи мақсад аст. Дар замони имрӯза сарватҳои рекреасионӣ торафт аҳаммияти калон пайдо карда истодааст. Рекреатсия ва сайёҳӣ на фақат соҳаи хоҷагиро ташкил медиҳанд, балки яке аз дастовардҳо ва мероси умумибашарӣ ба ҳисоб меравад[201].

Дар марҳилаи ҳозиразамон инқилоби илму техника, инсон яке аз хусусиятҳои пурқудрати дигаргунсозии ландшафтҳо гаштааст. Дар шароити водии Ҳисор, ки қариб аз ҳама тараф бо релефи куҳӣ иҳота ёфтааст, дар қисми ҳамвории водӣ зиёда аз 85% ландшафтҳои табиӣ ба ландшафтҳои антропогенӣ табдил ёфтаанд.

Дар водии Ҳисор агроландшафтҳо 78% масоҳати қисми ҳамвории водӣ ва дар маҷмуъ бо якҷоягии доманакуҳҳо ва дарраҳои алоҳида 82% водиро дар бар мегиранд (мо ба қатори агроландшафтҳо боғҳо, гулбоғҳо, чаманзорҳо, дарахту гулзорҳоро дохил намудем). Гуногунии ландшафтҳои антоpoпогенӣ фаъолияти мусбату манфии инсон буда, натиҷаи аз байн рафтан ё таъғйирёфтани ландшафтҳои табиӣ, релеф, олами органикӣ, обанборҳо, наҳру ҷӯйҳо, боғҳои маданӣ, қасру иншоотҳо, корхонаҳои истеҳсолӣ ва заминҳои нав мегарданд.

---

[201] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – 218 с.

Агроландшафтҳо ҳамчун узви пайвандкунандаи ландшафтҳои табиӣ ва антропогенӣ мебошанд. Дар водии Ҳисор асосан 7 типпи ландшафтҳои антропогениро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Ландшафти саҳроӣ; 2. Ландшафти киштзорҳо; 3. Ландшафти боғу токзорӣ; 4. Ландшафти марғзорӣ – чарогоҳӣ; 5. Ландшафти маданӣ; 6. Ландшафти саноатӣ; 7. Ландшафти обии антропогенӣ.

Коркард ва истифодабарии заминҳои кишт, боғу токзорҳо, чарогоҳҳо ба таври куллӣ аз ҷиҳати экологӣ ва худидоракунии дохилӣ фарқ карда, дар давоми вақти дуру дароз ташаккул меёбанд.

1. Ландшафтҳои саҳроӣ хеле гуногунанд ва аз шумораи зиёди маҳалҳо ташкил меёбанд. Бисёрии онҳо намудҳои ин ё он оилаи маҳалҳо буда, дар водии Ҳисор теппаҳо ва доманакуҳҳои киштзору чарогоҳҳоро дар бар мегирад, ки бо хокҳои ҷигарӣ – карбонатии куҳӣ, хокҳои алювиалии водиҳои дарёҳо пушонида шудаанд;

2. Дар баландиҳои куҳӣ иқлим, олами набототу ҳайвонот вобаста ба баландиҳо тағйир меёбанд[202]. Дар хокҳои коркардшавандаи агроирригатсионӣ намудҳои гуногуни агрофимитомасаҳои ландшафт, киштзорҳои шолӣ, пахта, гулбоғҳо, парвариш ёфта, инкишоф ёфтааст;

3. Дар олами боғу токзорҳо зоомассаи ландшафт аз мавзеъҳои марғзорию оазисӣ хеле фарқ дошта, намуди муайяни ҳашаротҳо, хояндагон, парандагон, ҳаёт гузаронидани онҳо ба ин гуна ландшафтҳо алоқаи зич дорад;

4. Ландшафтҳои марғзорҳои чарогоҳӣ ҳудуди куҳҳои баландиашон миёна ва минтақаи субалпиро дарбар мегиранд. Дар шароити водии Ҳисор ин гуна марғзорҳо дар тамоми нишебиҳои қаторкуҳи Ҳисор, Қаротегин ва қисман Боботоғ паҳн гардидаанд. Дараҷаи худидоракунӣ ва худбарқароркунии марғзорҳои чарогоҳ хеле баланд буда, ин намуди ландшафт минтақаҳои муҳимми ҷамъоварии хӯроки чорво низ, мебошанд. Чунки дар таркиби ин ланшафтҳо шумораи зиёди мавзеъҳои чарогоҳҳои

---

[202] Ниг.: Мурзаев Э.М. Средняя Азия. – Москва: Издательство географической летературы, 1961. – С. 179.

муваққатӣ буда, ландшафтҳои нишебиҳои куҳҳо аз растаниҳои гуногун бой буда, боиси ба вуҷуд омадани қабати ғафси порухок мегардад;

5. Ландшафти маъданӣ, асосан шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор, Душанбе, Ваҳдат ва ноҳияҳои Шаҳринав ва Рӯдакӣ, минтақаҳои истироҳатии дараи Варзоб, Ромит, шаҳраки Файзободро дар бар мегиранд, ки дар онҳо қариб тамоми намудҳои ландшафтҳои антропогенӣ паҳн гардидаанд;

6. Ландшафтҳои саноатӣ ҳудуди шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат, марказҳои гуногуни саноатӣ ва атрофи онҳо, хусусан заводу фабрикаҳо ва комбинатҳоро дар бар мегиранд. Ландшафтҳои амудӣ самти қад–қади роҳи автомобилгарди Турсунзода – Файзобод, Ромит – Варзоб, Душанбе, ағбаи Фахробод, Ваҳдат – Чормағзак инкишоф ёфтаанд, инчунин обанборҳо, кӯл ва нерегоҳҳои обӣ ланлшафтҳои табииро аз 60 – 70% то 95 – 98% ба ландшафтҳои антропогенӣ табдил додаанд;

7. Ландшафтҳои обии антрпогении водии Ҳисор дар навбати аввал тамоми тағйиротҳое, ки инсон махсусан, дар асри XX ва ибтидои асри XXI ба водии дарёҳои Ширкент, Қаратоғ, Хонақо, Лучоб, Варзоб, Кофарниҳон, Элок, махсусан каналҳои Ҳисор, Ёс, Роҳатӣ, Варзоб, Чинор (соҳили чапи Кофарниҳон), Ваҳдат, Рӯдакӣ, Лучоб, Кӯлҳои Варзоб, Ҷавонон, Иброҳим Ҳасанов, минтақаи обкашонии шимолии шаҳри Душанбе, обшоронҳои гуногун, манзараҳои гуногуни дилкашу зебо ва рекреатсиониро ба вуҷуд овардаанд;

Яке аз ёдгориҳои табиӣ дар ноҳия, ки метавонад диққати саёҳонро ҷалб намояд, ин ҳудуди боғи табиӣ–таърихии Ширкент мебошад. Дар ин ҷо беш аз 40 адад бозёфтҳои геологӣ, гидрологӣ ва глятсиялогӣ маълум карда шудааст. То ба бозёфтҳои геологӣ, ки таърихи қадима доранд, ин аз мавҷуд будани диназаврҳо дар замонҳои қадим шаҳодат медиҳад. То кунун изи пойи диназаврҳо дар ҳудуди Ширкент боқӣ мондаанд, ки миқдори умумии онҳо ба 400 адад мерасад.

Ноҳияи сайёҳӣ ва рекреатсионии Варзоб барои фаъолияти рекреатсионии аҳолии шаҳр ва шаҳрвандони дигар ҷумҳурӣ аҳаммияти бузург дорад. Дар ин ҷо 75 ҳазор аҳолии бумӣ зисту зиндагӣ доранд.

Ин ноҳияи сайёҳию рекреатсионӣ дар самти ҷанубӣ ва маркази қаторкуҳҳои Ҳисор ҷойгир буда, иқтидори бузурги сайёҳию рекреатсионӣ доранд.

Ин мавзеъ ҷойи дӯстдоштаи аҳолии водии Вахш, Кӯлоб, НТМ ва шаҳри Душанбе ба шумор мераванд. Дараи зебоманзари Варзоб 75 км дарозӣ ва ба ҳисоби миёна аз 5 то 300 м паҳноӣ дорад. Дар ҳудуди он як қатор корхонаҳои саноати куҳӣ ҷойгиранд. Ин мавзеъ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2000 минтақаи сайёҳӣ ва рекреатсионӣ эълон карда шуд. Зеро он барои фаъолияти истироҳатӣ, рекреатсионӣ бо истифодаи захираҳои обӣ мусоид аст, чунки фазои сатҳи он мураккаб ва дастнорас аст.

Водии дарёҳои Лучоб, Душанбе, Қаратоғ, Ғӯзғарф (30 метр), дарёҳои Сиёма, Оҷук, Кондара, Майхура, Такоб, Зиддӣ мавзеъҳои мусоид барои ташкили сайёҳӣ ва фаъолияти рекреатсионӣ буда, ландшафти тамошобоби сайёҳии экологӣ, рекреатсионӣ доранд. Дараҳо аз олами наботот ва ҳайвонот ғанӣ буда, ин мавзеъро ҷаззобу дилкаш намудаанд. Мавзеи Кондара 25 км дур аз Душанбе буда, дар ҳудуди он боғи ботаникии АМИТ ҷойгир шудааст. Қаторкуҳи Ҳисор минтақаи аз ҳама маъруфи экотуристӣ ба шумор меравад ва аз ҷиҳати шароити сайёҳии варзишӣ ва шароити мусоиди иқлимӣ мавриди таваҷҷуҳи сайёҳони дохила ва хориҷа қарор гирифтааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар солҳои 60 асри гузашта, дар ҳавзаи дарёи Варзоб ду маркази лижаронӣ, дар суфаи Руйдашт болотар аз истироҳатгоҳи Хоҷа Оби Гарм ва дар суфаи Сафеддорак сохта шуд[203]. Бар асоси меъёрҳои иқлимӣ манбаъҳои лижаронӣ (вуҷуди як давраи сард дар як минтақаи куҳистонӣ, ки дар он нокам аз чор моҳ қабати барф беш аз 50 см вуҷуд дошта бошад) ва ин ҳам як қисмати экосайёҳӣ аст[204]. Дар қисмати 38 – уми дарёи Такоб бо Варзоб дар болооби он мавзеи сайёҳӣ ва рекреатсионии Сафеддара дар баландии 2400 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шудааст[205]. Ин минтақа нисбат ба минтақаи лижарони Рӯйдашт фарохтар ва дар як баст

[203] Ниг.: Мухабатов Х.М., Яблоков А.А. Снежный покров Таджикистана. – Душанбе: «Ирфон», 2008. – С. 97.
[204] Ниг.: Муҳаммадбоқир Наврӯзӣ. Экотуризм беҳтарин интихоб барои Эрон. – Душанбе: «Шуҷоиён», 2011. – С. 110.
[205] Ниг.: Мухабатов Х.М., Яблоков А.А. Снежный покров Таджикистана. – Душанбе: «Ирфон», 2008. – С. 98.

метавонад 1000 нафар лижаронро қабул намояд[206]. Маҷмааи кӯҳии лижаронии Сафеддара, баъд аз навсозиҳо яке аз муосиртарин мавзеи истироҳатӣ ва лижаронӣ буда, ба тамоми талаботҳои стандарти ҷаҳонӣ барои ҷалби сайёҳон ҷавобгӯй мебошад. Одатан сайёҳии варзишӣ нафаронеро фаро мегирад, ки варзишгарони касбӣ нестанд, яъне онҳо ҳаводорони дастаҳои махсуси варзишӣ мебошанд[207].

Роҳи автомобилгарди «Пуғус – Такоб – Сафед – дара», ки бинобар боришоти зиёди борон ва барф дар ҳолати ногувор қарор мегирад, пайваста дар маркази таваҷҷуҳи ҷамъият қарор дорад ва дар он корҳои васеъкунию ҳамворкунӣ ба таври доимӣ ба амал бароварда мешаванд.

Дар ҳудуди маҷмааи лижаронии «Сафед – дара» барои моҳидорон ҳавз бо 2 ҳазор моҳии гулмоҳӣ сохта шудааст.

Оянда тибқи нақша, илова ба иншооти мавҷуда, роҳбарияти Маҷмааи лижаронии «Сафед – дара» ба нақша гирифтааст, ки дар ин мавзеъ аттраксион барои бозиҳои арғамчинӣ, биноҳои дуошёнаи истиқоматӣ, аспхона ва боғи ҳайвонот, бо паррандаву ҳайвонҳои нодири хонагию ваҳшӣ, аз қабили уштур, хирс, бузи кӯҳӣ, қутос, навъҳои гуногуни сагҳо, рӯбоҳ, шағол, паланг, шер, кенгуру, маймунҳои мухталиф, шутурмурғ ва ғайра сохта ба истифода диҳад.

Баробари сохтмони иншооти номбаршуда, боз садҳо ҷойи нави корӣ таъсис меёбанд, ки барои таъмини аҳолӣ бо кори доимӣ мусоидат менамоянд.

Яке аз абъектҳои таърихии ноҳия Қалъаи Ҳисор аст, ки сайёҳону меҳмононро ба худ ҷалб мекунад. Тибқи таҳқиқоти бостоншиносон дар қалъаи мазкур се давраи таърихӣ ошкор шуд, ки давраи аввал ба охири замони Кушониён (нимаи дуюми асри 4) марбут мебошад.

Давраи дувум ба ибтидои замони Кушониён (асри 1 – 3 мелодӣ). Давраи сеюм аз замони Юнону Бохтар (асрҳои 3 – 2 то мелод) мансуб аст. Баъди барҳам хурдани давлати Кушониён ҳаёт дар қалъа то охири асрҳои миёна барҳам хурдааст. Танҳо асрҳои 18 – 19 баъди ба вуҷуд омадани бекигарии

[206] Ниг.: Мухабатов Х.М., Яблоков А.А. Снежный покров Таджикистана. – Душанбе: «Ирфон», 2008 – С. 98.
[207] Ниг.: Диловаров Р.Д., Ёров Ҷ.Н., Сайфулоев Н.Н. Асосҳои Туризм. – Душанбе, 2014. – С. 42.

Ҳисор ба қароргоҳи бек табдил ёфт. Бастоншиносон аз ин қалъа тангаҳои шоҳони кушонӣ, зарфҳову ҳайкалчаҳои сафолӣ ва ғайра бозёфт кардаанд.

Рушди соҳаи сайёҳиро метавон бо роҳи ташкили инфрасохтори замонавӣ ва муаррифӣ намудани сарватҳои туристӣ таъмин намуд.

Релефи куҳии ноҳия (дараи Варзоб, Ромит) барои рушди куҳнавардӣ ва лижжаронии куҳӣ низ, мусоид мебошад. Рӯзҳои офтобӣ дар ноҳия кифоя аст. Ин имконият медиҳад, ки сайёҳони дохилӣ ва берунӣ нафақат дар фасли тобистон, балки дар баҳор ва тирамоҳ низ, аз мавзеи ноҳия истифода намоянд. Хусусан, дар шароити гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ, мавҷуд будани миқдори зиёди бекорон дар мавзеъҳои куҳистон, водор менамояд, ки дар онҳо сайрхатҳои нави сайёҳиро кушода, муассисаҳои хизматрасонӣ бино намоем Ба ин мақсад дар мавзеъҳои дараи Варзоб, Ромит ва ғайра сайрхатҳои нави сайёҳӣ кушода шудаанд[208].

Сайёҳат қисми ҷудонашавандаи ҳайёти инсон буда, аз қадимулайём одамонро ба худ ҷалб менамуд ва сайёҳон онро дар нақшаву харитаҳо ҳама вақт сабт менамуданд.

Бояд хотирнишон намуд, ки сайёҳӣ дар кишвари мо таърихи тӯлонӣ дорад. Аввалин роҳи ҳаракати сайёҳӣ соли 1965 кушода шуда буд. Минбаъд барои хизмати сайёҳӣ расонидан базаи саёҳии «Варзоб» барои сайёҳии Душанбе, Турсунзода, Кофарниҳон (Ваҳдат) ташкил карда шудаанд. Дар оянда, барои инкишоф додани сайёҳӣ дар дигар мавзеъҳои ҷумҳурӣ хатсайрҳои туристии нав кушода мешаванд. Роҳҳои машингард ва нақбҳое, ки солҳои охир шудаанд, барои минбаъда равнақ ёфтани сайёҳӣ мусоидат менамоянд ва он ба яке аз соҳаҳои муҳимми хоҷагии халқ табдил меёбанд[209].

Ландшафтҳои рекреатсионӣ дар водии Ҳисор, махсусан дар дараи Варзоб, Қаратоғ, Алмосӣ, Ромит, Файзобод ташаккул ёфтаанд.

Мушоҳидаҳои олимон ва мутахасисони соҳаи сайёҳӣ исбот намудааст, ки рушди сайёҳӣ ва рекраетсия дар ҳудуди ин ё он минтақа, на танҳо аз

---

[208] Ниг.: Ибодов Ш.М. Омилҳои дурнамои рушди туризм ва рекреатсия дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор / Ш.М. Ибодов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2018. – №2 (2). – С. 85-88.

[209] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 220.

мусоидии хусусиятҳои иқтисодӣ – иҷтимоӣ, демографӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ вобастагӣ дорад. Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ бо ҷалб намудани захираҳои рекреатсионӣ, дар гардиши хоҷагӣ, пеш аз ҳама дар ташкил ва инкишофи индустрияи рекрекатсия метавонад, яке аз самтҳои муҳимми ҳал намудани масъалаҳои муҳимми иқтисодию иҷтимоӣ, инкишофи ноҳияи иқтисодии Ҳисор гардад.

Бинобар ин, ташкилу тараққӣ додани соҳаи рекреатсия ва бунёд намудани иншоотҳои санаторию курортӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ҳам аҳаммияти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳам маънавӣ дорад. Аз ин лиҳоз, рекреатсия дар солҳои наздик ба як соҳаи муҳимми манфиатбахшу сердаромад табдил хоҳад ёфт.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди рекреатсионӣ мебошад. Дар ҳудуди он 40 намуди ландшафт (манзара), зиёда аз 200 чашма[210], аз он ҷумла 40 чашмаи термалӣ (гарм), 1400 растании шифобахш мавҷуд аст.

Истифода аз асари шифобахшии чашмаҳои Оби Гарм барои дармони бархе аз бемориҳо таърихи чандҳазорсола доранд. Олимону мутахассисон афзалиятнокии соҳаи сайёҳиро нисбат ба дигар соҳаҳои хоҷагии халқ дар шароити кухсор ба вуҷуди маҳдудияти маблағҳо исбот намудаанд. Аз таҳлили адабиётҳои илмию соҳавии соҳаҳои сайёҳӣ ва рекреатсия муайян карда шудааст, ки дар ҳудуди мамлакат мавҷуд будани сарватҳои рекреатсионӣ, махсусан табиию рекреатсионӣ яке аз заминаҳои асосии ташакулёбии сайёҳӣ ва рекреатсия дар оянда шуда метавонад. Аз ин лиҳоз, омӯхтану самаранок истифода бурдани сарватҳои табиӣ – рекреатсионӣ айни замон ниҳоят муҳим мебошад.

Ноҳия дорои захираи зиёди обҳои маъданӣ мебошад, ки аҳаммияти ҷумҳуриявӣ дошта, дар оянда барои беҳтар намудани истифодаи обҳои маъданӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ аҳаммияти бағоят бузург доранд.

---

[210] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 57.

Ноҳияи иқтисодии Ҳисор дорои боигариҳои бебаҳои камомӯхташудаи обҳои шифобахш, манзараю маконҳои табобатӣ – иқлимӣ ва варзишӣ – тандурустӣ низ, мебошад. Захираи обҳои минералию лойқаҳои табобатии дар ноҳия буда, имконият медиҳанд, ки на танҳо талаботи дохилӣ қонеъ гардонида шаванд, балки инчунин, миқдори зиёди беморонро аз хориҷа қабул карда, бо ҳамин Тоҷикистонро дар миқёси ҷаҳон муаррифӣ намоем. Дебити чашмаҳои калони минералӣ, имконияти ташкили 10 ҳазор ҷойи табобатӣ (дар як вақт)-ро таъмин карда метавонанд.

Истифода бурдани имконият ва иқтидори рекреатсионии ноҳияи иқтисодии Ҳисор, барои ҳал намудани як қатор масъалаҳои иқтисодию иҷтимоие, ки дар ноҳия вуҷуд доранд, имконияти васеъ фароҳам меоваранд. Пеш аз ҳама сафи бекорон кам карда мешавад. Ин зарурати ба хориҷа ба кор рафтани коргаронро аз миён мебарад. Даромаде, ки аз ҳисоби фаъолияти муассисаҳои рекреатсионӣ ба даст меояд, буҷети давлатро ғанӣ мегардонад.

Шаҳрҳои асосию шаҳракҳо ба минтақаҳои рекреатсионӣ наздик буда, онҳоро баҳри шакли оммавии истироҳати аҳолӣ истифода бурдан мумкин аст. Тавассути баҳодиҳии комплексӣ, фақат дар минтақаи Ҳисор 7551 км$^2$ қаламрави барои истифодаи рекреатсионӣ мусоид ошкор карда шуд, ки ин 14% – и тамоми қаламрави ҳамин типро ташкил медиҳад. Вале дар ин минтақа ҷой дар осоишгоҳҳо хеле кам аст[211].

Мутахассисон ҳисоб кардаанд, ки дар оянда талабот ба истироҳат аз 943 ҳазор то ба 1,5 млн ҷой мерасад. Вобаста ба ин, барои тамоми намудҳои истироҳат, на камтар аз 270 ҳазор км$^2$ майдони рекреатсиониро тайёр намудан лозим аст. Мувофиқи пешгӯиҳо, дар оянда қисми зиёди аҳолии деҳот, бояд ба корҳои ғайрикишоварзӣ машғул гарданд. Вобаста ба ин, рушди рекреатсия дар ҳудуди деҳоте, ки проблемаи шуғл хело актуалӣ аст, боиси зиёдшавии шуғли аҳолии деҳот ва камшавии муҳоҷират ба дигар ноҳияҳо мегардад.

---

[211] Ниг.: Ғаффоров Ш., Хоҷаев Ғ., Эшбоев А. Захираҳои табиӣ ва вазъи истифодабарии онҳо. – Душанбе: Ҳумо, 2004. – С. 144.

Рекреатсияи табобатию курортӣ, асосан аз рӯйи хусусиятҳои табиӣ – тобобатӣ, иқлимӣ, нишондиҳандаҳои менералӣ, лойқаҳои шифобахш фарқ мекунанд. Хусусиятҳои рекреатсияи тобобатию курортиро ба чунин гуруҳҳо ҷудо кардан мумкин аст: муолиҷа бо унсурҳои иқлим; муолиҷа бо обҳои маъданӣ. Дар алоқамандӣ бо ин, ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки шароитҳои рекреатсияи табобатию курортӣ, бояд ба меъёрҳои тиббию биологӣ мувофиқ бошад.

Сарватҳои табиӣ – табобатӣ хело гуногунанд, баъзе аз онҳо обҳои маъданӣ, лойқаҳои табобатӣ, шароитҳои махсуси иқлимӣ ва ғайра мебошанд, ки барои табобат истифода бурда мешаванд. Ҳудудҳои табиие, ки барои истифодабарӣ ҳамчун курорт мувофиқанд, дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор, ин осоишгоҳҳои Шоҳамбарӣ, Хоҷа Оби Гарм ва Явроз мебошанд. Ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки шумораи хоҳишмандоне, ки саломатии худро дар курортҳо барқарор кардан мехоҳанд, рӯз то рӯз меафзояд. Аз ин рӯ, ҳаматарафа омӯхтани табиати ноҳия ва бунёд кардани истироҳатгоҳҳои замонавӣ, барои тамоми кишвар аҳаммияти иқтисодӣ дорад. Ҳар яке аз ин минтақаҳо дорои ба худ хос шароити табиӣ мавқеи иншоотҳои географию сайёҳӣ ва муолиҷавӣ мебошанд[212].

Аксар аз чашмаҳои маъдании кишвар, дар таркибашон чандин унсурҳои кимиёвӣ доранд, яъне таркибашон бағоят мураккаб аст, ки он қиммати табобатиашонро баланд мебардоранд. Мавҷудияти захираҳои фароғатии табиӣ хусусиятҳои зиёди маъданӣ дошта, манбаи осоиш ва инкишофи сайёҳии рекреатсионӣ ба ҳисоб мераванд.

Сайёҳии табобатӣ ва беҳдошти он дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор, яке аз бахшҳои муҳимтарини соҳаи сайёҳӣ ба шумор меравад, ки садҳо туристони дохилӣ ва хориҷӣ дар ин маконҳо истироҳат мекунанд.

**Осоишгоҳи Хоҷа Оби Гарм** соли 1935 таъсис ёфта, 48 км дуртар дар самти шимоли шаҳри Душанбе, дар баландиҳои 1700 – 1900 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шудааст[213]. Осоишгоҳ дар минтақаи зебоманзар ҷойгир шуда, аз

[212] Ниг.: Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. – С. 221.
[213] Ниг.: Қурбоншо Ё.К. Погода, климат и наше здоровье. – Душанбе: «РТСУ», 2013. – С. 24.

растаниҳои табиӣ бой буда, иқлими мусоид барои табобатро дорост. Дар ин ҷо табобатгирандагон як қатор касалиҳои занона, ҳангоми набудани шидатнокии касалӣ ва инчунин, касалиҳои дилу раг, пуст ва узвҳои ҳозима тавсия карда мешаванд. Бисёре аз сайёҳони дохилӣ ба осоишгоҳи Хоҷа Оби Гарм барои гирифтани буғи табиӣ меоянд. Дар осоишгоҳ, дар як мавсими табобатӣ имконияти қабули зиёдтар аз 900 нафар муштариён мавҷуд аст, ки барои табобати бемориҳои асаб, буғумдард, плексид ва дигар касалҳо фаро гирифта мешаванд.

**Осоишгоҳи Шоҳамбарӣ** дар масофаи 25 км дуртар аз шаҳри Душанбе, дар баландии 1100 – 1150 м аз сатҳи баҳр, дар байни талу теппаҳои хушманзараи қаторкуҳи Ҳисор ҷойигир шудааст.

Соли 1952 сохтмони осоишгоҳ оғоз гардид. Сол то сол талабот барои муолиҷа дар осоишгоҳ зиёд шудан мегирифт. То соли 1974 дар осоишгоҳ касалиҳои меъдаву рӯда, яъне узвҳои ҳазмкунанда, касалиҳои асаб, касалиҳои занона, касалиҳои пуст, касалиҳои узвҳои ҳаракаткунандаро табобат мекунанд.

Дар як мавсими табобатӣ имконияти қабули зиёдтар аз 1500 нафарро дорост.

Таркиби оби маъдании Шоҳамбарӣ аз унсурҳои сулфат, хлорид, натрий ва дигар маъданҳо иборат аст. Ҳарорати оби он 37 то 42 дараҷа аст[214]. Бо таркиби физикӣ – химиявӣ, бо хосияти шифобахшии худ дар радифи обҳои маъдании Есантукӣ, Барҷомӣ ва ғайра машҳур аст.

Барои рушди намудҳои гуногуни сайёҳӣ, таъсиси инфрасохтори зарурӣ, омода намудани маводи иттилоотӣ ва хатсайрҳои нав дар мавзеъҳои гуногуни кишвар, инчунин, такмили қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти соҳа, чораҳои зарурӣ андешида, лоиҳаи Стратегияи рушди сайёҳиро барои давраи то соли 2030 омода ва қабул шудааст.

Гарчанде дар Тоҷикистон захираҳои рекреатсионӣ ва сайёҳӣ зиёданд, вале ба сабабҳои паст будани мақоми иҷтимоию иқтисодӣ, ин соҳа ба дараҷаи кофӣ рушт наёфтааст. Дигар сабаби ин вазъият дар сатҳи паст қарор

[214] Ниг.: Муҳаббатов Х. Ганҷинаи табиати Тоҷикистон. – Душанбе: «Ирфон», 1987. – С. 48.

гирифтани таҳқиқоти илмию истеҳсолӣ, номукаммалии инфрасохтор мебошад[215].

Яке аз масъалаҳои ҳалталаб барои рушди сайёҳӣ, ин баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонию мусофиркашонӣ аз ҷониби Ширкати ҳавопаймоии давлатии «Тоҷик Эйр» ва Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» мебошад[216].

Ҳамин тариқ, азхудкунии захираҳои рекреатсионии минтақаҳои ноҳияи иқтисодии Ҳисор, дар оянда якҷоя ба масъалаи таъминоти илмии тараққиёти ин самтро ҳал намудан лозим аст. Баҳо додан ба кору вазифаҳои дарпешистода, муайян намудани устувории ландшафтҳо ба сарбории рекреатсионӣ, муайян намудани иқтидор ва ғунҷойиши рекреатсионии ҳар як ҳудуд, васеъкардании нуқтаҳои мушоҳидаи компонентҳои алоҳидаи табиат дар минтақаҳои алоҳида, шабакаи мушоҳидакуниҳои статсионарӣ, гузаронидани таҳқиқотҳои сотсиологӣ, тиббӣ – биологӣ ва ғайраҳо аз қабили ҳамин масъалаҳо мебошанд.

Рушди соҳаи сайёҳӣ дар ноҳия ва ҷалби сайёҳон, метавонад дар пешрафти ноҳия ва пайдо намудани ҷойҳои кории нав мусоидат намояд.

